ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 65.9 (2) 32

ҶУМАЕВ НАҶМИДДИН АБДУЛЛОЕВИЧ

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ
(дар асоси маводҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ:

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Шарифов Зариф Раҳмонович

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо……. 2

МУҚАДДИМА…… 3

Боби I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАКМИЛИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ..... 17

1.1. Моҳияти илмии муайянкунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ..... 17

1.2. Ҷойгиркунӣ, принсипҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ 32

1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ..... 48

Боби II. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛУ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ВА БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРД..... 64

2.1. Ҳолати кунунии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор..... 64

2.2. Баҳодиҳии сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор..... 80

2.3. Таҳлили иқтидори иқтисодии водии Ҳисор барои рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ..... 95

Боби III. РОҲҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ..... 113

3.1 Рушди муносибатҳои ҳамгироӣ-шакли такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ..... 113

3.2. Технологияи инноватсионӣ-асоси стратегияи рушди корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ 127

3.3. Дастгирии давлатӣ-омили такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ..... 142

ХУЛОСА..... 158

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..... 165

Номгӯйи ихтисораҳо

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда

ИА - Иттиҳоди Аврупо

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттадиҳаи Амрико

КАС – Комплекси агросаноатӣ

КИТТК – Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ

КП – Кооперативи тиҷоратӣ

КХ – Корхонаҳои хурд

КХМ – Корхонаҳои хурду миёна

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

ҶС – Ҷамъияти саҳомӣ

ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода

ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

МИҲД – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

МОИ – Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

МЭҲ – Машинаҳои электронии ҳисоббарор

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

НФАИ - Навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ

ОКМ - Омилҳои калидии муваффақият

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СМР – Стратегияи миллии рушд

СҲИР - Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд

СУС - Созмони умумиҷаҳонии савдо

СХМ - Соҳибкории хурду миёна

ФДҒ - Фарсудагии дороиҳои ғайрифаъол

ЧКШ – Чорвои калони шохдор

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ сиёсати давлат бештар ба самти тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ҳамчунин ба содирот нигаронидашудаи маҳсулоти ниҳоии саноативу кишоварзӣ бо роҳи рақамикунонии иқтисодиёт, истифода аз техника ва технологияи инноватсионӣ, ҳар чи бештар коркарди ашёи хоми кишоварзӣ бо истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат ба ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи агросаноатӣ ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ, баҳрабардории самаранок аз иқтидорҳои воқеии иқтисодӣ, таҳкими рақобати тавлидгарони ватанӣ ва ба ин механизм ба рафъи мушкилоти мубрами иҷтимоӣ-иқтисодӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодааст.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [21] яке аз самтҳои бунёдии фаъолият дар арсаи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ «Рушди соҳибкории хурд дар деҳот ва ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди маҷмуавии маҳсулоти кишоварзӣ» [21, С. 86] дарҷ карда шудааст.

Ҳамчунин, дар «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [19], ки 28-уми декабри соли 2024 ироа шуд, қайд гардидааст: «Бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд» [19, С. 18-19].

Маҳз дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон барои рушду тақвияти фаъолияти соҳибкории аҳолӣ корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шароит фароҳам оварда, манбаи пур кардани буҷети хонаводагӣ, маҳаллӣ ва давлатӣ гардида, дар натиҷа заминаҳои муосири рушди устувори иқтисодиётро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, ҷойгиркунии

корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ, гузариш ба самти рушди устувори иқтисодиёти водии Ҳисор ва кулли минтақаҳои кишвар аҳаммияти калон дорад. Чунки солҳои охир ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, аммо талафёбии он ҳоло ҳам мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад. Сабаби асосии талафёбии маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ ин нобаробар ҷойгиршавии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад, ки боиси ба қадри кофӣ коркард нагардидани маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ гардида истодааст. Чунки дар шароити муосир «Комплекси агросаноатии Тоҷикистон танҳо 20 фоизи маҳсулоти кишоварзиро коркард менамояд» [21, С.68]. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки талафоти он то андозае кам ва аҳолии мамлакат бо ғизои хушсифат тамоми сол таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, такмили ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ имкон медиҳад, ки коркарди маҷмуавии маҳсулоти кишоварзӣ бештар ба роҳ монда шавад.

Аммо, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали гузариш аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи нахусти гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ бунёди корхонаҳои бузурги агросаноатӣ, махсусан дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷониб душвор мебошад. Вобаста ба ин, дар ин самт, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, бахусус «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Саноатикунонии босуръати кишвар», таъсис ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ бо мақсади самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудаи водии Ҳисор мувофиқи мақсад мебошад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши сатҳу равиши такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои назаррас дар таъмини рушди устувори иқтисодиёт мубрамии мавзуи таҳқиқотро ба миён меорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар адабиёти иқтисодии хориҷӣ ва ватанӣ ба таҳқиқот оид ба такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Асосҳои назариявӣ ва такмили фаъолияти корхонаҳо дар андозаҳои гуногун, масалан микро, хурд, миёна ва калон дар таълифоти илмии классикон ва неоклассикони иқтисодиёт, аз қабили Й.А. Шумпетер [108, 109], Э. Пенроуз [89], А. Купер [34] ва дигарон заминагузорӣ шуда буданд.

Минбаъд ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои хурду миёна дар соҳаҳои гуногун, таҳлили муқоисавии корхонаҳои хурду миёна аз корхонаҳои бузург дар бисёр корҳои таҳқиқотии олимони муосири хориҷӣ, аз ҷумла Г. Браун [62], Д. Стори [169, 170], А. А. Александрова [112], Л.Л. Гишкаев [122], М.В. Кочановский [190], И. Краснов [139], С.Н. Глаголев [123], К.Ж. Исмагулов [134], А.А. Атамазова [113], В.Я. Горфинкел [67], О. Николеску [84, 85], Т.Г. Мироседи [145], Г.В. Подбиралина [91], А.К. Гусев [125], А.В. Виленский [120], Э.А. Варданян [184] ва бисёри дигарон баррасӣ гардидаанд.

Солҳои охир олимони муосири ватанӣ ба масъалаи омӯзиши соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои кишоварзиву саноат, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Оид ба асосҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна олимони ватанӣ аз ҷумла Ҳ. Қурбонов [77], С. Тоҳиров [101], Н.М. Аҳмадбеков [114], П.Н. Муллоев [147, 192], Х.Х. Джураева [186], З.Х. Лолаев [191], Қ.К. Толибов [198], Ф.Ҳ. Самадзода [164], С.Ҳ. Ҳикматов [152], А. Рауфӣ [159], М.А. Маҳмудов [144], С.И. Абдуллоев [111], М.И. Турсунова [177], С.Д. Раҳимов [157, 197], М.Б. Самиева [165], К.К. Шодиев [182, 199], Д.П. Бойматова [117], С.Х. Ҳабибов [104], Б.Қ. Наимов [193] ва дигарон саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Инчунин, олимони хориҷӣ ва ватанӣ В.Г. Гусаков [124], А.И. Татаркин [44], Ш.Н. Намозализода [150], Д.Н. Дадоматов [185], Т.Д. Низамова [151], Д.Ш. Пиризода [196], М.Р. Раҳматуллоева [158] ва дигарон оид ба ташаккул ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, нақши саноати

коркард ва самаранокии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқот анҷом дода, ақидаҳои мухталиф пешниҳод намудаанд.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҷониби олимони барҷастаи ватанӣ Ҷ.С. Пиризода [195], У. Шарофов [107], А.М. Раҳимов [160] ва муҳаққиқон М.Н. Ҳусайнов [153], Ф.С. Юсуфзода [200] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар робита ба ин, таҳқиқгарон Н. Хоналиев[180], А.А. Мадаминов [143], А.А. Назаров [149], И.И. Каримов[189], Т.Т. Муслихова [148], Т.А. Имомназарова [187] ва дигарон оид ба ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ, бахусус ҷойгирнамоии ҳудудӣ ва махсусгардонии соҳибкории хурд ва миёна таҳқиқот анҷом дода, андешаҳои мухталиф иброз намудаанд.

Бояд иброз намуд, ки дар тадқиқоти олимони хориҷӣ ва ватании дар боло зикргардида ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар ин ё он соҳа ба таври умумӣ инъикос гардидаанд, ки тавассути онҳо таърихи омӯзиши соҳибкорӣ; тадқиқи соҳаи соҳибкории хурду миёна; баҳогузории самаранокии фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзӣ; хусусиятҳои минтақавии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, муаммоҳои инфрасохторӣ ва ғайра баррасӣ мешаванд.

Аммо, олимон ба асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мутобиқ намудани омилҳое, ки ба мукаммалгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор таъсиррасонанда, ҳолати оптималикунонии низоми ҷойгиркунӣ ва омилҳои таъсиррасон ба низоми ҷойгиркунӣ, асосноккунии назария ва амалияи дар водии Ҳисор ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи рушд ва истифодаи иқтидори водӣ, инфрасохтор ва талаботи бозор ба маҳсулоти коркардшудаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи лозимаи таҳқиқиро надодаанд, ки ин моро водор намуд мавзуи рисолаи диссертатсиониро интихоб ва мақсаду ҳадафҳои тадқиқоти худро дар ин самт муайян намоем.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо ҳуҷҷатҳои муҳим ва стратегии кишвар, аз қабили

«Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [21], «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2030» [22], «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» [5], «Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» [3], «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» [10], «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» [1], «Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» [4] ва дигар қарорҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна» алоқамандии мустақим дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мубрамияти мавзуъ бо аҳаммияти ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи агросаноатӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии саноативу кишоварзӣ дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шакли аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ, баҳрабардории самаранок аз иқтидорҳои воқеии иқтисодӣ, саноатикунонии кишоварзӣ, таҳкими рақобати тавлидгарони ватанӣ ва ба ин механизм ба рафъи мушкилоти муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ асоснок карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот аз омӯзиши асосҳои консептуалии назариявӣ-методологӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмил додани механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва муайян кардани роҳҳои баландбардории самаранокии он дар хоҷагиҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Вобаста ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳум, моҳият ва мазмуни иқтисодии корхонаҳои хурду миёна ва ҷойгиркунии онҳо, таҳия ва асосноккунии тавсияҳо оид ба ошкор кардани нақши ҷойгиркунӣ дар низоми идоракунӣ ва самаранокии истеҳсол ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ;

2. Муайян кардани принсипҳо ва критерияҳои ташаккулёбӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёна ва механизми танзими онҳо, омӯзиши ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дар давлатҳои хориҷӣ ва имконоти татбиқи он дар корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Таҳлил ва баҳодиҳии тамоюли рушди истеҳсол ва сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, баҳо додан ба иқтидор ва арзёбии имкониятҳои рушди водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;

4. Таҳияи модел оид ба такмилдиҳии робитаҳои ҳамгироии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;

5. Таҳия ва асоснок намудани модели ҷойгиркунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

6. Асоснок ва муайян намудани самтҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна ва коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили механизми дастгирии давлатии молиявӣ дар ин самт.

Объекти таҳқиқот. Муайян намудани равандҳои такмили механизми ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар соҳаи соҳибкории хурду миёнаи иқтисодиёти водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Мавзуи таҳқиқот. Муносибатҳое мебошад, ки дар раванди рушди шаклҳои корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф меёбанд.

Фарзияи таҳқиқот. Фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқотро муқаррароте дар бар мегиранд, ки дар ҳолати ҷойгир намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркард вобаста ба ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду ҳадафи олии мамлакат «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Саноатикунонии босуръати кишвар» замина фароҳам меоварад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба корхонаҳои хурду миёна, бахусус такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ташкил менамояд. Таваҷҷуҳи номукаммали олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба масъалаҳои асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методологӣ, омилҳои ба ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна таъсиркунанда, мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, инфрасохтор ва талаботи бозор зарурияти таҳқиқоти мазкурро ба амал оварда.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати сарчашмаи асосии маълумот дар кори диссертатсионӣ Паёмҳои солонаи Президенти мамлакат, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории раёсатҳои омор ва раёсатҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи корхонаҳои саноати коркард ва ғайра ташкил додаанд.

Инчунин, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқоти мазкурро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияву барномаҳои соҳавӣ, маводҳои ҳисоботию омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2020-2025), Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҳисоботи солонаи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, нашрияҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва маводҳои таҳқиқотии муаллиф ташкил медиҳанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Корҳои таҳқиқотӣ дар назди кафедраи молия ва қарз дар КАС-и факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур гузаронида шудаанд. Инчунин дар таҳқиқот маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии ДАТ ба номи Ш. Шоҳмемур, маводҳои корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзии НТҶ истифода гардидаанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар рафти таҳқиқот усулҳои гуногун, аз ҷумла таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ , иқтисодӣ-математикӣ ва мушоҳида-ҳои шахсии муаллиф истифода бурда шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳияи муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми муносибгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркардкунандаи саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, таҳқиқи самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити иқтисодиёти водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиб ёфта, бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Мафҳум ва моҳияти иқтисодии корхонаҳои хурду миёна бо дарназардошти рушди низоми нави муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ арзёбӣ ва пешниҳод шудааст. Дар заминаи омӯзишу пажуҳишҳои олимони хориҷию ватанӣ собит шудааст, ки дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ мафҳуми илмии корхонаҳои хурду миёна дар алоқамандӣ ба дараҷаи рушди иқтисодиёт, дар соҳаҳои алоҳида, ки онҳоро ҳаҷман аз корхонаҳои калон ҷудо менамояд, пешниҳод карда нашудааст. Бештари мафҳумҳои пешниҳодгардида умумӣ буда, мундариҷаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна бештар хусусияти пайравӣ аз намунаҳои мавҷударо дошта, бидуни фарқ аз кишварҳои тараққикарда ғояҳои навоварӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Ҳамзамон, омили маҳдудкунандаи асосии рушди корхонаҳои хурду миёна аз нуқтаи назариявӣ мавҷуд набудани критерияи ягонаи ҳаҷман фарқкунандаи шаклҳои гуногуни корхонаҳо мебошад.

Аз нигоҳи мо корхонаҳои хурду миёна – ин як навъ фаъолияти мустақилонаи соҳибкорӣ буда, андозаи он вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар бо критерияҳои маҷмуии қонунан барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар алоҳидагӣ муайяншуда, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи дилхоҳ фаъолияткунанда, фаҳмида мешавад;

2. Принсипҳо, критерияҳо ва таснифоти фаъолияти корхонаҳои хурду миёна таҳқиқ ва маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати банизомдарории он пешниҳод гардида, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии таснифи корхонаҳои хурду миёна асоснок карда шудааст. Мафҳуми «критерияи маҷмуӣ», ки категорияи корхонаҳоро аз рӯйи теъдоди кормандон, даромади умумии солона, дороиҳо ва сифати он, иқтидори коркард ва ҳаҷми истифодабарии иқтидор муайян карда мешавад, пешниҳод ва шарҳи он аз ҷониби муаллиф дода шудааст.

Инчунин, дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ҷиҳати ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна, ҷузъҳои таркибии он, ба монанди низоми ташкилӣ-иқтисодӣ, дастгирии давлатӣ тавассути ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ бо истифода аз хусусияти институтсионалӣ, ташкилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, машваратӣ ва иттилоотӣ ҷудо карда шуда, имконияти татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

3. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили амиқ ҳолати имрӯзаи ҳаҷми истеҳсол ва сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва ба ҳолати корхонаҳои хурду миёна баҳои иқтисодӣ дода шуда, роҳҳои асосии афзунсозии ҳаҷми истеҳсол ва пешгирии талафёбии маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ муфассал пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин, роҳҳои асосии ташкил ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба иқтидори иқтисодии водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо усулҳои гуногун аз ҷумла: бо дарназардошти

иқтидори захираҳои моддӣ-молиявӣ, инноватсионӣ, меҳнатӣ, инфрасохторӣ ва сармоягузорӣ ҷойгир намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоврзӣ пешниҳод карда шуданд;

4. Оид ба такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор бо дарназардошти талаботу пешниҳодот, ҳаҷми истеҳсол ва коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ, ҳам барои корхонаҳои истеҳсолкунанда ва корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам барои субъектҳои фурӯшандаи ин маҳсулот дар бозори минтақавӣ, ки дар натиҷа ба кооператсия ва ҳамгироии минбаъдаи комплекси агросаноатӣ дар асоси ҳамгироии амудӣ самт гирифтааст, модели муносибатҳои ҳамгироӣ таҳия ва пешниҳод шуданд;

5. Ҷиҳати таъмин ва дастрасии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба хатҳои технологии инноватсионӣ дар диссертатсия модели «Агросаноатлизинг» пешниҳод карда шудааст. Истифода аз хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ самаранокии модели «Агросаноатлизинг» дар мисоли корхонаҳои хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагин дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шуда, дурнамои рушди он муайян карда шудааст;

6. Механизми дастгирии давлатии рушди корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла такмили сиёсати сохтории дастгирии молиявӣ, таҳлили муҳити институтсионалӣ ва сохторию вазифавии фаъолияти мақомоти давлатии танзим ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, муайян намудани мушкилоти мавҷудаи ҳавасмандиҳои молиявӣ, андозӣ-гумрукӣ, қарзӣ, сармоягузорӣ ва лизингии дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна ва таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати бартарафсозии он пешниҳод шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- ҷабҳаҳои назариявии мафҳум ва моҳияти корхонаҳои хурду миёна ва методологияи такмили ҷойгиркунии онҳо, принсипҳо ва критерияҳои муайянкунандаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна дар кишварҳои хориҷӣ ва имконоти

татбиқи натиҷаи пешқадами онҳо дар амалияи корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида шудааст;

- ҳолати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи коркарди саноатии он дар водии Ҳисор, инчунин мавқеъ ва иқтидори иқтисодии водӣ ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳлил ва баҳои иқтисодӣ дода шуд;

- зарурияти таҳияи модел ва таклифу пешниҳодҳо оид ба такмили муносибатҳои ҳамгироӣ, асосноккунии равандҳои ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ҳамчун асоси рушди стратегии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муайян ва асоснок карда шуд;

- маҷмуи тадбирҳои дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулои кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рақамикунонии он пешниҳод карда шуд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки мафҳум, моҳият, принсипҳо, критерияҳо ва нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда ва тавсияҳои муаллиф оид ба такмилдиҳии механизми ташкили корхонаҳои хурду миёнаро метавон ҳангоми қабул ва тағйири санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа, таҳияи барномаҳо ва консепсияҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва водии Ҳисор истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таъсиси корхонаҳои хурду миёна аз ҷониби соҳибкорон ва ҳангоми таҳияи қарор, дастурамалҳо, тавсияҳо ва нақша-чорабиниҳои мақоми танзимкунанда ва дастгирикунандаи давлатии соҳибкорӣ истифода намудан мумкин аст. Ҳамчунин, хулосаву тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллифро мутахассисон ва кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти андозу гумрук, бонкҳо, ташкилотҳои суғуртавӣ, лизингӣ, сармоягузорон ва ғайра метавонанд ҳамчун дастур истифода намоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути таҷрибаҳо, мукаммал будани таҳқиқот, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми зарурии маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳои илмӣ эътимоднокии худро асоснок мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ иҷро карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи рисола ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқ аст: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии бунёд ва фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар комплекси агросаноатӣ ва маҳалли деҳот; 34. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии тараққиёти корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 37.Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ; 53.Масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташкил, ҷойгиркунӣ шиддатноккунонӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ (растанипарварӣ, чорводорӣ, соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ); 55. Оптималикунонии соҳаҳои кишоварзӣ ва самаранокии иқтисодии ҷойгиркунонии корхонаҳои коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ; 63. Ташкил ва рушди корхонаҳои хурд ва миёнаи коркарди саноатӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи марҳилаҳои амалигардонии таҳқиқи диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, таҳияи мубрамияти кор, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуданд. Ҳамчунин, мафҳум, принсипҳо ва критерияҳои андозаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, тамоюли рушди онҳо, самаранокии фаъолият, рушди муносибатҳои ҳамгироӣ, ҷоринамоии технологияи инноватсионӣ ва самтҳои дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушд дар корхонаҳои хурду

миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи муаллиф таҳлил ва пешниҳод карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ, илмию амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дар давраи солҳои 2019-2025 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти методӣ ва амалии дар рафти омӯзиш таҳияшуда дар раванди ташаккул ва такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамоянд, ки муҳимтарини онҳоро чунин хулоса намудан мумкин аст:

- тавсияҳо оид ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна бо дарназардошти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии коркардшаванда ва иқтидори иқтисодӣ;

- ҷузъҳои алоҳидаи навовариҳои илмӣ-методӣ дар ҷараёни таълими фанҳои ташкили фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ, молия ва қарз дар КАС, иқтисодиёти КАС ва рақамикунонии иқтисодиёт, ташкили истеҳсолоти кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар гурӯҳҳои таълимӣ истифода карда мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дар ҳаҷми умумии 1,9 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, дар маҷаллаву нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаи мақолаҳои илмии натиҷаи кори конфронсҳои илмӣ-амалӣ, байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ 10 мақола, дар ҳаҷми 2,5 ҷузъи чопӣ дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори кор. Дисертатсия дар ҳаҷми умумии 184 саҳифа таҳия карда шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, номгӯйи сарчашмаҳои истифодашуда, дар ҳаҷми 200 номгӯй иборат аст. Дар он 36 ҷадвал ва 12 расм ҷойгир карда шудааст.

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз натиҷаи таҳқиқоти бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Дар боби аввал - «Асосҳои назариявӣ-методологии такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ» моҳияти илмии муайянкунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҷойгиркунӣ, принсипҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи андозаи корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёна мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми таҳқиқот - «Таҳлили ҳолати муосири рушди истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва баҳодиҳии иқтидори ҷойгиркунии корхонаҳои коркард», таҳлили динамикии ҳолати кунунии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баҳодиҳии сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ гузаронида шуда, иқтидори иқтисодии водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муайяну мушаххас карда шудаанд.

Дар боби сеюм - «**Роҳҳои асосии такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ**», рушди муносибатҳои ҳамгироӣ ҳамчун шакли асосии такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, технологияи инноватсионӣ-асоси стратегияи рушди корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва самтҳои дастгирии давлатӣ корхонаҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАКМИЛИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

1.1. Моҳияти илмии муайянкунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ заминаи ашёи хоми кулли соҳаҳои саноати коркард маҳсуб ёфта, қисми таркибии КАС мебошад. Саноати коркард бошад аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта, на танҳо эҳтиёҷоти аҳолиро ба як қатор маҳсулоти асосии хӯрока қонеъ менамояд, балки дар мамлакат сатҳи зиндагиро инъикос намуда, ин ду соҳаи муҳим аз корхонаҳои ҳаҷман гуногун таркиб ёфтаанд.

Рушди иқтисодиёти муосир ба фаъолияти корхонаҳои ҳаҷман гуногун - калон, миёна ва хурд асос ёфтааст, ки нақши онҳо дар даҳсолаҳои охир ба таври куллӣ дигаргун шудааст. То солҳои 60-70-уми асри гузашта корхонаҳои хурд (КХ) ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори корхонаҳои калон ба ҳисоб мерафт. Олимони хориҷиву ватанӣ давоми солҳои зиёд ақидаҳои гуногунро оид ба хусусиятҳои корхонаҳои калон, миёна ва хурд изҳор намудаанд.

Мулоҳизаронӣ оид ба паҳлуҳои назариявӣ ва нақши КХ дар иқтисодиёт аз солҳои 1900 оғоз гардидааст. Олим-иқтисоддон Й.А. Шумпетер ширкатҳои хурдро ҳамчун «Ҷойи тамаркузи инноватсия ва тағйирёбиҳои ба низоми иқтисодиёт шомилшаванда» [108] мавриди баррасӣ қарор дода буд. Аммо, ӯ дар соли 1942 қайд намуд: «Чунин далелро ба назар гирифтан зарур аст, ки корхонаҳои калон ба муҳаррики нисбатан пурқуввати прогресс табдил ёфтаанд» [167]. Тағйирёбии мавқеи ӯро метавон аз лиҳози назарияи мавҷҳои тулонии чорум (1930-1975) шарҳ дод, чунки дар ҳамин вақт азхудкунии истеҳсолоти оммавӣ сабаби калонкунии корхонаҳо гардид. Ӯ дар оғози асри XX қайд намуд: «Ширкатҳои бузурги инҳисории иқтидори нисбатан калони илмӣ, истеҳсолӣ ва молиявӣ бо гузашти вақт корхонаҳои хурдро ба коми худ мекашанд» [108]. Дар ин давра аксари олимон корхонаҳои калонро ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёт арзёбӣ менамуданд.

Д. Рикардо низ вазифаи соҳибкорӣ ва вазифаи моликиятро ба сармоя монанд карда буд. «Яке аз сабабҳои ғайриимкон будани тақсим кардани ин вазифаҳо дар он ифода меёбад, ки шакли асосии моликият ҳангоми авҷи инқилоби саноатӣ дар Англия (солҳои 40-уми асри XIX) КХ ё миёнаи оилавӣ буд, ки воридшавии сармояро соҳиби он, хешу таборон ё дӯстон таъмин менамуданд» [58, С.426]. Чунин фаҳмишҳои КХ ҳамчун аҳаммият ва дурнамои рушднадошта барои таҳқиқоти махсуси он заминаро пайдо накард.

Дар миёнаи солҳои 1960-ум муҳаққиқи амрикоӣ А.Купер ба чунин хулоса омад: «Корхонаҳои хурд бештар сарчашмаи рушди иқтисодиёт шуда истодаанд». Ӯ омилҳои дохилии зерини мусоидаткунандаи афзалияти КХ-ро нишон дод: «Тахассуснокӣ ва эҷодкории нисбатан баланди ҳайати кормандон; ҷалби нисбатан амиқ ва ҳавасмандии кормандон дар натиҷаҳои умумии бизнес; робита ва мутобиқати нисбатан арзон, фаврӣ ва самаранокӣ» [34].

Иқтисодчиёни барҷастаи амрикоӣ Ҷ.К. Гэлбрэйт ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XX бартарии корхонаҳои калонро нисбат ба КХ дар масъалаи «имкониятҳои афзалиятноки захираҳои молиявӣ, назорат аз болои нархҳо ва ташаккули афкори марбута оид ба корхонаҳо дар ҷомеа» [70]. тавзеҳ дода буд. Г. Браун бошад иброз медорад: «Танҳо корхонаҳои калон метавонанд аз ҳисоби хароҷоти нисбатан ками шартӣ -доимии худ, ки «сарфаҷӯйӣ дар андозаи истеҳсолот» номида мешавад, самаранок бошанд» [62, С. 8].

Баъдтар бо шиддат гирифтани тамоюлоти буҳронӣ (1970-1980) коҳиш ёфтани самаранокии корхонаҳои калон ба амал омад. Ҳангоми зиёд гардидани талабот ба маҳсулоти оммавии саноатӣ, ки дар асоси технологияи мавҷи тулонии чорум истеҳсол мешуданд аз истеҳсолоти оммавӣ ба истеҳсолоти фардӣ гузаштан таъкид карда мешуд. Унсури зикрёфта ба қавӣ гардидани бахши КХ мусоидат намуд, чунки он нисбатан самаранок буда, ба шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёт ва

талаботи истеъмолкунандагон ба таври фаврӣ қобилияти мутобиқшавиро дорад.

Ин нуқтаро иқтисодшинос В.Е. Дементьев низ тасдиқ ва қайд менамояд: «Дар аввали солҳои 1970-ум дар ИМА тезиси «хурд - хуб» эълон карда шуд. Давоми солҳои 1970-1980 дар ИМА дар натиҷаи шиддатёбии фишор аз тарафи рақибони хориҷӣ суст гардидани корхонаҳои калон дар соҳаҳои металлургияи сиёҳ, автомобилбарорӣ ва саноати нассоҷӣ ба амал омад. Ва баръакс, аз ҳисоби афзуншавии нақши бахши хизматрасонӣ дар иқтисодиёти ИМА мавқеи КХ мустаҳкам гардид» [71, С. 11].

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар солҳои 70-80-уми асри XX баҳогузории нақши корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар рушди иқтисодиёт ба таври қатъӣ тағйир ёфт. Новобаста аз афзоиши иттиҳодияҳои бузург, баъзе маълумоти оморӣ зиёдгардии миқдор ва натиҷаҳои иқтисодии КХ-ро нишон медоданд.

Ҳамчунин, таҳқиқоти аҳаммиятноки эмпирикие, ки нақши нави КХ-ро дар рушди иқтисодиёт инъикос намудааст, таҳқиқоти Д. Болтон (J. Bolton) ва Д.Берч (D.Birch) мебошанд. Д.Болтон, ки Кумитаи парламенти Британияи Кабирро роҳбарӣ мекард, соли 1971 Ҳисобот оид ба бизнеси хурдро таҳия намуд, ки дар он: «Дар асоси таҳлили муқоисавии рушди КХМ вазифаҳои муҳиммеро нишон дод, ки бизнеси хурд дар иқтисодиёт иҷро менамояд, тавсифоти сифатии калидии ширкатҳои хурдро муайян намуд ва ба КХ муайянкунии «оморӣ» ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ асосёфтаро дод» [61]. Иқтисодчии америкоӣ Д.Берч, маълумоти оморӣ солҳои 1969-1976-ро таҳлил намуда, нишон дод: «КХ қисми асосии машғулинро ва тақрибан 80% зиёдшавии мутлақи ҷойҳои кориро таъмин мекунанд» [55]. Қиёскунии нишондиҳандаҳои фаъолияти КХМ имконият фароҳам намесохтанд, ки дар бораи самаранокии нисбатан баланди корхонаҳои миқёсан гуногун андешароиҳои ҳамсон карда шаванд. Таҳқиқоти муқоисавии маълумоти КХМ, ки А.Бизаге солҳои 80-уми асри XX дар Фаронса гузаронд, бартарии КХМ-ро аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо инъикос намуд. Масалан, «Арзиши иловашуда

ба ҳар воҳиди инвеститсия дар бахши КХМ назар ба бизнеси калон 1,4 маротиба баландтар будааст» [54, С. 127]. Ғайр аз ин, маълум гардид, ки бизнеси калон барои рушди муҳити рақобаткунанда ҳавасманд нест ва танҳо КХМ ҳангоми гузаронидани сиёсати марбута қобилият доранд, ки барои монополизатсия кардани иқтисодиёт монеъ шаванд.

Тибқи андешаи олими машҳури британиявӣ Д. Стори (D.J.Storey), «сабабҳои асосии зерин зиёдгардии аҳаммиятнокии КХМ-ро дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда мефаҳмонанд:

- ноустуворӣ ва диверсификатсияи талабот, фардикунонии эҳтиёҷот, ки эътинои мавзунро ба тағйирёбии муҳити берунӣ пешбинӣ менамояд;
- тағйирёбии сохтори талабот, ки зиёдшавии нисбатан босуръати эҳтиёҷотро ба хизматрасониҳои асосан дар бахши бизнеси хурд рушдкунанда нишон медиҳанд;
- таҳаввулоти технологӣ дар истеҳсолот: таҳия ва амалисозии технологияи зеҳнталаб, ки ба василаи корхонаҳои хурд ба таври самаранок амалӣ карда мешавад;
- таносуби баланди бекорон, ки барои онҳо кор дар доираи корхонаи хурд, асосан имконияти ягонаи ба даст овардани даромади ҳадди ақали зарурӣ мебошад;
- гузаронидани сиёсати давлатии мақсадноки ба дастгирии рушди бизнеси хурд ва миёна равонашуда» [170, С. 71-110].

Аз андешаҳои иқтисодчиёни классикӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо бештар оид ба нақши КХМ дар рушди иқтисодиёт ва фарқияти онҳо аз корхонаҳои калон андешаронӣ намуда, вазифаҳои КХМ-ро дар бештар намудани ҷойҳои корӣ, фардикунонии истеҳсолот ва устувор намудани иқтидори корхонаҳои калон арзёбӣ намудаанд.

Таҳқиқоте, ки то солҳои 2000-ум анҷом ёфтаанд, мафҳуми илмии КХМ-ро маҳдуд тафсир намуда, онро на ҳамчун як субъекти алоҳида баррасӣ ва бештари вақт тафовути онҳоро аз дигар корхонаҳо нишон дода, тобеи корхонаҳои калон меҳисобиданд (ниг. ба ҷадвали 1.1.).

Ҷадвали 1.1.-Таҳаввулоти ақидаҳои иқтисодчиён нисбат ба мафҳуми корхонаҳои хурду миёна

Давра	Намояндаи мактаби иқтисодӣ	Муайянкунии истилоҳоти «корхонаи хурд», «корхонаи миёна» ва «корхонаҳои хурду миёна»
Соли 1900	Й.А. Шумпетер	«Ширкатҳои хурд ҳамчун ҷойи ҷамъшавии инноватсия ва тағйирот» [108]
Соли 1945	Ҷ. Стейндл	«КХ нуфузи низоми иқтисодиро баланд намебардоранд, балки ҳамчун омили истисмори монополистии қувваи корӣ, номуташаккилии бозорҳо аз сабаби «хусусиятҳои ирратсионалӣ», кам кардани бекорӣ ва майли соҳибкор ба ин ё он фаъолият мебошад» [132, С. 71-110].
Соли 1959	Эдит Пенроуз	«Ширкати хурд ба калон ҳам монанд асту ҳам нест, мисли «шапалак ба булдозер» [89].
Солҳои 1960-1966	Арнолд Купер	«Корҳои илмӣ таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ конструкторӣ дар КХ нисбатан самаранок аст» хулоса ин ки масрафи вақт ва воситаҳо барои коркарди маҳсулот дар корхонаҳои бузург зиёдтар аст. Се омил вуҷуд дорад, ки метавонанд афзалияти КХ-ро фаҳмонанд: қобилияти ҳайати кормандони техникӣ дар КХ ба ҳисоби миёна баландтар аст; ҳавасмандии ҳайати кормандони техникӣ нисба-ти баҳогузорӣ ба арзиши лоиҳаҳои амалишаванда; масорифи робита ва мутобиқшавӣ дар ширкатҳои хурд» [34].
Соли 1979	Дэвид Бирч	«Корхонаҳои хурд муҳаррики иқтисодиёт мебошанд– онҳо назар ба корхонаҳои калон бештар ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд, зудтар афзоиш меёбанд, мутобиқшавӣ ва чандирияти калонро нишон медиҳанд» [55].
Соли 1987	Д. Стори	«КХ ҳамчун шакли хурдкардашудаи ширкати бузург мебошад» [170, С. 71-110].
Соли 1990	Қарори Совети Вазирони ИШҶС аз 08. 08.1990, № 790	«Корхонаи хурд талаботи ҷамъиятро бо маҳсулот, хизматрасонӣ ва фурӯш дар асоси гирифтани фоидаи иқтисодии аъзоёни коллективи меҳнатӣ ва соҳиби молу мулки хусусии корхона мебошад» [8].
Соли 1991	Ҳ. Қурбонов	«Корхонаи хурд чун шакли нави махсусгардонидашудаи хоҷагидорӣ нест. Он ҳам корхона аст ва дар заминаи тамоми шаклҳои моликият созмон дода мешавад ва аз дигар корхонаҳо фақат бо хурд будани ҳаҷми худ фарқ мекунад. Аломати фарққунандаи он теъдоди ҳайати коркунон ва ҳаҷми гардиши хоҷагӣ мебошад» [77, С. 2].
Соли 1992	С. Тоҳиров, Я В. Ваҳобов, В.М. Супинская	«КХ – муассисаи саноатӣ ва сохтмоние мебошад, ки шумораи коркунонаш то 200 кас, дар хизматрасонии фаннӣ ва илмӣ то 100 кас, дар доираи соҳаҳои истеҳсолот то 50, дар доираи соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ то 25 ва дар савдои чакана то 15 кас ба қайд гирифта шудаанд ва амволашон мувофиқи низомнома аст» [101, С. 72].
Соли 1997	Л.Ш. Лозовский	«…корхона, ширкат ё маҷмуи корхонаҳое, ки дар натиҷаи амалисозии шакли муайяни фаъолият фоида меорад. Одатан ин корхонаи хурд ё миёнаи аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил буда, маъмурияти он аз идораҳои давлатӣ ё дигарҳо вобаста нест. Онҳо ба бозор нигаронида шуда, сохтор ва ҳаҷми истеҳсолотро зери таъсири талаботи харидор ба мол ва хизматрасониҳо ташаккул медиҳанд» [79]

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар марҳилаи инқилоби технологии навбатӣ фикру мулоҳизаҳо оид ба нақши ҳалкунандаи КХМ дар рушди иқтисодиёт нисбатан фарогир паҳн гардида, ақидаҳои гуногун матраҳ шудаанд. Аз ҷумла, дар байни иқтисодчиёни Федератсияи Россия ақидаҳои ниҳоят фарқкунанда оид ба нақши корхонаҳои андозаашон гуногун вуҷуд доранд.

Олимон А. А. Александрова ва К. Б. Борисова таъкид менамоянд: «Бизнеси хурд яке аз унсурҳои калидии иқтисоди бозорӣ ҳисоб ёфта, ба суръати рушди иқтисодиёт ва сохтори ММД таъсир мерасонад» [112, С. 31-34]. Ҳамзамон, онҳо изҳор медоранд: «Дар КХ ҳосилнокии нисбатан баланди меҳнат мушоҳида мегардад, ки онҳо қобилияти бо харҷи камтар истеҳсол кардани технология ва маҳсулоти навро дошта, метавонанд машғулини зиёдро таъмин намоянд» [112, С. 31-34].

Муҳаққиқ Л.Л. Гишкаев чунин ҳисоб мекунад: «Соҳибкории хурд дар таъмин кардани баробарвазнии байни самаранокии бозорӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои иҷтимоӣ нақши муҳим дорад ва дар сатҳи минтақа бошад барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ, афзуншавии даромади аҳолӣ ва зиёдгардии воридот ба буҷет мусоидат менамояд» [122, С. 146-149].

Ҳамин гуна, тибқи ақидаи В.М. Полтерович: «Ширкатҳои бузург бо роҳи азхудкунии технологияи хориҷӣ қобилият доранд, ки дар рушди инноватсионии иқтисодиёт саҳм гузоранд ва ин дар таҷрибаи Япония ва Кореяи Ҷанубӣ тасдиқ шудааст. Дар Япония низоми дуранга вуҷуд дорад, ки тибқи он ширкатҳои бузург аз хориҷа технологияро гирифта, онҳоро навсозӣ намуда, корхонаҳои хурду миёна бошанд дастгирии пасти технологии онҳоро амалӣ месозанд» [156, С. 4-23].

Олими соҳаи иқтисодиёт В.В. Иванов якранг ва монанд набудани нақши соҳибкории хурдро дар иқтисодиёт чунин нишон додааст: «Ҳолатҳое дучор мешаванд, ки корхонаҳои хурд дар соҳаи илмталаб метавонанд истеҳсоли маҳсулоти эҳтиёҷоти умумро таъмин намоянд (агар бахши IT ба ҳисоб гирифта нашавад), ин на қоида, балки бештар истисно аст. Барои корхонаҳои хурде, ки ба таъсиси технология машғул мебошанд, ҳатман истеъмолкунанда зарур буда ба ҳайси он бояд сохтор-

ҳои бузурги истеҳсолӣ баромад кунанд, то ки қобилияти таъмин кардани истеҳсолоти умумиро дошта бошанд. Набудани истеъмолкунандаи ниҳоӣ ғайриимкон будани вайронкунии бизнесро дорад» [131, С. 96-103].

Сарфи назар аз он ки иқтисоддонҳои Русия КХМ-ро унсури бунёдии иқтисодиёти бозоргонӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ, тамоюли афзоиши даромади аҳолӣ, воридоти бештари андозҳо ба буҷет, ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди инноватсия пазируфта бошанд ҳам, аммо мафҳуми назариявӣ-илмии КХМ-ро ба таври мукаммал шарҳ надодаанд.

Дар пажуҳишҳои олимони ватанӣ оид ба мафҳуми илмии КХМ, моҳият, нақш ва аҳаммияти онҳо мавқеъҳои илмии мухталиф ва гоҳе бо ҳам зид ба назар мерасанд.

Инак, тибқи ақидаи муҳаққиқ Н.М. Аҳмадбеков: «Дар иқтисодиёти давраи гузариш ниҳодҳои бозор, яъне бизнеси хурд ва миёна нақши ниҳоят муҳим доранд, чунки барои самаранок тақсим намудани захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ дар онҳо имконият фароҳам оварда мешавад. Фаъолияти ҳар як корхона ба идоракунии иқтидори захиравии он асос меёбад, ки пояи рушди устувор мебошад. Ҳамзамон, он имконият медиҳад, ки арзиши рушди ояндаи корхона баҳогузорӣ карда шавад, чунки он категорияи зарурӣ буда, самти тавсеа ва такрористеҳсоли сарчашмаҳои захираҳоро инъикос менамояд» [114, С. 99-103]. Ба ақидаи ин муҳаққиқ КХМ омили муҳимми тақсимоти самараноки захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ мебошанд.

Иқтисоддон Б.Р. Нозимов чунин иброз медорад: «Барои рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудани субъектҳои хоҷагидории бизнеси хурду миёна ба муҳити рақобатӣ омили муҳим мебошад. Дар ин самт истифодаи иқтидори номаҳдуди муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла баланд бардоштани нақши ниҳодҳо шарти зарурӣ ҳисоб меёбад» [23, С. 172-178].

Тибқи ақидаи олимон П.Н. Муллоев ва М.Ф Ҳакимова «Диверсификатсияи истеҳсолот ва рушди бозорҳои нав ҳавасмандиро нисбат ба соҳибкории хурд ва миёна ҳамчун таҳрикдиҳандаи рушди иқтисодиёт ва

бо кор таъмин намудани аҳолӣ зиёд карданд. Соҳибкории хурду миёна дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва арзиши иловашуда сарчашмаи муҳим арзёбӣ мешаванд» [147, С. 3-9]. Аз мулоҳизаронии таҳқиқгари боло бармеояд, ки рушди иқтисодиёт аз мутобиқ намудани КХМ ба муҳити рақобати вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ақидаи муҳаққиқ С.С. Ҷӯраев: «Бахши бизнеси хурди дар «нуқтаи рушд» фаъолкардашуда, барои ширкатҳои бузург-фармоишгарон таъминкунандаи инноватсия ҳисоб мешавад. Дар байни ширкатҳои инноватсионӣ муҳити шиддатноки рақобатӣ ба вуҷуд меояд, чунки ширкати пешсаф коркардҳои беҳтарин ва қарорҳои инноватсиониро ҷудо карда мегирад. Вале, аксар вақт ташкили қарорҳои инноватсионии рақобатпазир барои корхонаҳои хурду миёна вазифаи мураккаб мебошад» [126, С. 265-270].

Бояд изҳор намоем, ки дар даҳсолаи охир аз тарафи таҳқиқгарони ватанӣ мафҳуми соҳибкории хурду миёна вобаста ба соҳаҳои гуногун васеътар шарҳ дода шудааст. Чунончи З. Х. Лолаев иброз медорад: «Корхонаҳои саноатии хурду миёна барои тезондани саноатикунонии иқтисодиёт, зиёд кардани шуғли пурмаҳсул, баланд бардоштани дараҷаи сарчашмаи андоз, афзоиши ММД ва гирифтани бисёр дигар имтиёзҳои иҷтимоию иқтисодӣ иқтидорӣ калон доранд» [191 С. 10]. Ба андешаи мо, ақидаи ин муҳаққиқ танҳо дар доираи КХМ-и саноатӣ маҳдуд мебошад.

Тибқи ақидаи Қ. К. Толибов: «Соҳибкории хурд - ин фаъолияти иқтисодии шаҳрвандони инфиродӣ ва корхонаҳо мебошад, ки бо як ё якчанд меъёри мушаххас тавсиф карда мешавад» [198 С. 9]. Толибов Қ.К. соҳибкории хурдро танҳо фаъолияти инфиродии шаҳрвандон ва корхонаҳо маънидод намудааст, ки ба андешаи мо фаъолияти КХ-ро бисёр маҳдуд нишон додааст.

Ф.Ҳ. Самадзода баён медорад: «Соҳибкории хурду миёна яке аз зерсистемаҳои муҳимми иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, ки ин масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳаллу фасл менамояд. Корхонаҳои хурду миёна дар он соҳаҳое, ки барои тағйирпазирию рушд

ва самаранокӣ эҳтиёҷ доранд, мақоми назаррасро ишғол мекунанд» [164 С. 84-88]. Ӯ нақши корхонаҳои хурду миёнаро дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ- истисодӣ назаррас арзёбӣ намуда, мавқеи онро дар соҳаҳои рушднакарда зарурӣ мешуморад. Ба андешаи мо ҷойгоҳи КХМ на танҳо дар соҳаҳои рушднакарда, балки дар соҳаҳои рӯ ба рушд ва тараққикарда низ қобили таваҷҷуҳ аст.

Мувофиқи ақидаи С.Ҳ. Ҳикматов: «Соҳибкории хурд дар афзоиши ММД, таъмини даромади буҷети давлат, таъмин намудани ҷойи корӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар нақши муҳим мебозад» [152, С.105], ки ӯ дар ин ҷо бештар ба нақши соҳибкории хурд таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Олим-иқтисоддон А. Рауфӣ баён менамояд: «Соҳибкорони инфиродӣ ва хурд ҳаҷман иқтидори калони истеҳсолӣ надоранд ва талаботи ҳар истеъмолкунанда ва ё гурӯҳи муайяни мизоҷонро ба назар гирифта, вобаста ба тағйирёбии дархостҳои истеъмолкунандагон онҳо бо тезӣ, бо харочоти камтарин ва бо таваккали хеле камҷараён истеҳсолоти худро аз ҷиҳати техникӣ, арзишӣ ва ташкилӣ бе душворӣ мувофиқан дигаргун карда, маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири ба дархостҳои истеъмолкунандагон мувофиққунандаро дар вақти даркорӣ бароварда, пешниҳод карда метавонанд» [159, С. 52]. Мо, қисман андешаи А. Рауфӣ -ро ҷонибдорӣ менамоем, чунки КХМ гарчанде аз лиҳози ҳаҷм тавоноии истеҳсолии маҳдуд дошта бошанд ҳам, аммо зуд эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро ба маҳсулот ва хизматрасонӣ қонеъ менамоянд.

Таҳқиқгарон М.А. Маҳмудов ва Ф.Ф. Маҳмудов чунин нуқтаи назар доранд: «Корхонаҳои хурд ҷамъиятҳое мебошанд, ки моликияти мустақилона доранд, аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақиланд ва дар соҳаи тиҷорати худ бартарӣ надоранд» [144– С. 74-78]. Албатта, КХ дорои моликияти мустақилона ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақиланд, аммо наметавон оид ба афзалият надоштан дар тиҷорат розӣ шуд.

Муҳаққиқ С.И. Абдуллоев чунин мешуморад: «Дар шароити муосир нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёт зиёд шуда истодааст,

зеро он на танҳо воситаи ба даст овардани даромад барои қишри муҳимми аҳолӣ, балки яке аз омилҳои асосии рушди муносибатҳои бозаргонӣ ба шумор меравад» [111, С.260-265]. Ин таҳқиқгар нақши соҳибкории хурду миёнаро шарҳ дода, онро ҳамчун манбаи даромад барои табақаи муҳимми аҳолӣ ва омили густариши муносибатҳои бозорӣ маънидод намудааст, ки бисёр маҳдуд мебошад.

М.И. Турсунова қайд менамояд: «Соҳибкории хурд як бахши ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ мебошад. Аммо соҳибкории хурд аз соҳибкории калон вобастаанд (бо фармоиш, захираҳои моддию техникӣ ва молиявӣ), гарчанде ки шумораи онҳо дар сохтори саноат 0,2-2% ташкил диҳад ҳам, нисфи ҳаҷми фурӯши маҳсулот ба онҳо мувофиқ меояд» [177, С.71-79]. Ин муҳаққиқ соҳибкории хурдро қисми муҳимми иқтисодиёти бозоргонӣ дониста, онро вобастаи корхонаҳои калон, аммо дар фурӯши маҳсулот ба корхонаҳои бузург баробар донистааст, ки дар ин ҷо зиддияти ақидаҳои ӯ мушоҳида мешавад.

Ба андешаи С.Д. Раҳимов: «Хоҷагиҳои хурд ин шакли бағоят устувор, меҳнати шахсии аъзоии оила, замин ва воситаҳои истеҳсолот, ки дар моликияти хусусӣ ё иҷора қарор доранд, мустақиляти пурраи иқтисодӣ, имконияти маҳсулоти истеҳсолкардашуда ва даромадҳо, соҳибкории озод, ки дар он коргар ба молумулк пайваст мебошад, асос ёфтааст» [157, С. 189-193]. С.Д. Раҳимов хоҷагиҳои хурди кишоварзиро мавриди таҳқиқ қарор дода, корхонаҳои хурди кишоварзиро меҳнати якҷояи аъзои оила шарҳ додааст, ки дорои замин ва воситаҳои истеҳсолоти хусусӣ ё иҷора буда, дар истеҳсол ва гирифтани даромад мустақилияти пурра ва ё соҳибкори озод мебошанд, ки дар ин ҷо ӯ мустақилияти соҳибкорро ҳангоми гирифтани иҷораи замин ва ё воситаҳои истеҳсолот ба инобат нагирифтааст.

Ш.Н. Намозализода чунин иброз медорад: «Корхонаҳои хурд ҳамчун механизми таъминкунандаи талабот ва пешниҳод мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ба шароити тағйирёбандаи бозор вокуниш нишон дода, заминаҳои рушди рақобати воқеии иқтисодиро фароҳам

меоранд ва истеҳсолоти фавриро ба роҳ монда, бозорро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин мекунанд. Омили муҳимми фаъолияти онҳо, сармояи худӣ ба ҳисоб рафта, барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ ва гардиши маҳсулот нақши муҳимро мебозад» [150, С. 190-197]. Хусусияти фарқкунандаи андешаи Ш.Н. Намозализода дар он аст, ки ӯ КХ-ро ҳамчун заминаи рушди рақобати воқеӣ дониста, бо истеҳсолоти босуръат зуд бозорро таъмин ва омили муҳимми фаъолияти истеҳсоливу гардиши маҳсулотро дар онҳо сармояи худӣ медонад.

М.Б. Самиева бар он ақида аст: «Қисми таркибии сиёсати иқтисодии ҳар як давлатро тараққиёти соҳибкории хурду миёна ташкил медиҳад. Ин унсури муҳимми сохтори бозорӣ буда, шакли нисбатан уҳдабаро ва серҳаракати тараққиёти корхона мебошад» [165, С. 196-202.]. Ҳамчунин, ба ақидаи ӯ «Шахсе, ки соҳибкории хурду миёнаро ташкил мекунад, соҳибкор меноманд» [165, С. 196-202.]

Мувофиқи назари К.К. Шодиев ва Б.А. Сатторзода: «Соҳибкории хурд ва миёна унсури органикии сохтори иқтисоди бозорӣ мебошад» [182, С. 6-12], аз мулоҳизаронии ин ду муҳаққиқ низ дарёфти мафҳуми илмӣ-назариявии КХМ ғайриимкон аст.

Ба андешаи мо, рушди КХМ боиси он гардид, ки он имрӯзҳо дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ, инноватсионӣ ва минтақавӣ таъсири бисёрҷанба расонида, ба қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст.

Пажуҳишгарони дохилӣ ва хориҷӣ пас аз солҳои 2000-ум бештар таваҷҷуҳи худро ба нақши муҳимми КХМ дар иқтисодиёт равона намуда, онро ҳамчун фишанги рушди бозор, зиёдкунии шуғли пурсамар ва рушди муҳити рақобати ҳақиқӣ арзёбӣ намудаанд. Аммо, новобаста аз диққати ба онҳо ҷалбшаванда, ҳанӯз ҳам вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт ва бо критерияҳои маҷмуии қонунан барои ҳамаи соҳаҳо дар алоҳидагӣ муайяншудаи мафҳуми КХМ пурра мавриди коркард қарор нагирифтаанд ва ҳатто бо ҳам монанд муайян карда нашудаанд (ниг. ба ҷадвали 1.2.).

Ҷадвали 1.2.- Муайянкунии мафҳуми корхонаҳои хурду миёна дар таҳқиқоти олимони муосири хориҷӣ ва ватанӣ

Давра	Намояндаи мактаби иқтисодӣ	Муайянкунии истилоҳоти «корхонаи хурд», «корхонаи миёна» ва «корхонаҳои хурду миёна»
Соли 2000	М.В. Кочановский	«Бизнеси хурд ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ дар КХ-и фоидаоваранда, соҳибкории хурд бошад дар навбати худ чун бизнеси хурд баррасӣ мешавад, ки субъекти асосии он соҳибкор мебошад» [190, С. 22].
Соли 2002	А.Н. Азрилиян	«Бизнеси хурд ин нишонаи қабулшудаи маҷмуи КХМ мебошад, ки ба ягон иттиҳодияи монополистӣ дохил намешавад ва дар иқтисодиёт нақши тобеият нисбат ба монополияро иҷро менамояд» [49].
Соли 2004	С.Ҷ. Комилов ва Н.Х.Забиров	«Соҳибкории хурд ҳамчун ташкили фаъолияти хурди иқтисодии мустақилест, ки барои ба даст овардани фоида, раванди тағйирёбандаи қобилияти соҳибкорӣ тавсиф ва яке аз захираҳои иқтисодӣ аст, ки ба суръати рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад» [75, С. 5].
Соли 2010	Д.П. Бойматова	«Соҳибкории хурд чунин шакли хоҷагие, ки тибқи он хизматрасонии истеҳсолӣ ба амал бароварда шуда, дигар фаъолиятҳои дастии ба он алоқаманд дар асоси фармоиш иҷро карда мешаванд» [117, 176-178].
Соли 2013	Игор Краснов	«КХМ ин гурӯҳи корхонаҳое мебошанд, ки барои онҳо роҳҳои махсуси ташкили бизнес ва сохтори ташкилии дохиликорхонавӣ, ташаккули муносибатҳо бо муҳити берунӣ хос аст» [139, С. 38-46]
Соли 2014	С.Н. Глаголев	«Бизнеси калон ҳамчун пояи иқтисодиёти муосир буда, бизнеси хурду миёна ҳалқаи алоқамандкунандаи он мебошанд. Аз ин рӯ, бизнеси миёна бо давлат ва манфиате, ки ба талабот ва пешниҳодоти дохилимиллӣ нигаронида шудааст, алоқаманд мегардад» [123].
Соли 2015	К.Ж Исмагулов	«Соҳибкории хурд ва миёна ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ ба бозори маҳдуди минтақавии молҳо ё хизматрасониҳо нигаронида шудааст, ки дар он соҳибмулк корхонаро шахсан идора мекунад» [134, С. 42-44].
Соли 2016	А.А. Атамазова	«Тиҷорати хурд фаъолияти соҳибкориест, ки субъекти иқтисоди бозорӣ онро дар шароит ва меъёрҳои мушаххас, муайян кардани қонунҳо, мақомоти намояндагӣ ва ғайра амалӣ гардонанд» [113, С. 9].
Соли 2019	С. Ҳабибов ва Д.К. Эшов	«Соҳибкории хурд ин фаъолияти иқтисодии фаъолона, ташаббускорона, мустақилона, навоварона ва асосан дорои хавфу хатарест, ки ба гирифтани натиҷаи молиявӣ, яъне фоида нигаронида шудааст, аз ин рӯ, барои қонеъ кардани талаботи истемолгарони молу хизматҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ равона шудааст» [104, С. 6].
Соли 2020	Ф.Ҳ. Самадзода	«Соҳибкории хурду миёна яке аз зерсистемаҳои муҳимми иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, ки ин масъалаҳои муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳаллу фасл менамояд. КХМ дар он соҳаҳое, ки барои тағйирпазирию рушд ва самаранокӣ эҳтиёҷ доранд, мақоми назаррасро ишғол мекунанд» [164 С. 84-88].

Идомаи ҷадвали 1.1.

Соли 2021	М.А. Маҳмудов, Ф.Ф. Маҳмудов	«КХ ҷамъиятҳое мебошанд, ки моликияти мустақилона доранд, аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақиланд ва дар соҳаи тиҷорати худ бартарӣ надоранд» [144– С. 74-78].
Соли 2022	М.И. Турсунова	«Соҳибкории хурд як бахши ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ мебошад. Аммо, соҳибкории хурд аз соҳибкории калон вобастаанд, гарчанде ки шумораи онҳо дар сохтори саноат 0,2-2% ташкил диҳад ҳам, нисфи ҳаҷми фурӯши маҳсулот ба онҳо мувофиқ меояд» [177, С.71-79].
Соли 2023	С.Д. Раҳимов	«Хоҷагиҳои хурд ин шакли бағоят устувор, меҳнати шахсии аъзои оила, замин ва воситаҳои истеҳсолот, ки дар моликияти хусусӣ ё иҷора қарор доранд, мустақиляти пурраи иқтисодӣ, имконияти маҳсулоти истеҳсолкардашуда ва даромадҳо, соҳибкории озод, ки дар он коргар ба молу мулк пайваст мебошад, асос ёфтааст» [157, С. 189-193].
Соли 2025	М.Б. Самиева	«Қисми таркибии сиёсати иқтисодии ҳар як давлатро тараққиёти соҳибкории хурду миёна ташкил медиҳад. Ин унсури муҳимми сохтори бозорӣ буда, шакли нисбатан уҳдабаро ва серҳаракати тараққиёти корхона мебошад» [165, С. 196-202.].
Соли 2025	Ш.Н. Намозализода	«КХ ҳамчун механизми таъминкунандаи талабот ва пешниҳод мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ба шароити тағйирёбандаи бозор вокуниш нишон дода, заминаҳои рушди рақобати воқеии иқтисодиро фароҳам меоранд ва истеҳсолоти фавриро ба роҳ монда, бозорро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин мекунанд. Омили муҳимми фаъолияти онҳо, сармояи худӣ ба ҳисоб рафта, барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ ва гардиши маҳсулот нақши муҳимро мебозад» [150, С. 190-197].
Соли 2025	К.К. Шодиев ва Б.А. Сатторзода	«Соҳибкории хурд ва миёна унсури органикии сохтори иқтисоди бозорӣ мебошад» [182, С. 6-12]
Н.А. Ҷумаев		Корхонаҳои хурду миёна–як навъ фаъолияти мустақилонаи соҳибкорӣ буда, андозаи он вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар бо критерияҳои маҷмуии қонунан барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар алоҳидагӣ муайяншуда, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи дилхоҳ фаъолият менамояд.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Маврид ба зикри хос аст, ки андозаи КХМ ҳамчун як фаъолияти озодонаи соҳибкорӣ бояд бо нишондиҳандаҳои маҷмуӣ дар қонун ифода ёфда, он дар алоқаманди ба сатҳи рушди иқтисодиёт ва инкишофи ҳар як соҳаи хоҷагии халқ дар алоҳидагӣ муайян ва тағйир дода шавад.

Чунки андозаи фаъолияти соҳибкорӣ на бо критерияҳои маҷмуӣ, балки бо як ва ё ду нишондиҳанда ҷудо ва сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар ба назар гирифта намешавад. Ин ҳолат ҳам дар адибиёт ва ҳам

дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва инчунин дар қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар қонунгузории амалкунанда мушаххастар қайд гардидааст: «Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони алоҳида ва шахсони ҳуқуқие мансуб мебошанд, ки агар маҷмуи даромади онҳо дар як сол то як миллион сомониро ташкил диҳад» [14].

Ҳамчунин, дар қонуни мазкур қайд гардидааст: «Ба субъектҳои соҳибкории миёна, ба шахсони ҳуқуқӣ зарур аст, ки маҷмуи даромади онҳо дар як сол аз як миллион сомонӣ то бисту панҷ миллион сомонӣ бошад, ба субъектҳои соҳибкории калон, яъне ба шахсони ҳуқуқӣ лозим аст, ки маҷмуи даромади онҳо дар як сол зиёда аз бисту панҷ миллион сомониро ташкил диҳад» [14].

Ҳамин тавр, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ишора шудааст: «Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони фардӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияти зеринро амалӣ месозанд, шомил накардааст: истеҳсоли молҳои зераксизӣ; таъмини алюминийи аввалия; фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ; фаъолияте, ки бо идоракунии фондҳои инвеститсионӣ алоқаманд мебошанд; фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок» [14].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси шаклҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ қарор кабул намуд, ки он аломатҳои соҳибкориро дар асоси патент ва шаҳодатнома аз ҳам ҷудо менамояд ва он «Фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус» ном дошта, 31 марти соли 2022 қабул шудааст.

Хусусияти фарқкунандаи шакли нави фаъолияти соҳибкории хурду миёна аз дигар шаклҳои соҳибкорӣ аз ҳолатҳои зерин иборат мебошад: ҳуқуқи кироя кардани то ду нафар коргар; маҷмуи даромад 500000 сомонӣ дар 12 моҳи тақвимии минбаъдаи фаъолият ва озод будан аз истифодаи дастгоҳи назорати хазинавӣ.

Инчунин, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 (қисми якум) (бо тағйиру иловаҳо дар ҳолати 02.01.2020 сол), шаклҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд ба «соҳибкори фардӣ,

хоҷагии шарикӣ ва ҷамъиятӣ, ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ, кооператив хоҷагии деҳқонӣ ва корхонаи воҳид ҷудо карда шудааст» [9].

Аз омӯзиши қонунгузории кишвар оид ба КХМ ба хулосае омадем, ки андозаи корхонаҳо танҳо аз рӯйи даромади солона дар давоми соли тақвимӣ бадастовардашуда ва баъзан вобаста ба шумораи кормандон танҳо бо мақсади андозбандӣ, бақайдгирии давлатӣ, муайян намудани ҳиссаи саҳмдорон, меъёри сармояи оинномавӣ ва ҳадафи иштирокчиёни иттиҳодия тафриқабандӣ карда шудааст.

Ба андешаи мо, аз рӯйи даромади солона ҷудо намудани андозаи фаъолияти соҳибкорӣ ғайри қобили қабул аст, чунки онро соҳибкор бо мақсади кам пардохт намудани андоз пинҳон менамояд.

Хулосаи зербоби 1.1.

1. КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ - ин як навъ фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи бо критерияҳои маҷмуии қонунан ҷудокарда-шуда, ки ашёи хоми соҳаи кишоварзиро ба маҳсули барои истифода ва истеъмол тайёр, коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ менамоянд, ки ҳадафи асосии онҳо муносибгардонии маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти худ КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзиро ҳамчун як ҷузъи соҳибкории хурду миёна баррасӣ намудем;

2. Пешниҳоди мафҳуми ягона оид ба корхонаҳои хурду миёна ва бо нишондиҳандаҳои маҷмуӣ ҷудо намудани онҳо аз корхонаҳои калон имконият медиҳад, ки идоракунӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардониҳои давлатӣ, таҳлил ва баҳодиҳии самаранокӣ ва дар умум, нақши КХМ-ро дар рушди иқтисодиёти миллӣ муайян намоем;

3. Ҳангоми ҷудокунии корхонаҳои хурду миёна аз дигар корхонаҳо ба инобат гирифтани сатҳи рушди иқтисодиёт ва истифодаи критерияҳои маҷмуӣ вобаста ба соҳаҳо муҳим мебошад. Яъне, ҳар давлат вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёти худ андозаи корхонаҳоро муайян ва онро тағйир диҳад.

1.2. Ҷойгиркунӣ, принсипҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Рушди низоми иқтисодӣ дар шароити рақобати озод бештари вақт асоснокунии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, меъёрҳо ва усулҳоеро тақозо менамояд, ки на фақат аз рӯйи сатҳ, андоза ва шаклҳои моликият, балки аз ҳаҷми корхона вобастагии зиёд доранд.

Истеҳсолот дар андозаи хурду миёна ҷиҳати рушди иқтисодиёт таъсири амиқ мегузоранд, чунки онҳо ба тақозо ва арзаи иловагии бозор ба маҳсулот, хизматрасонӣ, таъсиси бештари ҷойҳои нави корӣ, тезонидани прогресси илмӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ва баландбардории самаранокии истеҳсолот мусоидат намуда, рақобатро ҳавасманд мегардонанд. Бинобар ин, ҷиҳати ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа, такмили ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, принсипҳо ва критерияҳои нави муайянкунандаи андозаи корхона муҳим мебошад.

Ҳоло Ҳукумати кишвар ҳадафи тағйири модели иқтисодиётро дошта, мехоҳад аз модели аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ гузарад. Бо ҳамин мақсад шуруъ аз соли 2019 «Саноатикунонии босуръати кишвар-ҳадафи чоруми стратегии миллӣ» расман би миён гузошта шуд. Бинобар ин, ба андешаи мо, омили асосӣ ва муҳими таъмини роҳандозии ин раванд навсозии механизми фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он асоснокунии ҷойгирнамоии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа мавқеи меҳвариро ишғол менамояд.

Олимони барҷастаи ватанӣ Ҷ.С. Пиризода [195], У. Шарофов [107], А.М. Раҳимов [160] ва муҳаққиқон М.Н. Ҳусайнов [153], Ф.С. Юсуфзода [200] ва дигарон оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ ва таҳқиқгарон Н. Хоналиев[180], А.А. Мадаминов [143], А.А. Назаров [149], И.И. Каримов[189], Т.Т. Муслихова [148], Т.А. Имомназарова [187] ва шахсони дигар оид ба ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ, бахусус ҷойгирнамоии ҳудудӣ ва

махсусгардонии соҳибкории хурд ва миёна таҳқиқот анҷом дода, андешаҳои мухталиф матраҳ намудаанд.

Аз ҷумла, академик Ҷ.С. Пиризода иброз менамояд: «Дар якҷоягӣ ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард ба камшавии талафоти маҳсулоти кишоварзӣ ва хароҷоти расонидан то ба истеъмолкунанда мусоидат менамояд. Ӯ қонуниятҳои ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро чунин муайян намудааст:

- маҳсулоте, ки ҳангоми коркард вазнашон ба таври назаррас кам мешаванд, бояд дар наздикии истеҳсолот коркард шаванд ва маҳсулоте, ки дар вақти коркард андаке кам мешванд, дар ҷойҳое коркард шаванд, ки захираҳои меҳнатӣ ва энергетикӣ зиёд бошанд;
- бо дарназардошти камшавӣ ҳангоми коркард бояд хароҷоти нақлиётии интиқоли ашёи хом ва маҳсулоти тайёр муқоиса карда шавад;
- баъзе ашёи хоми зудвайроншаванда (мева, буттамева, сабзавот ва ғайра) бояд ҳар чи зудтар коркард карда шаванд, ки ин зарурияти ҷойгир намудани корхонаҳои коркардро дар наздикии истеҳсолот ба миён меорад» [195, С. 10-12].

Ҷиҳати коркарди саноатии истеҳсолоти кишоварзӣ андешаҳои Пиризода Ҷ.С. мувофиқи мақсад аст, аммо ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста ба шароити табиӣ-иқлимӣ, қувваи корӣ, сӯзишворӣ-энергетикӣ, нуқтаҳои фурӯш ва бозори истеъмолӣ, экологӣ ва бахусус андозаи истеҳсолот аз мадди назари ӯ дур мондааст.

Ҳамчунин, У. Шарофов: «Ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ – ин тақсимоти географӣ ё ҳудудии ҳаҷми истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти умумӣ ва молиро дар ҳудуди мамлакат, вилоятҳо, ноҳияҳои иқтисодӣ ва минтақаҳо тавсиф намуда» [107, С. 49], ба хулоса омадааст, ки қонуниятҳои ҷойгиркунии қуввaҳои истеҳсолкунанда ин: ҷойгиркунии мутаносиб; наздикии истеҳсолот ба манбаъҳои ашёи хом, сӯзишворӣ ва ноҳияҳои истеъмолӣ; тақсимоти оқилонаи меҳнат; рушди баробари минтақаҳо ва рушди комплексии ноҳияҳои иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Қонуниятҳои ҷойгиркунии қуввaҳои истеҳсолкунандаи пешниҳоднаму-

даи ӯ хусусияти умумӣ дошта, қонуниятҳои ҷойгирнамоӣ вобаста ба соҳаи кишоварзӣ ва саноат ҷудо карда нашудаанд.

Таҳқиқгарон А.М. Раҳимов, Ф.М. Ҷураев, К.О. Темиров оид ба ҷанбаҳои назариявии ҷойгиркунии истеҳсолоти аграрӣ дар иқтисодиёти минтақа таҳқиқот анҷом дода, иброз менамоянд: «Самараноки ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ ба хароҷоти амалиётӣ, тахассуснокии минтақаҳо, ташкили истеҳсолоти интенсивӣ ва манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд буда, сохторҳои ҳамгирошуда омили калидӣ маҳсуб меёбад, зеро рақобатпазирии корхонаҳои хурд асосан аз ин омил вобастагӣ доранд» [160, С. 43-54]. Мувофиқи ақидаи онҳо танҳо сохторҳои ҳамгирошуда омили асосии ҷойгиркунӣ маҳсуб ёфта, ин омил бо дарназардошти рақобатпазирии корхонаҳои хурд пешниҳод шудааст.

А.Х. Абдуллоев чунин андеша дорад: «Принсипи ҷойгиркунии хоҷагиҳои кишоварзӣ бояд ба талаботҳои бозор такя намояд» [110, С. 28-37]. Ӯ принсиҳои зерин: «ба дараҷаи ниҳоӣ кам намудани хароҷоти меҳнат, ба инобат гирифтани талаботи бозор, мувофиқии рушди соҳаи кишоварзӣ, паст намудани хароҷоти ҳамлу нақлро пешниҳод намуда, самараноки ҷойгиркунии хаҷогиҳои кишоварзиро танҳо омили таъминӣ рушди бозори маҳсулоти озуқаворӣ арзёбӣ намудааст» [110, С. 28-37].

М.Н. Ҳусайнов ва Ҷ.С. Пиризода ҷойгиркуниро ҳамчун ҳалқаи марказии низоми аз ҷиҳати илмӣ исботшудаи хоҷагии қишлоқ шарҳ дода, ба чунин хулоса меоянд: «Истеҳсоли маҳсулот бояд дар минтақаҳое роҳандозӣ гардад, ки истифодаи оқилонаи замин, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, кам кардани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи мазкур нисбат ба дигарон таъмин гардад» [153, С. 28-34]. Ба андешаи онҳо ҳамгироии хоҷагии қишлоқ ва корхонаҳои коркардкунанда бояд ба кам гаштани хароҷоти расондани маҳсулот ва паст кардани талафоти он мусоидат намояд. Онҳо ҷойгирнамоии истеҳсолоти кишоварзиро дар минтақа бо истифодаи самараноки захираҳои табиӣ-иқтисодӣ ва меҳнатӣ шарҳ дода, омили асосиро дар паст намудани арзиши аслии маҳсулот нисбати рақибон арзёбӣ намудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ А.А. Тураев: «Шарти муҳимми ҷойгиркунии оқилонаи зироатҳои кишоварзӣ, мавҷудияти талабот ба маҳсулоти барои парвариш пешбинишуда, шароити бозори дохилӣ ва хориҷӣ, бо назардошти онҳо тағйир додани намудҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ асос меёбад» [174, С. 273-277]. Ӯ хулосабарорӣ намудааст, ки ҷойгирнамоии зироатҳои кишоварзӣ ин самарабахш ташкил намудани истеҳсоли максималии маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати таъмини талаботи ҷамъият, ки гирифтани фоидаи софро таъмин менамояд.

Ф.С. Юсуфзода чунин ибрози назар дорад: «Раванди ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бояд бо дарназардошти шароити табиӣ, иқлимӣ, захираҳои об, замин ва неруи меҳнатӣ амалӣ карда шуда, ба баланд бардоштани ҳаҷми маҳсулот, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, коҳиши хароҷоти нақлиёт ва ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад» [200, С.36].

Андешаҳои таҳқиқгарони ватаниро оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҷойгирнамоии истеҳсолоти аграрӣ ҷамъбаст намоем, пас хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳо бештар қонуниятҳои ҷойгирнамоии истеҳсолоти кишоварзиро ба принсипҳои табиӣ-иқлимӣ (замин, иқлим, боришот ва гармӣ, ҳосилхезӣ), принсипҳои иқтисодӣ (инфрасохтори бозорӣ, логистикӣ, кам намудани хароҷоти истеҳсолӣ), принсипҳои ҳуқуқӣ, агротехникию экологӣ ва омилҳои иҷтимоӣ (мавҷудияти қувваи корӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ) ҳамчун асос пешниҳод намудаанд. Аммо қонуниятҳои ҷойгирнамоии истеҳсолоти кишоварзӣ бо дарназардошти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар таҳқиқоти илмии онҳо кам ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, нуқтаи назари муҳаққиқонро марбут ба ҷанбаҳои назариявии ҷойгирнамоии истеҳсолоти саноатӣ, бахусус ҷойгиркунии соҳибкории хурду миёна мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Олим-иқтисоддон Д. Н. Дадоматов қайд менамояд: «Ҷойгиршавии фаъолияти соҳибкории дилхоҳ дар саноат наметавонад аз ҷойгиршавии захираҳои ашёӣ, сӯзишворӣ-энергетикӣ, меҳнатӣ ва бозори фурӯши маҳсулот канда бошад» [185, С. 135].

Муҳаққиқ Н. Хоналиев принсипҳо, омилҳо ва шартҳои ҷойгиркунии саноати миллиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст: «Ҳангоми ҷойгиркунии қуввaҳои истеҳсолкунанда бояд принсипҳои зерин риоя ва татбиқ карда шаванд: баробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ; ҳар чи бештар наздик намудани саноат ба манбаъҳои ашёи хом, энергия, нуқтаҳои фурӯш ва истеъмоли маҳсулот бо мақсади кам намудани хароҷоти иҷтимоӣ; ҷалби захираҳои табиӣ барои рушди устувор; ҷойгиркунии инноватсия; воридотивазнамоӣ ва ба содирот нигаронидашудаи истеҳсолот; вазъи экологии минтақа; бехатарии ҷойгиркунӣ» [180, С. 165-171].

А.А.Мадаминов дар таҳқиқоти худ қайд менамояд: «Махсусгардонии кишоварзӣ (манбаи ашёи хом), ҷойгиршавии аҳолӣ (истеъмолкунандагон), рушди инфрасохтор ҷиҳати интиқоли ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулот» [143, С. 201-206] арзёбӣ намудааст.

Ба андешаи А.А.Назаров ва Ф.В. Ахмедов: «Ҷойгиркунии корхона – ин ташкили истеҳсолот ё хизматрасонии муайян дар қаламрави мушаххас мебошад. Табиист, ки чунин пайвастагии тиҷорат дар ҷойи мушаххас наметавонад тасодуфӣ бошад» [149, С. 86]. Онҳо ба чунин хулоса меоянд, ки ҷойгиркунии оптималии корхонаи хурд ҳамчун унсури муҳимми самти стратегӣ баррасӣ гардида, асосноккунии дақиқи иқтисодиро талаб менамояд. Интихоби стратегияи зарурӣ ҷиҳати самаранокии ҷойгиркунии корхонаи хурд дар минтақа бештар аз махсусгардонии истеҳсолот ва соҳаҳои саноат вобаста аст. Дар ниҳоят ба хулосае меоянд, ки ҷойгиркунии тиҷорати хурд бояд ба кам кардани хароҷоти истеҳсолот мусоидат намояд.

И.И. Каримов истилоҳи «рушд ва ҷойгиркунӣ»-ро тавзеҳ дода, баён медорад: «Ин муайянии мавқеи объектҳо дар фазо бо дарназардошти истифодаи ҳадафноки иқтидорҳои мавҷуда ва шароити муҳити беруна, ки ҳангоми нигоҳдории тавозуни динамикии захираҳо ба сатҳу сифати баланди некуаҳволии аҳолӣ ва ҳамзамон ҷиҳати нигоҳдории захираҳои мавҷуда мусоидат менамояд» [189, С. 8].

Ба андешаи Т.Т. Муслихова: «Раванди ҷойгиркунии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар минтақа бо дарназардошти шароити табиӣ-иқлимӣ, имкониятҳои захиравӣ ва ашёи хом, инфрасохтор ва иқтидори иқтисодии мавҷудаи ҳудудҳо анҷом дода мешавад» [148, С. 73-77].

Тибқи ақидаи М.Р. Раҳматуллоева: «Принсипи ҷойгиркунӣ, ки табиати дарозмуддат дорад, метавонад ҳамчун афзалиятнокии меъёрҳои оптимикунонии хароҷот ва ҳадди аксари натиҷаҳои ниҳоӣ дар дурнамои дарозмуддат дар муайян кардани самаранокии иқтисодии истеҳсолот муайян карда шавад» [158, С. 28-34].

Аз андешаҳо оид ба асосҳои назариявӣ ва методологияи ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ ва СХМ, ки муҳаққиқони ватании болозикр анҷом додаанд, онҳо омилҳои асосии ҷойгирнамоии истеҳсолоти саноатӣ ва КХМ-ро интихоби оқилонаи ноҳия ва нуқтаи мушаххаси минтақа бо дарназардошти мавқеи муносиби географӣ-иқтисодӣ, захираҳои ашёи хом, шуғлнокии аҳолӣ, сӯзишворӣ-энергетикӣ, сармояи инсонӣ, баробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъи экологӣ, иқтидори илмӣ-техникӣ, махсусгардонии истеҳслот, сохтори ташкилӣ-хоҷагӣ ҳар чи бештар наздик намудани саноат ба манбаъҳои ашёи хом ва сифати идоракунӣ арзёбӣ намудаанд. Аммо ҷойгиркунӣ вобаста ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва андозаи корхона (калон, миёна ва хурд) аз тадқиқоти онҳо дур мондааст.

Ба андешаи мо, мушкилоти методологӣ дар ин самт хусусияти дуҷонибаи мафҳуми «ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ» мебошад. Аз як ҷониб ин раванд ба ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақа бо дарназардошти шароит ва омилҳои табиӣ-географӣ, демографӣ, техникӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ иртибот дошта, аз тарафи дигар ҷойгиркунии корхонаҳои коркард ба омилҳои ашёи хом (истеҳсолоти кишоварзӣ), бозори истеъмолӣ (талабот), логистикӣ, захираҳои меҳнатии соҳибтахассус, энергетикӣ, рақобат, ифрасохтор, иқтидори илмӣ-техникӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ва андозаи корхона алоқаманд аст. Дар ин самт, диққати асосӣ ба иқтидори қуввахои истеҳсолкунанда

дар маҳорати таъсиси корхонаҳои андозаашон гуногуни коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати ташкили фаъолияти истеҳсолӣ равона мешавад. Ҳамчунин, ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун шарти асосноккунии самаранокии иқтисодиро дар минтақаи муайян таъмин ва дар натиҷаи ҳамкории муносиб ба густариши занҷираи «истеҳсол-коркард-фурӯш»-и маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Хулоса, таъсис ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо дарназардошти иқтидори истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ, талаботи истеъмолкунандагон, захираҳои меҳнатии соҳибтахассус, ифрасохтор, иқтидори илмӣ-техникӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ваэкологӣ ба камшавии талафоти маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ мусоидат намуда, гирифтани фоидаи бештарро таъмин менамояд.

Омили муносибгардонии ҷойгиркунии КХМ-и истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа қонуниятҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва доимӣ афзуншавии ҳосилнокии меҳнат маҳсуб меёбад. Инҳо ҷиҳати ҷойгиркунии КХМ қонунҳои умумии усули истеҳсолот ба ҳисоб рафта, ба таври қонуниятҳо инъикос меёбанд.

Қонуниятҳои ҷойгиркунӣ заминаи объективии принсипҳои ташкили КХМ-ро ифода менамояд. Принсипҳо ҳамчун пояи асосии фаъолияти давлат ҷиҳати таъсиси субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқи қонунҳои иқтисодӣ фаҳмида мешавад. Ҳар як принсип як хусусиятҳои хоси қонунро инъикос мекунад ва ҷамъан онҳо талаботи қонунҳои иқтисодиро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муайян менамоянд.

Принсипҳое, ки дар қонунгузории бахши соҳибкорӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд, аз ҷумла: риоя ва иҷрои дақиқ, якхела ва ҳатмии талаботи қонунгузорӣ (қонуният), шаффофият, баробарҳуқуқӣ ва иштирок дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои умумии субъектҳои хоҷагидориро таҷассум менамоянд. Онҳо бештар хоси тамоми навъҳои

фаъолияти соҳибкорӣ буда, дар он хусусиятҳои фаъолияти КХМ кам ба инобат гирифта шудааст.

Аз ин лиҳоз, дар рафти омӯзиши ин масъала мо таҳқиқоти профессор В.Я. Горфинкелро мавриди истифода қарор додем, чунки ӯ принсипҳои фаъолияти соҳибкориро возеҳ шарҳ дода, принсипҳоеро пешниҳод намудааст, ки бештар хоси фаъолияти КХМ буда, онҳо «чун қоида бояд ҳам аз ҷониби соҳибкор ва ҳам ҳокимияти давлатӣ ҳатман риоя карда шаванд» [67, 39-60].

Масалан, яке аз принсипҳое, ки ӯ пешниҳод намудааст: «Фурсати дуюм барои соҳибкорони поквичдони муфлисшуда» мебошад, ки аксаран хоси КХМ буда, баҳри танзим ва мусоидат барои рушди соҳибкории хурду миёна низоми мусоидро фароҳам месозад» [67, 39-60]. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон таъсиси корхонаҳои нав аз як тараф муаммо бошад, аз тарафи дигар муфлисшавӣ ё барҳамхӯрии корхонаҳо мушкилоти дигар мебошад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дастгирӣ ва ҳимояи соҳибкорони поквичдони муфлисгашта аз ҷониби давлат бо роҳи тадбиқ ва амалигардонии принсипи «Фурсати дуюм» мувофиқи мақсад мебошад.

Принсипи дигаре, ки ӯ пешниҳод кардааст, таъмини амалии «Аввал дар барои хурд фикр кун», ба он такя менамояд, ки «як андоза ба ҳама мувофиқат намекунад», ба он маъно аст, ки таҳияи принсип бояд таъсири номутаносиб барои корхонаҳои андозаашон гуногунро дар бар гирад. Инчунин, принсипи мазкур гувоҳи он аст, ки дар давраи аввали таъсисдиҳии ин ё он субъекти хоҷагидорӣ бояд дар андозаи хурд таъсис дода шавад, чунки дар андозаи хурд оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳама ҷиҳат осон ва хароҷоти камро талаб менамояд.

Аз ин лиҳоз, такя ба принсипҳои пешниҳоднамудаи В.Я. Горфинкел, ки бештар хоси корхонаҳои хурду миёна мебошанд, пешниҳод менамоем, ки дар сатҳи қонунгузории мамлакат принсипҳои фаъолияти КХМ мушаххас ва талаботи соҳибкории хурду миёнаи кишвар вобаста ба он муайян карда шавад. Татбиқ ва амалӣ намудани принсипҳои дар боло

номбаршуда имконият медиҳад, ки барои такмили ҷойгиркунии КХМ шароити мусоидро фароҳам оварда, онҳо дар назди мақомотҳои танзим ва назораткунанда ҳифз ва дастгирӣ карда шаванд.

Расми 1.1. - Принсипҳои фаъолияти корхонаҳои хурду миёна

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ* [11 ва 67].

Вобаста ба муаммоҳои мавҷудаи соҳа ва бартарафсозии он зарур мешуморем, ки принсипҳои зерин: идоракунии мутамарказ, мувозинатии ҷойгиркунӣ, масъулияти мақомоти давлатӣ, тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм дар қонунгузории соҳаи соҳибкории хурд муайян ва дар амал татбиқ карда шаванд.

Принсипи идоракунии мутамарказ - дар ҳалли масъалаҳои муҳимми стратегӣ бо ёрии иштироки васеи субъектҳои соҳибкорӣ дар ҷойгиркунӣ нақши муассир мегузорад. Аҳаммияти ин принсип дар он аст, ки ҳуқуқу уҳдадории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии ин бахши иқтисодиёт дақиқ ва пайваста васеъ карда шуда, нақши коллективҳои меҳнатӣ дар ҳалли масъалаи рушди корхона зиёд карда мешавад.

Дар шароити муосир яке аз муаммоҳои мавҷудаи КХМ ин мавҷуд набудани идоракунии мутамарказ мебошад. Амалия нишон медиҳад, ки вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар идоракунии КХМ мушаххас нестанд. Бинобар ин, дар сатҳи қонунгузории соҳа ҷорӣ намудан ва дар амал тадбиқ намудани принсипи идоракунии мутамарказ муҳим мебошад. Тадбиқи принписи мазкур имконият медиҳад, ки масъулияти мақомоти идоракунии давлатӣ бештар гардида, ҷиҳати рушди ин бахши муҳимми иқтисодиёт омили мусоидаткунанда мегардад.

Принсипи мувозинатии ҷойгиркунӣ моҳиятан дар дуруст ҷобаҷокунии КХМ вобаста ба истеҳсолу истеъмол ва мавҷудияти ҳама захираҳо ба монанди: ҳаҷми ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои табиӣ, маблағгузориву сармоягузорӣ, инфрасохтор, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ва ғайраро ифода менамояд.

Принсипи «Тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм». Таҳлили иқтисодӣ ва дастгирии рушди бахши КХМ муайянкунии возеҳи сарҳади онҳоро тақозо менамоянд. «Бо ин мақсад дар ҳар як мамлакат мақомоти оммавии идоракуни меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии ба корхонаи хурду миёна мансуб донистани корхонаро тасдиқ мекунанд, ки ин ҷанбаи мусбат ва манфӣ дорад» [84, с. 126].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар мамлакатҳои гуногун меъёрҳои соҳибкории хурд ва миёна метавонанд мухталиф бошанд, ки ин муқоисаи байналмилалиро бениҳоят мушкил мегардонад. Дар амалияи ҷаҳонӣ критерияи фарқкунандаи андозаи корхона ба миқдорӣ ва сифатӣ ҷудо карда шудааст.

Яке аз меъёрҳои миқдории нисбатан паҳншудатарини муайянкунандаи андозаи корхона ин шумораи миёнасолонаи кормандон мебошад. Меъёри мазкур дар мамлакатҳои гуногун аз рӯйи бузургии миқдориашон фарқи зиёд доранд. Дар ИА барои баҳисобгирӣ ва дастгирии КХМ ба ҳамаи мамлакатҳо тавсия шудааст, ки меъёри ягонаи шумораи кормандонро мавриди истифода қарор диҳанд: ба КХМ шумораи машғулин 250 нафар; аз ҷумла, ба гурӯҳи корхонаҳои хурд камтар аз 50 нафар, ба гурӯҳи корхонаҳои хурдтарин (микро) то 10 корманд. Дар як қатор давлатҳои ИДМ, ки бо ИА робитаи нисбатан зич доранд (Гурҷистон, Молдова, Украина ва ғайраҳо), меъёрҳое истифода мешаванд, ки онҳо бо меъёрҳои қабулнамудаи ИА наздик мебошанд. Дар дигар мамлакатҳои ИДМ (Озарбойҷон, Белоруссия, Россия ва ғайраҳо) меъёрҳои корхонаҳои хурду миёна фарқ мекунанд. Аз ҷумла, дар Озарбойҷон меъёрҳо тибқи бахшҳо ба тариқи зайл дигаргун мешаванд: «Дар бизнеси КХМ-и ба корҳои сохтмонӣ ва саноат машғулбуда камтар аз 40 нафар, дар кишоварзӣ то 15 нафар, дар савдои яклухт то 10 нафар ва дар соҳаҳои дигар то 5 нафар» [138].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин меъёр дар аввали солҳои соҳибистиқлолии мамлакат вобаста ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт муайян карда шуданд, аммо солҳои охир он истифода намешавад.

Ҳамчунин, дар қатори миқдори миёнасолонаи кормандон, меъёрҳои дигари миқдорӣ истифода мешаванд, ки имконият медиҳанд дар бораи андозаи КХМ муҳокимаронӣ кард. Инҳо, нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ҳаҷми истеҳсолот (фурӯши холис, гардиши мол) ва захираҳои бизнесро (дороиҳо, фондҳои асосӣ, сармояи оинномавӣ) инъикос мекунанд. Ҳамин тавр, дар ИА меъёри арзишии ба корхонаҳои хурд мансуб донистан (ҳаҷми фурӯш ва дороиҳои тавозун) умуман дар як сол 10 млн евроро ташкил медиҳад. Дар мамлакатҳои ИДМ онҳо ниҳоят пасттар мебошанд. Масалан, «Дар Қазоқистон ба корхонаҳои хурд он корхонаҳое дохил мешаванд, ки дороиҳои онҳо аз 3 млн доллари ИМА зиёдтар нестанд» [138].

Қайд кардан зарур аст, ки дар ИМА истилоҳи «бизнеси хурд» амалан ҳам корхонаҳои хурд ва ҳам миёнаро ифода мекунад. Ҳол он ки дар мамлакатҳои аврупоӣ ва Япония дар муайянкунии расмии бизнеси на чандон калон истилоҳи «соҳибкории хурд ва миёна» истифода мешавад. Умуман, дар соҳаҳои ширкатҳои дорои андозаи калони мувофиқ корхонаҳои бузург бартарият доранд ва ҳамин тавр, андозаи ширкатҳо ба ҳисоби миёна дар онҳо баландтар мебошад. Ҳамчунин, бояд он далелро ба назар гирифт, ки дар кишоварзӣ, соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва хизматрасонӣ шумораи имконпазири қувваи корӣ ва ё даромади умумӣ одатан аз сатҳи заминавӣ ба маротиб пасттар аст. Масалан, дар ИМА стандарти шумораи кормандон дар корхонаи хурди ба савдои яклухт машғулбуда на зиёда аз 100 нафарро ташкил медиҳад. Ҳол он ки барои муҳофизати саноати коркарди нефт дар ИМА ба категорияи корхонаҳои хурд корхонаҳое дохил карда шудаанд, ки шумораи кормандонаш то 1500 нафар, дар МЭҲ то 1000 нафар мебошанд. Дар корхонаҳои на чандон калони ин соҳаҳо Ҳукумат реҷаи имтиёзноки баландкунандаи рақобатпазирии онҳо дар мубориза бо маҳсулоти воридотии ширкатҳои хориҷиро муқаррар кардааст.

Дар оинномаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) чунин муайянкунӣ оварда шудааст: «Корхонаи бо шумораи кормандон то 19 нафар хеле хурд, аз 20 то 90 нафар хурд, аз 100 то 499 нафар миёна ва зиёда аз 500 нафар корхонаҳои калон ҳисобида мешавад» [65].

Дар баробари меъёрҳои миқдорӣ барои баҳогузории сарҳади корхонаҳои хурду миёна, инчунин меъёрҳои сифатии ба бахши додашуда мансуб донистани корхонаҳоро истифода мекунанд. Меъёрҳои сифатии асосӣ инҳо мебошанд:

- мустақилияти ҳуқуқии КХМ, ки эҳтимолияти дар идоракунии аз тарафи ширкати модарӣ (асосӣ) таъсиргузорӣ истисно карда мешавад;

- набудани таъсири афзалиятнокии корхона ба бозор.

Татқиқотҳо нишон доданд, ки меъёрҳои сифатӣ ҷиҳати ҷудо намудани андозаи корхонаҳо дар бештари мамлакатҳо, аз он ҷумла дар ҷумҳу-

рии мо истифода карда намешаванд. Ҳамчунин, бештари мамлакатҳо дар муайянкунии андозаи корхона як ва ё ду нишондиҳандаро дар қонунгузориашон нишон дода фарқияти КХМ-ро аз дигар шаклҳои он ҷудо менамоянд, ки албатта он дар шароити муосир ҷавобгӯйи талабот нест.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки дар муайянкунии сарҳади корхонаҳо меъёрҳои маҷмуи истифода карда шавад, чунки истифодаи онҳо гарчанде каме душвор ҳам бошад, аммо дақиқ андозаи корхонаҳоро муайян менамояд. Бо ҳамин мақсад мо критерияҳои маҷмуиро дар расми 1.2. ба таври мухтасар нишон додем.

Расми 1.2.-Критерияҳои маҷмуии муайянкунандаи андозаи корхона вобаста ба раванди идоракунӣ

Манбаъ: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ [122 ва 125]*

Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки роҳбари корхона дар бештари ҳолат барои кам пардохт намудани андоз шумораи кормандон ва даромади умумиашро кам ва баръакс дар вақти гирифтани қарз арзиши дороиҳои худро зиёд нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, критерияҳои маҷмуӣ

имконият медиҳад, ки андозаи корхона дақиқ муайян карда, дар ҳолати пинҳон кардани як нишондиҳанда критерияҳои дигар тағйир меёбад.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт андозаи корхонаҳоро бо критерияҳои арзишӣ (молиявӣ), ғайриарзишӣ ва сифатии марбут ба соҳаҳо, ки дар ҷадвали 1.3. оварда шудааст, ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷадвали 1.3. - Андозаи корхонаҳои агросаноатӣ вобаста ба критерияҳои миқдорӣ ва сифатӣ

Критерия		Хурд	Миёна	Калон
1. КИШОВАРЗӢ				
Миқдорӣ, Арзишӣ (молиявӣ)	Миқдори замин	То 10 га	Зиёда аз 10 га то 50 га	Зиёда аз 50 га
	Арзиши дороиҳо	То 200 ҳаз.сомонӣ	То 500 ҳаз.сомонӣ	Зиёда аз 500 ҳаз.сомонӣ
	Даромади солона	То 500 ҳаз.сомонӣ	То 1 млн.сомонӣ	Зиёда аз 1 млн.сомонӣ
Ғайриарзишӣ	Шумораи кормандон	1-9 нафар	10-50 нафар	Зиёда аз 50 нафар
Сифатӣ	Сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ	Бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ	Бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ	Иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо)
	Дараҷаи вобастагӣ ва сифати дороиҳо, яъне коэффитсиенти вобастагии молиявӣ	То 0,5	То 0,4	На зиёда аз 0,3
2. САНОАТ				
Миқдорӣ, Арзишӣ (молиявӣ)	Сармояи оинномавӣ	Аз 100 то 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо	Зиёда аз 300 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо	Зиёда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо
	Арзиши дороиҳо	То 500 ҳаз.сомонӣ	То 1 млн. сомонӣ	Зиёда аз 1 млн.сомонӣ
	Даромади солона	То 1 млн.сомонӣ	То 10 млн.сомонӣ	Зиёда аз 10 млн.сомонӣ
Ғайриарзишӣ	Шумораи кормандон	5-20 нафар	Зиёда аз 20 то 100 нафар	Зиёда аз 100 нафар
Сифатӣ	Сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ	Кооперативи тиҷоратӣ	ҶСП	ҶСК
	Дараҷаи вобастагӣ ва сифати дороиҳо, яъне коэффитсиенти вобастагии молиявӣ	То 0,3	То 0,2	На зиёда аз 0,1

Манбаъ: *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ*

Бояд қайд кард, ки дар сарҳади муайянкунии андозаи корхонаҳо меъёрҳои сифатӣ низ дар назар гирифта шаванд: «Оё корхонаи хурду миёна мустақил ҳаст ё тавассути сохтори нисбатан калон назорат карда мешавад. Таъсири берунии бартаридошта дар идоракунии корхонаҳои

хурду миёна ғайри қобили қабул эътироф карда шудааст, бинобар ин ҳиссаи корхонаҳои калон дар сармояи корхонаҳои хурду миёна, чун қоида, набояд аз 25% зиёд бошад» [30].

Меъёрҳои миқдории дар сатҳи давлатӣ ва миллӣ муқарраргардида барои ҳамон қалamрав ҳадди аксар мебошанд. Аз ин рӯ, муносибати мавзун истифода мешавад: сарҳади миқдорӣ ва сифатии бахши корхонаҳои хурду миёна метавонанд дар қонунгузорӣ ва аснoди сиёсии мамлакат ё минтақаи мушаххас ба таври гуногун муайян шуда бошанд.

Дар даҳсолаҳои охир, дар мамлакатҳои Ғарб корхонаҳои хурду миёнаи коркардкунанда ба феномени ҳақиқии иқтисодӣ табдил ёфтаанд. Миқёс, суръати рушд ва нақши онҳо дар ҷомеа он қадар таассуротбахш ҳастанд, ки муайян кардани сабабҳои ин ҳодиса мувофиқи мақсад мебошад.

Тибқи ҳадафҳои фаъолият корхонаҳои хурду миёнаи коркардкунанда чун қоида, аз корхонаҳои калон фарқ намекунанд. Аммо, таҷриба нишон дод, ки ба нақши муҳимми онҳо дар ҷомеа нигоҳ накарда, онҳо сатҳи ниҳоят пасти дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолият карданро доранд, аз ин лиҳоз эҳтиёҷманди дастгирии давлатӣ мебошанд.

Мафҳумҳои «хурд», «миёна» ва «калон» миқёси иқтидорӣ ё фаъолияти ҳақиқии иқтисодиро ифода намуда, ба тавсифоти миқдории корхона мансуб мебошанд. Аммо, миқёсро метавон истифода кард, танҳо бо шарте ки агар он андозаро дар назар дошта бошад. Мувофиқи бузургии корхона миқёс метавонад як ё бисёрченака бошад. Истифодаи яке аз ченакҳо имконият медиҳад, ки андозаи корхона хеле аниқ муайян карда шавад, гарчанде дар бораи моҳияти он тасаввурот намедиҳад. Миқёси бисёрченак барои ҷудокунии корхонаҳо бештар қулай мебошанд, вале сифати баландро бо тамоми аломатҳояш тақозо намекунад.

Олимон кӯшиш кардаанд, ки меъёри ягонаи ҷудокунии корхонаҳоро муқаррар намоянд, вале аз сабаби хусусиятҳои фаъолияти иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун ба муваффақият ноил нагардиданд. Он хусусиятҳо бо шарҳи зерин мебошанд: сохторсозии оморию онҳо; муҳтавои

қонунгузории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; эрод барои гирифтани имтиёзҳо аз тарафи давлат; миқёсҳои хоҷагидорӣ, ғунҷоиши бозор ва ғайраҳо.

Ҳангоми ҷудокунии корхонаҳо ҳам меъёрҳои миқдорӣ ва ҳам меъёрҳои сифатӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Меъёрҳои миқдорӣ баҳои якрақамаро таъмин мекунанд. Меъёрҳои сифатӣ ҳангоми гурӯҳбандии корхонаҳо аз рӯйи андоза бефоида мебошанд, чунки ин аломати хоси корхонаи хурд метавонад дар корхонаи калон ҳам дида шавад.

Хулосаи зербоби 1.2.

1. Вобаста ба шароити рушди иқтисодиёт ва мушкилоти хусусияти дуҷониба доштани ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ омили оптималикунонии ҷойгиркунӣ иқтидори ашёи хом, бозори истеъмолӣ, логистикӣ, захираҳои меҳнатии соҳиб-тахассус, энергетикӣ, рақобат, ифрасохтор, иқтидори илмӣ техникӣ, ташкилӣ-идоракунӣ, экологӣ ва бахусус андозаи корхона маҳсуб меёбад;

2. Зарур мешуморем, ки принсипҳои идоракунии мутамарказ, мувозинатии ҷойгиркунӣ, масъулияти мақомоти давлатӣ, тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм дар қонунгузории соҳаи соҳибкории хурд муайян ва дар амал татбиқ намудани он мувофиқи мақсад мебошад;

3. Дар бештари ҳолат барои муайян намудани сарҳади андозаи корхона як ва ё ду нишондиҳанда истифода карда мешавад. Мо пешни-ҳод менамоем, ки барои ҷудо намудани андозаи корхонаҳо истифодаи «критерияҳои маҷмуӣ» мувофиқи мақсад мебошад. Критерияҳои маҷмуи бо дарназардошти объекти идоракунӣ ва вазифаҳои субъекти идоракунанда ба миқдорӣ, сифатӣ, арзишӣ ва ғайриарзишӣ тасниф карда шуда, ҷиҳати ҷудокунии корхонаҳои хурду миёна аз дигар корхонаҳо шумораи кормандон, дороиҳои корхона ва сифати он, иқтидор ва ҳаҷми истифодаи он, даромади умумӣ, дараҷаи вобастагӣ, сармояи оинномавӣ ва сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ ҳамун критерияҳои асосӣ қабул карда шаванд.

1.3. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкил ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ кушоду равшан исбот менамояд, ки барои расидан ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ-иҷтимоӣ низоми ташкилию иқтисодӣ ва дастгирии давлатии соҳа нақши беандоза дорад.

Омӯзиши таҷрибаи низоми ташкили КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар хориҷи кишвар, ки ба фароҳам овардани имкониятҳои мувофиқ ҷиҳати такмили сохторҳои ташкилӣ мусоидат менамоянд, замина гузошт, то се омили низомсозро муайян намоем:

1. Рушди истеҳсолот тавассути марказияти минтақавии корхонаҳои КАС. Ба ин сохтори ташкилӣ ИМА-ро мисол овардан мумкин аст, ки яке аз истеҳсол ва коркардкунандаи пешсафи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷаҳон маҳсуб меёбад. Гарчанде, ИМА дар муқоиса бо дигар кишварҳо иқтидори бузурги меҳнатӣ-кишоварзӣ надошта бошад ҳам, аммо дар шаҳрҳои гуногуни он истеҳсол ва коркарди ибтидоию ниҳоии маҳсулоти соҳаҳои растанипарварӣ (ҷуворимакка, гандум, мева ва сабзавот), чорводорӣ (шир, гӯшт) ва баҳрӣ роҳандозӣ шуда, ин кишварро ба бузургтарин истеҳсолкунандаи хӯрокворӣ табдил додааст. Шароити мусоид ва истифодаи технологияи муосир дар штатҳои Калифорния, Техас, Айова Иллинойс дараҷаи баланди самаранокии истеҳсолотро таъмин намудааст, ки ИМА баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳон то ҳоло бузугтарин содиркунандаи хӯрокворӣ маҳсуб меёбад

Ю.В. Велдина чунин иброз намудааст: «Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли хӯрокворрии ИМА дар дараҷаи баланди консентратсияи истеҳсолоти минтақавӣ фарқ мекунад. Он тамоми соҳаҳои мавҷудаи истеҳсолоти оммавӣ, аз ҷумла истеҳсолоти миқёсан хурдро дар бар мегирад. Бахшҳои стратегии саноати хӯрокворрии ИМА истеҳсол ва коркарди шир, гӯшт, консерваҳо, орд ва истеҳсоли нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ ба ҳисоб меравад. Саноати хӯрокворӣ дар тамоми ҳудуди он якхела ҷойгир шудааст. Шаҳрҳои бузург марказҳои пешбари ин соҳаи иқтисодиёт мебошанд» [119, С. 127-

130]. Ҳамин тавр, рушди истеҳсолот ба воситаи марказияти минтақавии корхонаҳои КАС дар ИМА сабаби ташаккули кластерҳои агросаноатӣ гардида, онҳо 65%-и бозори озуқавории ин кишварро таъмин ва имкониятҳои содиротии онро васеъ намудаанд. Сабаби асосии рушди кластерҳои агросаноатӣ ин тамаркузи баланди сохторҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар дохили кластер маҳсуб ёфта, бо дарназардошти рақобатпазирии истеҳсолкунандагон дар асоси таҳкими занҷираи арзиши бозорӣ асос ёфтааст. Дар ин ҷода, дастгирии давлатии соҳаи кишоварзиро дар ИМА махсус бояд қайд намоем, зеро он бо механизм ва усулҳои гуногун роҳандозӣ шуда, омили рушди кластери агросаноатӣ гардидааст.

2. Ташкили сохторҳои ҳамгирошудаи корхонаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, истеҳсоли хӯрокворӣ ва бозори фурӯш. Тавлиди маҳсулоти баландсифати кишоварзӣ боиси таъмини саноати коркард бо ашёи хоми хушсифат гардида, дар натиҷа хӯроквории мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ истеҳсол мегардад, ки ин бевосита аз ташкили муназзами сохторҳои ҳамгирошудаи корхонаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, истеҳсоли хӯрокворӣ ва субъектҳои фурӯш вобаста аст. Ҳоло ин сохтори ташкилиро кишварҳои Олмон, Фаронса ва Туркия истифода мебаранд. Дар ин кишварҳо соҳаи кишоварзӣ талаботи саноати коркардро бо миқдори дақиқи ашёи хом, нарх, сифат ва дар муҳлати муайян таъмин менамояд. Амалисозии чунин сохторҳои ҳамгироӣ тағйироти хоссаеро дар истеҳсолоти аграрии кишварҳои болозикр ба миён оварда, сабаби ба вуҷуд омадани арзиши изофашуда ба маҳсулоти иштирокчиёни занҷираи ҳамгироӣ гардидааст.

Ҳамчунин, амалияи таҷрибаи кишварҳои балозикр нишон медиҳад, ки таъмини КАС бо технологияи инноватсионӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба он сабаби рушди соҳа гардидааст. Аз як ҷониб истифодаи технологияи муосир дар соҳа, аз ҷумла татбиқи муҳити виртуалӣ тамоми марҳилаҳои истеҳсол ва фурӯшро ҳамоҳанг намуда, ба истеҳсолкунандагон шароит муҳайё месозад, ки маҳсулоти худро бе иштироки миёнаравҳо ба бозорҳои дохиливу хориҷӣ ба фурӯш бароранд. Ин омил,

ба камшавии хароҷот ва гирифтани фоидаи дилхоҳ омили мусоидаткунанда маҳсуб меёбад. Аз ҷониби дигар, истифодаи платформаҳои интернетӣ дар соҳа ба сармоягузорон ҷиҳати дастрасии иттилоот имкон фароҳам оварда, ҳавасмандии онҳоро бештар менамояд. Рақамикунонии корхонаҳои агросаноатӣ ба густариши муносибатҳои ҳамгироӣ байни субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои логистикӣ, муассисаҳои молиявӣ, суғуртавӣ, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва субъектҳои фурӯш мусоидат менамояд.

Ҳамин гуна, яке аз хусусиятҳои рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар кишварҳои хориҷи наздик, аз ҷумла Узбекистон, Қазоқистон ва Эрон такмили механизмҳои иқтисодии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ба назар мерасад. Масалан, дар Узбекистон барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ имтиёзҳои зерин: боҷҳои гумрукии воридотӣ-содиротӣ, нархҳои таъиншуда, субсидияҳои содиротию воридотӣ, пардохти суғуртавӣ ва пардохтҳои таъмини гирифтани фоида дар шакли бандҳои фоизӣ амал намуда, инчунин ба инфрасохтори кишоварзӣ, бахусус обёрии заминҳои деҳот таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

3. Рушди хоҷагидории шартномавӣ. Ин сохтори ташкилии хоҷагидорӣ шакли нав набошад ҳам, аммо ҷиҳати рушди КАС дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳоло ҳам истифода мешавад. Аслан, ин шакли ташкилӣ соли 1950 дар ИМА бо сабаби таҳаввулоти технологӣ, зиёдшавии талабот ба заминҳои кишоварзӣ ва пайдосозии сармоя ҷиҳати такомули истеҳсолот оғоз ёфт. Дар ин давра, кишоварзони ИМА барои харидани технологияи пешқадам маблағи зиёд сарф менамуданд, ки сабаби гаронии маҳсулоти онҳо шуд, аммо бозор арзиши баланди маҳсулотро қабул накард. Дар ин шароит, ин кишвар дар КАС шакли ташкилии хоҷагидории шартномавиро амалӣ сохт, ки дар натиҷа ба пайдоиши ду навъи он замина гузошт: якум, саноати коркард дар асоси шартнома ҳамаи маҳсулоти деҳқононро пешакӣ харидорӣ мекард; дуюм, дар кишоварзӣ хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ – тухмӣ, нурӣ, мошинолот ва ғайра мувофиқи шартнома аз

ҷониби корхонаҳои коркард, истеҳсоли хӯрокворӣ ва ё субъектҳои бозор пардохт мешуд.

Ҳамин гуна, ин навъи хоҷагидорӣ дар Италия баъд аз як тадқиқоте рушд кард, ки соли 2017 самаранокии баланди корхонаҳои макаронбарориро бо таъмини навъи гандуме, ки барои чунин истеҳсолот истифода мешавад, мушоҳида шуд. Баъдан, мақомоти ин кишвар ба хулосае омаданд, ки хоҷагидории шартномавӣ ба субъектҳои КАС имкони байни ҳам ҳамкорӣ карда, талаботи бозорро зуд ва беҳтар қонеъ ва ба гирифтани фоидаи бештар замина мегузорад. Ин модели рушди КАС ба кишоварзони Италия шароит фароҳам овард то бе миёнарав мустақиман ашёи хом фурӯхта устувории даромадро таъмин ва аз хатарҳои бозор худро ҳифз намоянд.

Дар давлатҳои рӯ ба рушд бошад, сабаби ба ин сохтори ташкилии хоҷагидорӣ майл намудан хатарҳои гуногуни соҳа, аз қабили ислоҳоти замин ва мавҷудиёти хоҷагиҳои натуралӣ арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи мо, амалисозии шаклҳои болозикри низоми ташкилии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушд ва ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар иқтисодиёти минтақа мусоидат менамоянд, ки муҳимтарин бартариҳои он инҳоянд:

- рушди истеҳсолот тавассути марказияти минтақавии корхонаҳои КАС дар Тоҷикистон сабаби ташаккули истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноат мегардад, чунки он ду соҳаи муҳимро ба ҳам наздик намуда, харочоти истеҳсолиро кам ва гирифтани фоидаи бештарро таъмин менамояд (таҷрибаи ИМА);
- амалисозии сохторҳои ҳамгирошуда тавассути платформаҳои интернетӣ тамоми марҳилаҳои раванди истеҳсолотро ҳамоҳанг намуда, ба рушди муносибатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, истеҳсоли хӯрокворӣ, логистика ва субъектҳои бозор мусоидат менамояд (таҷриаби Олмон, Фаронса, Туркия ва Узбекистон);

- амалисозии хоҷагидории шартномавӣ дар Тоҷикистон ба деҳқонон имкон медиҳад даромади худро пешгӯйи кунанд, ба сифат ва ҳаҷми истеҳсолот аҳаммият диҳанд, ҳамкориро бо муассисаҳои илмӣ қавитар намуда, тиҷорати худро рушд ва ба ин васила тағйироти иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро ба миён оранд (таҷрибаи Италия).

Дар шароити кунунии Тоҷикистон навъи сохторӣ-ташкилии хоҷагидории шартномавӣ мувофиқ буда, татбиқи он метавонад ба ду навъи дигари он, яъне «Рушди истеҳсолот тавассути марказияти минтақавии корхонаҳои КАС» ва «Ташкили сохторҳои ҳамгирошудаи корхонаҳои кишоварзӣ, саноати коркард, истеҳсоли хӯрокворӣ ва бозори фурӯш» заминаи мусоидро фароҳам оварад.

Хулоса, нақши давлат дар истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба сохторҳои ташкилӣ муҳим ва аввлиндараҷа мебошад. Мақомоти дахлдори давлатиро зарур аст, ҷиҳати рушди истеҳсолот, мутамарказии корхонаҳои КАС дар минтақаҳо, ба ташкили сохторҳои ҳамгирошуда дар шакли хоҷагидории шартномавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Амалан дар ҳамаи тадқиқоте, ки ба омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташкил ва рушди КХМ бахшида шудаанд, дар навбати аввал таҷрибаи ИМА таҳлил карда мешавад, чунки «дар ин мамлакат қариб 23 миллион КХМ фаъолият намуда, 53 %-и ММД- ро истеҳсол мекунанд, ба ҳиссаи корхонаҳои хурд қариб 30 %-и ҳамаи содирот ва инчунин 55 %-и кулли инноватсия рост меояд» [145, С. 201-204].

Низоми дастгирии давлатии ИМА зиёда аз 80 сол инҷониб вуҷуд дорад. Соли 1953 Маъмурият оид ба масъалаҳои рушди бизнеси хурд (SBA, минбаъд Маъмурият) ташкил карда шуд, ки он дигаргуниҳои қатъиро дар рушди низоми дастгирии давлатии соҳа ба миён овард. Фаъолияти Маъмурият тибқи ҳадафҳои стратегии зерин ба роҳ монда шудааст: «зиёд намудани шумораи КХ дар минтақаҳои таназзулёфта ва сусттараққикарда; расонидани кумаки саривақтӣ ба соҳибхонаҳо, иҷорагирҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки аз офатҳои

табиӣ зарар дидаанд; мониторинги доимӣ; назорати баланд бардоштани самаранокии барномаи Маъмурият» [91, С. 24-42].

Бо иштироки фаъолонаи Маъмурият низоми миллии дастгирии молиявӣ, технологӣ, методӣ, инноватсионӣ ва машваратӣ-иттилоотии бизнеси хурд таъсис ёфтааст. Кумаки молиявии Маъмурият ба бизнеси хурд аз иштироки КХ ба қарздиҳии инноватсионии имтиёзнок дар шакли грантҳо мебошад, яъне ба КХ-и ба дастгирӣ эҳтиёҷдошта, алалхусус дар марҳилаҳои аввали таъсисдиҳӣ қарзҳои дорои имтиёзҳои махсус дода мешавад. Ҳукумати ИМА кӯшиш дорад, ки ҳамкории байни бизнеси хурд ва калонро дар бахши инноватсия тавсеа диҳад. Ба ҳайси мисол метавон барномаи давлатии «Mentor-Protege» -ро ном бурд, ки моҳияти он расонидани кумак аз тарафи ширкатҳои бузург ба бизнеси хурд ва тавсеаи иштироки он дар иҷрои қарордодҳо мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ИМА дар байни иқтисодиёти баррасишавандаи дастгирикунанда, аксаран тибқи барномаҳои қарздиҳӣ намояндаи ягонае мебошад, ки дар доираи онҳо дастгирии кафолатнок ва миёнаравӣ кардан дар қарзгирӣ пешбинӣ мегарданд.

Инчунин, дар ИМА имтиёзҳои андозӣ ҷиҳати дастгирии корхонаҳои хурд амалӣ шудааст. Масалан, мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ИМА нисбат ба КХ ду меъёри андоз - 15% ва 28% татбиқ шуда, барои корхонаҳои ҳаҷман калон аз 34% то 46%-ро ташкил мекунад.

Яке аз кишвари дигаре, ки дар он низоми дастгирии КХМ рушд кардааст, ин Ҷопон мебошад. «Ҳиссаи соҳибкории хурд дар иқтисодиёти ин кишвар зиёда аз 55%-ро ташкил медиҳад ва шумораи корхонаҳои хурд бештар аз 6 миллион мебошанд. Дар Ҷопон ба истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди илмӣ-технологӣ ва табдилдиҳии технологияҳои инноватсионӣ асосан корхонаҳои калон машғул буда, КХ дар соҳаҳои мошинсозӣ, сохтмон, савдо ва хизматрасонӣ амал мекунад» [125, С. 86-89]. Д.Н. Дадоматов дар тадқиқоти худ қайд менамояд: «Ширкатҳои машҳури Ҷопон «Сони», «Хонда», «Матсусито» дар давраи тулонӣ корхонаҳои хурд буданд, имрӯз бошад, ба корхонаҳои бузург мубаддал

шуда, тақсимоти самараноки унсурҳои раванди технологиро дар филиалҳо, корхонаҳои фаръӣ, истеҳсолоти алоҳидаи махсус таъмин намуда, истифодаи принсипи соҳибкории хурдро идома медиҳанд. «Тасдиқи принсипи соҳибкории хурд тавассути ташкили низоми баландпояи корхонаҳои фаръӣ, филиалҳо, корхонаҳои алоҳидаи махсус амалӣ мешавад» [185, с. 48]. Бинобар ин, сиёсати иқтисодии Ҷопон дар бахши дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд на танҳо дар сегментҳои нишондодашудаи иқтисодиёт, балки дар соҳаҳои илмталаби истеҳсолот нигаронида шудааст.

Дар Ҷопон фаъолияти соҳибкории хурдро «Раёсати корҳо оид ба бизнеси хурд» ба танзим медарорад. Бо мақсади осон намудани амалиёти қарзгирии корхонаҳои бизнеси хурд «Корпоратсияи суғуртаи соҳибкории хурд ва миёна» амал мекунад. Шаклҳои зерини дастгирӣ ва рушди корхонаҳои хурд дар Ҷопон дида мешавад:

- барои осон намудани таъсиси бизнеси нав метавон корхонаи хурдро бидуни сармояи аввалия (ҳамагӣ 1 йен) ифтитоҳ кард;
- истифодаи низоми қарзгирии бидуни кафолат;
- тавсеаи низоми имтиёзҳо дар андозбандии ширкатҳои ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғулбуда;
- мавҷудияти ду варианти андозбандӣ–низоми содакардашуда (соҳибкорон уҳдадории махсус надоранд, аммо имтиёзҳои андозро истифода намекунанд) ва пурра (ҳамаи асноди молиявӣ омода карда мешавад ва он имконияти истифодаи имтиёзҳои андозро медиҳад)» [125, с. 86-89].

Дастгирии давлатии КХМ дар ҳамаи префектураҳои Ҷопон бештар аз ҳама «ба ҳавасмандгардонии худмашғулиятӣ, нигоҳдории ҷойҳои корӣ ва рушди неруи инсонӣ бо назардошти зиёдшавии раванди пиршавии ҷомеаи он давлат нигаронида шудааст» [120, С. 33].

Низоми муосири дастгирии давлатии КХМ дар Хитой унсурҳои зеринро дар бар мегирад: «Таъсиси фонди махсуси дастгирии корхонаҳои хурду миёна, муқаррар намудани реҷаи андози

преференсиалӣ, амалисозии дастгирии молиявӣ-қарзӣ, таъмини дастрасии субъектҳои соҳибкории хурд ба тақсимоти фармоишоти давлатӣ ва гузаронидани чораҳои дигари ҳавасмандкунанда» [179, с. 85].

Унсури асосии дастгирии давлатии КХМ дар Хитой «Комиссияи миллӣ оид ба рушд ва ислоҳот дар соҳа» мебошад, ки ба он «Маркази хитойии иттиҳодияи бизнес» дохил мешавад. «Дастгирии иттилоотии соҳа дар Хитой тавассути CSMEO-Хадамоти давлатии ғайритиҷоратии иттилоотӣ аз тариқи интернет-сайтҳо амалӣ карда мешавад. Дастгирии молиявии соҳибкории хурдро «Фонди қарзии кафолатнок» иҷро менамояд» [145, С. 201]. Яке аз вижагиҳои калидии КХМ дар ин кишвар озодии ташаккули ҳайати кормандони корхона ва ё муассисон мебошад. Фарқияти муҳимми муносибати хитойӣ ин набудани маҳдудият дар ҳайати муассисон мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи қонунгузориҳои ИМА, Хитой ва Ҷопон дар он зоҳир мегардад, ки дар кишварҳо меъёрҳои миқдорӣ вобаста аз соҳаҳои хоҷагии халқ тафовут доранд, пеш аз ҳама ин ба шумораи кормандон тааллуқ дорад. Ғайр аз ин, «Меъёрҳои миқдорӣ тавассути чунин нишондиҳандаҳо, мисли бузургии гардиш, амволи нақдӣ дар ихтиёри КХМ қарордошта ва ғайраҳо пурра карда мешаванд ё метавонанд тавассути қабули қарорҳои гуногун тағйир ёбанд» [91, С. 111-173].

Бояд иброз намуд, ки як навъи аҳаммиятноки дастгирии КХМ дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ин таъсиси технопаркҳо маҳсуб меёбад. Технопаркҳо заминаи асосии ташкили муназзами равандҳои инноватсиониро фароҳам сохта, дар табдили технологияҳои пешқадам аз доираи таҳияҳои заминавӣ ба истеҳсолот ҷойи муҳим доранд ва барои афзун кардани тавонии рақобати маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Технопаркҳоро мумкин аст аз рӯйи андоза, сохтор ва ҳаҷми хизматрасонии пешниҳодшаванда, дараҷаи истифодаи илм, гуногунии таркиби иштирокчиён аз ҳамдигар ҷудо намуд, ки навъҳои асосии он инҳоянд:

- «бизнес инкубатор»-маҷмуъаҳои инноватсионӣ маконе, ки муаррифии оғози лоиҳаҳои тиҷоратӣ аз минтақаҳои гуногуни кишвар мебошад;
- «бизнес-коннект»-таъсиси ҷомеаи тиҷоратӣ, ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ, фазои ҳамкориҳои мутақобилан судманди тоҷирон ва роҳбарони корхонаҳои гуногун;
- «паркҳои технологӣ» (илмӣ-истеҳсолӣ, инноватсионӣ);
- «Startup Tallrs» - ҷиҳати ҷалби таваҷҷуҳ, ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои гуногуни кишвар шунавандагон мақсаднок ҷамъ оварда мешаванд.

Дастгирии давлатии бизнеси хурд ва соҳибкории миёна дар Узбекистон. Низоми давлатии дастгирии бизнеси хурд ва соҳибкории хусусӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон тадбирҳои зеринро фарогир аст:

– ***қарздиҳии имтиёзнок***. Қарздиҳии субъектҳои бизнеси хурд ва соҳибкории хусусӣ дар асоси принсипи имтиёзнок бо ҷуброн кардани фарқияти марбута тавассути ташкилотҳои қарздиҳанда аз ҳисоби маблағи Фондҳои дастгирии соҳибкории хурд амалӣ мегарданд. Фондҳои зикршуда уҳдадоранд ба ташкилотҳои қарздиҳанда даромади аздастрафтаро пурра ё қисман ҷуброн намоянд, дар сурати он ки агар онҳо ба субъектҳои бизнеси хурд ва соҳибкории хусусӣ қарзи афзалиятнок дода бошанд;

– ***имтиёзи андоз аз фоида.*** Имтиёзҳо аз рӯйи андоз ба субъектҳои бизнеси хурд ва соҳибкорони хусусие муқаррар карда шудаанд, ки агар онҳо истеҳсолот ва ҳамзамон коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли озуқаворӣ, молҳои ниёзи аҳолӣ, масолеҳи бинокорӣ, таҷҳизот ва дорувориҳои тиббӣ, сохтмони объектҳои истиқоматӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва табиатҳифзкуниро ташкил намуда бошанд;

– ***суғурта.*** Суғуртаи субъектҳои бизнеси хурд ва соҳибкории хусусӣ дар шароити имтиёзнок иҷро карда мешавад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои суғуртакунандае, ки ба суғуртакунии субъектҳои соҳибкории хурд машғул мебошанд, дар навбати аввал аз имтиёзҳое истифода мекунанд,

ки тартиби онро қонунгузории амалкунанда муқаррар кардааст. Фондҳои суғуртакунандаи соҳибкории хурд уҳдадоранд, ки дар асоси шартнома бо ташкилоти суғуртакунанда даромади ба дастнаовардаашро пурра ё қисман ҷуброн намоянд;

– ***дастгириш истеҳсолӣ-технологӣ.*** Ҷиҳати таъмини субъектҳои соҳибкории хурд бо технологияи муосир ва таҷҳизоти навин бо мусоидати Мақомоти ҳокимияти иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ маҷмуи тадбирҳои дастгирикунанда таҳия ва татбиқ шуда, барои ташаккули корхонаҳои хурду миёна як қатор тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла ташкили низоми паркҳои техникӣ, бизнес–инкубаторҳо, корхонаҳои лизингӣ, марказҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонии технологӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ роҳандозӣ карда мешавад;

– ***фармоиши давлатӣ.*** Ҳангоми аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд иҷрои фармоишот ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти давлатӣ ба намудҳои гуногуни маҳсулот ниҳодҳои дахлдор уҳдадор мешаванд, ки миқдори маблағи қонунан муқарраршударо ба соҳибкор ҷудо намоянд;

– ***хизматрасонии иттилоотӣ.*** Фондҳои дастгирии бизнеси хурд ва соҳибкории хусусӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ уҳдадоранд хароҷоти марбут ба хизматрасонии иттилоотиро пурра ё қисман ҷуброн намоянд. Ҳамчунин, чораҳоро оид ба ҷойгиркунии фармоишот барои истеҳсолот ва таъмини таҷҳизоти махсусгардонидашуда ва намудҳои дигари маҳсулот барои субъектҳои соҳибкории хурд амалӣ месозанд, ҷиҳати таъсис ва ташкили фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, инчунин бозорҳои яклухтфурӯшии махсусгардонидашуда мусоидат менамоянд;

– ***фарсудашавии босуръат.*** Субъектҳои соҳибкории хурд ҳуқуқ доранд, ки фарсудашавии босуръати фондҳои асосии истеҳсолиро бо мансуб донистани масрафҳо дар хароҷоти истеҳсолот ба андозаи аз меъёр зиёди барои намудҳои дахлдори фондҳои асосӣ муайяншуда татбиқ намоянд.

Дар Ҷумҳурии Узбекистон «Фонди дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ» амал менамояд, ки он ҷуброни зарарро дар муддати то 3 сол

бо мақсади пӯшонидани қисме аз фоизи зиёда аз миқдори асосии Бонки марказӣ (аммо, на зиёда аз 30% аз он миқдор) мувофиқи қарз ва лизинги барои лоиҳаҳои соҳибкории хурд ҷудошаванда пешниҳод менамояд.

Фонд инчунин ба корхонаҳои хурд оид ба қарзи бонкҳо замонат пешниҳод мекунад. Маблағи кафолат 50% -и қарз мебошад. Бо мақсади ҷалби аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва минбаъд давом додани ислоҳот дар ин ҷода самтҳои асосии фаъолияти «Фонди дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ» ба тариқи зайл муайян карда шудаанд:

- давом додани амалҳо оид ба беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва расмӣ дар маҳалҳо бо роҳи дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ;
- мусоидат намудан ба афзуншавии ҳаҷми содироти ҷумҳурӣ бо роҳи дастгирии субъектҳои соҳибкорие, ки ба содирот машғул мебошанд;
- мусоидати фаъол дар иҷрои барномаҳои давлатӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ ва таъсиси бештари ҷойҳои нави корӣ равона шудаанд;
- дастгирии молиявии соҳае, ки омили асосии рушди иқтисодиёти минтақаҳои дурдаст маҳсуб ёфта, дар таъсиси ҷойҳои бештари корӣ дар деҳот фаъолона мусоидат менамоянд;
- дастгирии молиявии бахшҳои афзалиятноки иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бо шомилкунии лоиҳаҳои таъсиси низоми иттилоотӣ ва барномаҳо бо роҳи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ.

То 1 январи соли 2025 Фонд инчунин метавонад замонатро ба маблағи то 75%- и қарз пешниҳод намояд. Онро метавонанд корхонаҳои хурди пешбари ба маҳаллаҳо вобастакардашуда барои мусоидат намудан ба рушди бизнеси хурд ва соҳибкории оилавӣ дар асоси иттиҳодияҳо дар ноҳияҳои дурдаст ва ҷойҳое, ки захираҳои меҳнатии зиёд доранд ва ҳамчунин барои лоиҳаҳои рушди меҳнати хонагӣ дарёфт кунанд. Панҷ самти асосии дастгирии бизнеси хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Узбекистон аз инҳо иборат мебошанд:

Самти якум, ҷиҳати дастгирии субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна онҳо ба категорияҳо тақсим шуда, муносибатҳои алоҳида вобаста

ба категорияҳо ҷорӣ карда шудааст. «Аз ҷумла, корхонаи дорои гардиши солонаи то 1 миллиард сум ба категорияи микробизнес, то 10 миллиард сум ба бизнеси хурд ва то 100 миллиард сум ба бизнеси миёна дохил карда мешаванд» [26]. Яъне, дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ андозаи КХМ дақиқ муайян карда шудааст. Критерияи асосии муайянкунандаи андозаи корхонаҳо гардиши солонаи дороиҳо мебошад.

Ҳамчунин, барои микробизнес ба ҷойи миқдори амалкунандаи андоз аз гардиш аз 4% то 25% миқдори ягонаи андоз дар ҳаҷми 4% ҷорӣ карда шудааст. Илова бар ин, барои соҳибкорони минтақаҳои дурдаст вобаста ба категорияҳо имтиёзҳои бештари андозӣ дода шудааст. Аз он ҷумла, ҳангоми пардохти ихтиёрии як миқдори муайяни маблағ (20-30 миллион сум дар як сол), онҳо аз уҳдадории тартиб додан ва ба мақомоти андоз пешниҳод намудани баҳисобгирии бухгалтерӣ озод мегарданд.

Ҳангоми гузариши корхонаҳои хурд ба корхонаҳои миёна ва ҳисоби пардохти андози онҳо мувофиқи низоми умумии пардохти андозҳо давоми сол андоз аз фоидаи корхонаҳои миёна ду маротиба кам карда мешавад. Барои онҳо имтиёзҳои зерин пешниҳод карда шудаанд:

- корхонаҳои аз бизнеси хурд ба бизнеси миёна гузашта, дар давоми ду сол танҳо 50%- и андоз аз фоидаро пардохт менамоянд;
- 50%-и хароҷоти суғуртаи амволро давлат ҷуброн мекунад;
- ҳисоботи содакардашудаи андозӣ, молиявӣ ва оморӣ ҷорӣ шудааст;
- ба онҳо квотаи 20 фоиза барои хариди давлатӣ муқаррар гардидааст ва пешпардохт ба андозаи 50% пардохт карда мешавад.

Самти дуюм, таъсиси низоми мусоиди маблағгузорӣ. Бо ин мақсад ба лоиҳаҳои бизнеси хурд маблағи зиёд ҷудо хоҳад шуд. Ғайр аз ин, бонкҳои тиҷоратӣ барои ин ҳадафҳо ташкилотҳои молиявии байналмилалиро ҷалб менамоянд.

Имконияти Фонди соҳибкорӣ оид ба додани замонат ду маротиба зиёд карда мешавад. Дар натиҷа, на камтар аз 15 ҳазор соҳибкорон метавонанд масъалаи аз рӯйи қарзҳо бо гарав таъмин будани худро ҳаллу фасл намоянд.

Самти сеюм, масъалаи ҷорӣ намудани муносибатҳои махсус барои бизнес бо назардошти шароити ноҳияҳо ва шаҳрҳо баррасӣ карда шудааст. Ҳамаи ноҳияҳо ва шаҳрҳо аз рӯйи шароити худ ба 5 категория тақсим карда шудаанд. Барои онҳо реҷаи махсуси андозбандӣ, субсидиядиҳӣ, ҷуброни фоизҳо тибқи қарзҳо, пешниҳоди замонат, пайвастшавӣ ба инфрасохтор муайян карда шудааст.

Самти чорум, ба ҳимояи моликияти соҳибкорон дахл дорад. Қайд карда шудааст, ки танҳо суд метавонад қарори ҷудо намудани замин ва амволро бекор намояд ва инчунин масъалаи ба ҳабс гирифтани амволро дар рафти тафтишот мавриди баррасӣ қарор диҳад. Имконияти соҳибкорон барои мурочиат ба судҳо васеъ карда шудааст. Аз ҷумла, ҳангоми мурочиат ба судҳои маъмурӣ миқдори боҷи давлатӣ ду маротиба кам мебошад. Муҳлати шикояти соҳибкорон аз болои қарори мақомоти андоз то се сол тамдид гардидааст.

Самти панҷум, дар аксари маврид масъалаҳои назорати фаъолияти соҳибкорон ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо мавриди муҳокима қарор гирифта, пеш аз ҳама ба муддати се сол ҷиҳати татбиқи намудҳои нави ҷавобгарӣ ва чораҳои муҷозотӣ нисбати соҳибкорон моратория ба таври расмӣ изҳор мегардад. Тамоми тафтишот бо бизнес-омбудсмен ба тафовуқ расида, ҳаҷми пардохтҳои ҷаримавӣ набояд аз маблағи андози пардохтшудаи соҳибкор зиёд бошанд.

Дар давлатҳои аз мавқеияти иқтисодӣ тараққикардаи ҷаҳони муосир, аксар вақт робитаи мустақими бахши аграрӣ бо КХМ коркарди ашёи хом мушоҳида мегардад. Бахусус, маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзиро дар ин гуна кишварҳо ҳам корхонаҳои калон ва ҳам КХМ коркарди саноатӣ меномоянд, ки дар байни онҳо дараҷаи баланди рақобат ба назар мерасад. Шиддатнокии рақобати байни онҳо боис гардидааст, ки давлат ҳамаҷиҳата корхонаҳои хурдро дастгирӣ намояд. Аз ин нигоҳ, дар давлатҳои омӯхташуда тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ андозаи корхонаҳо ба таври возеҳ муайян карда шуда, бизнес-

омбудсмен ва шуроҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст, ки ҳамчун воситаи муосири дастгирии давлатӣ тавсиф мешавад.

Ҳамчунин, дастгирии қарзӣ-молиявӣ як шакли муосири дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар кишварҳои хориҷии таҳлилшаванда маҳсуб ёфта, дар онҳо барои СХМ низоми расонидани кумакҳои молиявӣ аз буҷетҳои сатҳои гуногун, қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андозӣ-гумрукӣ, таъсис ва устувории фаъолияти фонди махсуси дастгирии КХМ, меъёри пасти сармояи оинномавӣ ва ғайра амал мекунад. Масалан, дар ИМА қарзҳои инноватсионии имтиёздор ба корхонаҳои хурд, аз ҷумла грантҳо фароҳам оварда шудааст, ки ба корхонаҳои нав ташкилёфтаи ба дастгирӣ эҳтиёҷ дошта, дода мешавад. Ё ин ки дар Ҷопон барои додани қарз ба корхонаҳои хурд «низоми қарзгирии бидуни кафолат» роҳандозӣ гардидааст.

Сиёсати давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд дар мамлакатҳои хориҷӣ, ки бо мукаммалӣ ва тақсимоти аниқи вазифаҳо дар байни давлатҳо тавсиф карда мешавад, ба консепсияи муносибати бонизом асос ёфта, пояи сиёсати иқтисодии давлатӣ ва самти мустақили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат шуморида мешавад. Ҳадафи асосии рушди КХМ ин фароҳам овардани шароити мусоид ва осон гардонидани дастрасии КХМ ба захираҳои қарзӣ мебошанд. «Дар мамлакатҳое, ки сегменти нисбатан рушдкардаи КХМ доранд, таҷрибаи муназзамӣ ба ҳадди ақал расонида шуда, сиёсати андоз нисбат ба корхонаҳои хурду миёна бо дурустии махсус фарқ мекунад» [191]. Чораҳои афзалиятноки дастгирии молиявиро, ки ба дархостшаванда будани шаклҳои нисбатан бозоргири сармоя ва хоҳиши дарёфти бартарии рақобатнок дар намуди маблағгузории «имтиёзӣ» асос ёфтааст қайд кардан ба маврид аст.

Хулосаи зербоби 1.3.

1. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили равандҳои рушди корхонаҳои хурду миёна дар мамлакатҳои аз ин ҷиҳат ташаккулёбанда, барои рушди самарабахш ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани механизми

сохтори ташкилӣ ва самтҳои дастгирии кишварҳои омӯхташуда метавонад ба рушди ин бахши муҳимми иқтисодиёт мусоидат намояд;

2. Таъсис ва ташаккули хоҷагидории шартномавӣ байни истеҳсол ва коркардкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ, инчунин рушди истеҳсолот бо роҳи марказияти минтақавӣ омили муҳимми рушди корхонаҳои КАС маҳсуб меёбад. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф дар минтақаҳои кишвар сохторҳои ҳамгирошудаи корхонаҳои кишоварзӣ, саноати коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, истеҳсоли хӯрокворӣ ва бозори фурӯш ташкил ва татбиқи муҳити виртуалӣ дар он лозим аст;

3. Ба роҳ мондани низоми миллии дастгирии молиявӣ, технологӣ, методӣ, инноватсионӣ ва машваратӣ-иттилоотии КХМ. Амалисозии ин ҳадаф талаб менамояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори алоҳидаи дастгирии соҳибкории хурду миёна таъсис дода, фаъолияти раёсат ва ё шуъбаҳои он дар сохторҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо роҳандозӣ, ҳамчунин ташкили Фондҳои махсуси дастгирии соҳибкорӣ дар сохтори он муҳим мебошад;

4. Ташаккули механизми дастгирии молиявии КХМ-и истеҳсолӣ аз ҷумла:

- қарздиҳии имтиёзнок-ҷуброни фарқияти марбутаи байни КХМ ва ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби Фондҳои дастгирии соҳибкории хурд. Ба фондҳои мазкур вобастагии уҳдадории ҷуброн намудани даромаде, ки ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби КХМ ба даст наовардааст;
- имтиёзҳои андозӣ ба КХМ, ки ба истеҳсол ва ҳамзамон коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, яъне озод намудан аз пардохти тамоми андозҳо - корхонаҳои хурд аз аввали таъсисдиҳӣ то 3 сол, ҳангоми гузаштан ба корхонаҳои миёна то 2 сол ва гузаштан ба корхонаи калон то 1 сол;
- таъсиси «Фонди суғуртаи корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ» ва навъи суғуртае, ки

мувофиқи шартнома ташкилоти суғуртавӣ даромади ба даст наовардаи соҳибкорро пурра ё қисман пардохт намояд;.

5. Ташаккул ва амалисозии аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дастгирии истеҳсолӣ-технологии КХМ ва таҳияи маҷмуи чорабиниҳои бо технологияи инноватсионӣ таъмин намудани корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин таъсиси шабакаи паркҳои техникӣ, ширкатҳои лизингӣ, бизнес инкубаторҳо, марказҳои истеҳсолӣ-технологӣ ва дигар объектҳои инфрасохторӣ;

6. Қабули қонун дар бораи рушди КХМ бо дарбаргирии ҷудо намудани минтақаҳои кишвар ба категорияҳо вобаста ба сатҳи рушди соҳибкории хурду миёна, ба гурӯҳҳо ҷудо намудани соҳибкорӣ аз рӯйи андоза, соҳа, дараҷаи рушд ва муносибати ҷудогона бо онҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба иҷрои фармоишоти давлатӣ аз ҷониби КХМ, бастани қарордодҳо ҷиҳати иҷрои эҳтиёҷоти давлатӣ, субсидиякунонии масрафоти фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолӣ, аз ҷониби давлат пешниҳоди замонат ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, таъсиси низоми мусоиди маблағгузорӣ, ҳимояи моликияти соҳибкорон, назорати фаъолият соҳибкорӣ, мақоми тафтишгар, муайянкунии дақиқи маблағи ҷаримаҳо ва ғайра.

Ҳамин тариқ, амалисозӣ ва роҳандозии чорабиниҳои болозикр ва ба қадри имкон татбиқи таҷрибаи кишварҳои дар ин самт пешрафта ба густариши низоми ташкил ва дастгирии давлатии соҳа, дар ин замина баланд гардидани самаранокии фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ба ин васила ба кам намудани талафоти маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ мусоидат хоҳад намуд.

БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛУ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ВА БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ КОРКАРД

2.1. Ҳолати кунунии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор

Дар шароити имрӯзаи водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, бахусус дар бахши коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аҳаммияти махсус пайдо карда, яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ гашта истодааст. Маҳз КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дорои захираҳои ашёи хоми фаровон буда, сармоягузориҳои бузургро талаб намекунанд ва аз ҳисоби суръати баланди гардиши захираҳо қодиранд ҳар чи бештар маҳсулоти истеъмолӣ истеҳсол намуда, мушкилии таъмини амнияти озуқавориро дар ҷумҳурӣ зудтар ва сарфакорона ҳал намоянд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 28.12.2024 қайд гардид: «Бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд» [19].

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030» (минбаъд Стратегия) қайд гардидааст: «Дар марҳилаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ: ***якум,*** ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда; ***дуюм,*** таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ; ***сеюм,*** вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна меистад» [21, с. 11-12].

Дар Стратегия ҷиҳати иҷрои ҳадафҳои гузошташуда чораҳои ба ҳадди кофӣ нигоҳдории суръати рушди устувори иқтисодӣ, афзунсозии нишондиҳандаҳои ММД ва бамаротиб коҳиш додани камбизоатӣ муҳим

арзёбӣ гардидааст. Ҳамчунин, баҳри расидан ба вазифаҳои болозикр нақши соҳаҳои агросаноат, бахусус суръатбахшии рушди саноатикунонии кишоварзӣ ва ба ин васила таъмини самаранокии баланд дар соҳаи кишоварзӣ махсус қайд шудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки муносибгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, инчунин афзоиши ММД-и кишвар нақши назаррас дорад.

Маълумоти омории солҳои охир шаҳодат аз он медиҳанд, ки «56%-и субъектҳои соҳибкорӣ дар мамлакат ба соҳаи кишоварзӣ мансуб буда, зиёда аз 90 %-и истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ бевосита аз ҳисоби бахши хусусӣ таъмин гардида, 570,7 ҳазор нафар ё 44,7%-и шахсони машғули кор дар иқтисодиёт ва қариб 25%-и ММД ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд» [6, с. 22, 82].

Соҳаи дигаре, ки бевосита ҳиссаи он дар ММД назаррас аст, ин соҳаи саноат ба ҳисоб меравад. Ин соҳаи муҳим дар соли 2024 ба андозаи 25,9 млрд. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки ҳиссаи он дар ММД ба 16,8% расид. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳиссаи ин ду соҳаи муҳим, яъне агросаноат дар ММД 40-45%-ро ташкил медиҳад.

Имрӯзҳо иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ майли гузаришро дорад ва бисёр иқтисоддонҳо инро барои рушди иқтисодиёти миллӣ хуб арзёбӣ менамоянд. Аммо, бояд қайд намуд, ки заминаи асосӣ барои рушди соҳаи саноат кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Зеро соҳаи аграрии мамлакат яке аз соҳаи асосии низоми давлатии иқтисодиёт мебошад. Кишоварзӣ соҳаи асосии таъмини саноат бо ашёи хом, бавуҷудоварандаи бозори озуқаворӣ, таъмини шуғли аҳолии деҳот буда, дар умум амнияти озуқавории мамлакатро қисман таъмин менамояд.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ маҳсуб ёфта, ҷойгирнамоии корхонаҳои хурду миёна дар наздикии ашёи хом ва дар ин замина коркарди маҳсулоти кишоварзӣ асоси саноатикунонии

аграрӣ мебошад. Ин омил метавонад аз як ҷиҳат пеши роҳи талафёбии маҳсулоти кишоварзиро гирад ва аз тарафи дигар деҳқононро ҷиҳати истеҳсоли ҳар чи бештари маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасманд намояд.

Бинобар ин, таҳлили хусусиятҳои фаъолияти бахши аграрӣ ва тамоюли рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор имконият медиҳад, ки муқаррароти илмӣ, методӣ ва амалии беҳтар намудани ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати саноатикунонии кишоварзӣ илман асоснок карда шавад. Чунки коркарди ибтидоӣ ва ниҳоии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ ҷиҳати пешгирии талафоти он ва дар умум ба ҳалли мушкилоти саноатикунонии кишоварзӣ аҳаммиятнок арзёбӣ мегардад.

Давоми солҳои 2020-2024 ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ (ба истиснои пахта) ва маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар водии Ҳисор, бинобар сабаби мавҷудияти шароити созгори иқтисодӣ-иқлимӣ мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар ин замина ҷойгиркунии КХМ-и коркарди саноатии он ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ниҳоии ватанӣ то ҳадде аз истифодаи заминҳои кишт ва афзоиши масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, дар ҷадвали 2.1. динамикаи майдони кишти зироатҳои асосии кишоварзиро дар водӣ давоми солҳои 2020-2024 таҳлил менамоем.

Ҷадвали 2.1.-Динамикаи майдони кишти зироатҳои асосии кишоварзӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, солҳои 2020-2024 (га)

Намуди зироатҳо	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ғалладона ва лӯбиёгӣ *(якҷоя бо ҷуворимакка)*	62413	62154	58414	58722	57194	91,6
Шолӣ	1380	1566	1678	1906	1675	121,4
Пахта	3074	2840	2689	2010	1723	56,1
Зағир	6704	6732	5991	5948	5400	80,5
Картошка	5451	5665	5679	5181	6950	127,5
Сабзавот	13720	14224	13511	15263	13939	101,6
Полизӣ	817	925	917	823	856	104,8
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ)	23362	23832	24384	25271	26000	111,3
Токзор	13570	13660	13633	13674	13521	99,6

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2025.-С. 71-124

Тавре, аз маълумоти ҷадвали 2.1. ба мушоҳида мерасад дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 ба истиснои майдони кишти ғалладона ва лӯбиёгӣ (якҷоя бо ҷуворимакка), пахта, зағир ва токзор, боқимонда масоҳати майдони кишти зироатҳо дар водии Ҳисор васеъ гардидааст.

Суръати нисбатан баланди васеъкунии майдони кишти картошка 27,5%, шолӣ 21,4%, мева ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ) 11,3%, полизӣ 4,8% ва сабзавот 1,6%-ро ташкил медиҳад. Аммо масоҳати кишти яке аз зироатҳои стратегии кишвар – пахта дар хоҷагиҳои водии Ҳисор 1351 га ё 43,9% кам шудааст.

Ҳамин гуна майдони кишти ғалладона ва лӯбиёгӣ (якҷоя бо ҷуворимакка) 5219 га (8,4%), зағир 1304 га, (19,5%) ва токзор 49 га (0,4%) кам шудааст. Сабаби камшавии майдони кишти ғалладонагиҳо ва зағир таъсири омилҳои агротехникӣ, махсусан киштгардон маҳсуб ёфта, камшавии майдони токзор ба тағйир додани самти истифодаи замин, васеъшавии маҳалҳои аҳолинишин, сохтмони роҳҳо, бунёди корхонаҳо ва дигар иншоот ва самаранокии нисбатан пасти иқтисодии парвариши токзор дар баъзе хоҷагиҳои водӣ бо сабаби норасоии анборҳои нигоҳдорӣ ва кам будани корхонаҳои коркарди ангур алоқамандӣ дорад.

Камшавии майдони кишти пахта бошад, ба сатҳи пасти ҳавасмандии иқтисодии пахтакорон рабт дорад. Зеро қисми бештари пахтае, ки дар водӣ истеҳсол мешавад, танҳо коркарди ибтидоӣ шуда миёнаравҳо аз деҳқонон бо арзиши нисбатан паст харидорӣ ва ба хориҷи кишвар содирот менамоянд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки дар водӣ ҷиҳати рушди истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ, махсусан пахта майдонҳои киштзорҳо самаранок истифода ва баҳри зиёд намудани киштзорҳои кишоварзӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва обёрикунии заминҳои талу теппаҳо муҳим маҳсуб меёбад, омили таъсиргузор ба ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ маҳз масоҳати кишт ба ҳисоб меравад.

Амалия собит мекунад, ки шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ таъсир мерасонад, зеро ҳиссаи онҳо дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ гуногун ба назар мерасад. Сабаби чунин

гуногунӣ, албатта мансубияти масоҳати кишт вобаста ба шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Бо ҳамин сабаб, зарур шуморидем тамоюли майдони кишти зироатҳои кишоварзиро вобаста ба шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ду соли охир мавриди таҳлил қарор диҳем.

Ҷадвали 2.2.-Динамикаи майдони кишт аз рӯйи шаклҳои хоҷагидорӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, солҳои 2023-2024, (га)

Зироатҳои кишоварзӣ	Солхо							
	2023				2024			
	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагии аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагии аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ
Ғалладона ва лӯбиёгӣ *(якҷоя бо ҷуворимакка)*	11328	15018	32376	58722	13158	13609	30427	57194
Шолӣ	323	846	737	1906	430	657	588	1675
Пахта	1181	0	829	2010	1071	0	652	1723
Зағир	1073	1303	3572	5948	1365	1046	2989	5400
Картошка	411	3223	1547	5181	527	3319	3104	6950
Сабзавот	693	6029	8541	15263	1212	6330	6397	13939
Полизӣ	89	210	524	823	141	138	577	856
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ)	5465	6556	13250	25271	5534	7603	12863	26000
Токзор	3271	2698	7705	13674	3728	2910	6883	13521

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2024-2025.-С. 71-127

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2. нишон дод, ки зиёда аз 60%-и майдонҳои кишти пахта ва зиёда аз 20-25%-и токзорҳо дар водӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ тааллуқ дорад. Мавқеи хоҷагиҳои аҳолӣ дар истифодаи заминҳои ғалладона ва лӯбиёгӣ (зиёда аз 20-25%), шолӣ (зиёда аз 40-45%), картошка ва сабзавот (40-60%), мева ва буттамева (25-30%) ва токзорҳо (зиёда аз 15-20%) ба назар мерасад. Қисми бештари майдонҳои зироатҳои кишоварзӣ, яъне наздик ба 30%-и киштзорҳои картошка дар соли 2023 то ба 75%-и майдони зироатҳои полизӣ дар соли 2024 дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарор дорад.

Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 2.2. хулосабарорӣ намоем, пас маълум мегардад, ки ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад, зеро дар онҳо технологияи

парвариш, тадбирҳои агрохимиявӣ ва коркарди хок, сатҳи механиконӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ, ҳамчунин истифодаи натиҷаҳои корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар истеҳсолот аз ҳам тафовут дошта, имкониятҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар ин самт бештар мебошад. Аммо таҳлилҳо нишон доданд, ки аксари киштзорҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои аҳолӣ қарор дорад.

Солҳои охир бештари муҳаққиқони дар ин самт таҳқиқот анҷом дода интегратсияи хоҷагиҳои аҳолӣ ва ё хоҷагиҳои деҳқониро дар шакли корхонаҳои кишоварзӣ ё баъзан бозгашт ба колхоз ва совхозҳои даврони Шуравиро омили муҳимми ташаккули истеҳсолоти кишоварзӣ меҳисобанд. Аммо, мо ба ин фикр қисман розӣ шуда наметавонем, чунки давоми 30-35 соли охир деҳқонон худро соҳиби замин медонанд ва дар истеҳсол, фурӯш ва гирифтани фоида мустақил буда, ба худидоракунӣ одат кардаанд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо зарур аст, ҳамгироии фаъолияти шаклҳои хоҷагидориро дар кишоварзӣ ба натиҷаи фаъолияти онҳо, яъне маҳсулоти истеҳсолнамудаашон роҳандозӣ намоем. Масалан, ташкили бештари ҷойҳои нигоҳдорӣ ва сардхонаҳо, ҷойгиркунии КХМ-и коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ дар наздикии ашёи хом, ташкили нуқтаҳои мустақиман ба истеъмолкунанда фурӯхтани маҳсулот, ки гирифтани даромади бештарро ба деҳқонон таъмин намуда метавонад. Беҳтар шудани имкониятҳои молиявии деҳқонон боис мегардад, то онҳо тамоми тадбирҳои заруриро ҷиҳати афзунсозии ҳосилнокӣ роҳандозӣ намоянд.

Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нишондиҳандаи асосии самаранокии истеҳсоли зироатҳо буда, дар худ ҳосили миёнаро аз як воҳиди масоҳат таҷассум менамояд. Новобаста аз он ки шаҳру ноҳияҳои водӣ нисбатан бо ҳам наздик ҷойгир шуда бошанд ҳам, аммо вобаста ба шароити обу ҳаво, қобилияти ҳосилхезии хок, ҳамчунин технологияи парвариш, ғизодиҳӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот ҳосилнокии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин лиҳоз, дар ҷадвали 2.3. ҳосилнокии зироатҳои кишоварзиро тайи солҳои 2023-2024 вобаста ба шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор таҳлил менамоем.

Ҷадвали 2.3.-Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор, солҳои 2023-2024, сентнер аз 1 гектар

Шаҳру ноҳия-ҳои водӣ / Зироат-ҳои кишо-варзӣ	Солҳо															
	2023								2024							
	Душанбе	Турсунзода	Ҳисор	Шаҳринав	Рӯдакӣ	Варзоб	Ваҳдат	Файзобод	Душанбе	Турсунзода	Ҳисор	Шаҳринав	Рӯдакӣ	Варзоб	Ваҳдат	Файзобод
Ғалладона ва лӯбиёгӣ	34,3	30	31,7	29,9	23,8	11,8	39	23,5	44,8	30,9	31,9	26,8	26,9	11	43	30,1
Гандум	29	29,4	27,8	35,7	23,4	12	37,6	25,3	35,8	28,9	29,9	30,7	26,5	11	39	34
Ҷуворимакка барои дон	62,1	50,8	67,3	40,5	67,5	40	71,6	74,1	87,4	55,3	55,9	52,6	63,7	29,4	69,6	38
Шолӣ	62,2	54,2	55,3	46	58,6	-	70,7	-	55,1	61,3	52,4	56,8	43	-	58,9	-
Пахта	19,1	23,6	23,8	21,8	21,3	-	22,9	-	4,1	15,6	17,7	13,2	18,6	-	22,2	-
Зағир	-	10,7	6,9	9,1	4,1	7,4	16,4	10,4	-	9,8	6,4	7,4	5,1	6,3	18,8	10,8
Картошка	182,2	106,2	137,8	187,9	120	88,4	153,9	196,8	213,2	129,3	131,8	105,5	127,2	89,3	94	139,7
Сабзавот	228,7	410,3	327,9	328,7	228,6	42,7	223,8	192,2	192,9	296	331,1	287,8	195,9	42,8	272	184,8
Полизӣ	183,3	184	231,4	124,3	207,6	55	205,3	122,7	269,8	256,3	205,9	209,9	139,1	55,5	208,5	128,7
Мевагиҳо ва буттамева	42	44,1	59,8	44,3	31,9	29,9	61,5	21,6	14,7	39	68,3	55,8	33,6	28	98,4	29,8
Ангур	20,5	45,6	47	49,1	19,1	0,1	42	11,6	16,1	130,3	69,9	87,5	23,7	14	47,4	20,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2025.-С. 185-230

Аз нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 2.3. ба чунин хулоса омадан мумкин аст: 1) Ҳосилнокии нисбатан баланди ғалладона ва лӯбиёгиҳо дар шаҳри Душанбе дар соли 2024 ба 44,8 с\га омада расида, ҳосилнокии ин навъи зироат дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 дар шаҳрҳои Душанбе 30,6%, Ваҳдат 10,3%, Турсунзода 3%, Ҳисор 0,6%, ноҳияҳои Файзобод 28,1% ва Рӯдакӣ 13% зиёд шуда, аммо, дар ноҳияҳои Шаҳринав 10,4% ва Варзоб 6,8% паст шудааст. Ҳосилнокии нисбатан баланди ҷуворимакка барои дон низ дар шаҳри Душанбе ба назар мерасад, ки он дар соли 2024 ба 87,4 с\га баробар буда, ин навъи зироат дар соли 2024 нисбат ба як соли қаблӣ танҳо дар шаҳри Душанбе 40,7%, шаҳри Турсунзода 8,9% ва ноҳияи Шаҳринав 29,9% зиёд шуда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои водӣ аз 2,8%-и шаҳри Ваҳдат то ба 47,8% дар ноҳияи Файзобод паст шудааст. Ҳамин гуна, ҳосилнокии дигар навъи зироатҳои кишоварзӣ давоми солҳои таҳлилшаванда дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор гуногун тағйир ёфтааст. Аммо, ҳосилнокии яке аз зироатҳои стратегии ҷумҳурӣ – пахта нигаронкунанда буда, ҳосилнокии баландтарин дар шаҳри Ҳисор дар соли 2023 ба 23,8 с\га мушоҳида гардида, дар соли 2024 нисбати соли 2023 дар ҳама шаҳру ноҳияҳои

пахтакори водӣ ҳосилнокии пахта паст шудааст. Албатта, аз як тараф сабаби пастшавии ҳосилнокии пахта агар омилҳои табиӣ-иқлимӣ, технологӣ, иқтисодӣ-ташкилӣ бошад, аз тарафи дигар ҳавасмандии деҳқонон низ омили асосӣ маҳсуб меёбад.

2) Давоми солҳои таҳлилшаванда тағйирёбии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор хеле гуногун буда, дар умум афзоиш на он қадар назаррас ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар водӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- ✓ тағйири вақти кишт вобаста ба ивазшавии иқлим;
- ✓ истифодаи тухмиҳои бо роҳи биотехнология беҳтаршуда;
- ✓ истифодаи заҳрхимикатҳои илман тавсияшуда бар зидди зараррасонҳо ва риояи вақти истифодаи он;
- ✓ истифодаи ниҳолҳои илман асоснокшудаи мутобиқ ба шароити боғҳои минтақа.

Афзоиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ омили асосии зиёдшавии ҳаҷми ҷамъоварии умумии ҳосил ба ҳисоб рафта, дар умум ба рушди маҷмуи маҳсулоти кишоварзии мамлакат таъсии мустақим мерасонад.

Ҷадвали 2.4.-Динамикаи ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, тонна

Намуди зироатҳо	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Ғалладона ва лӯбиёгӣ	196730	198613	216359	229495	239923	122,0
Гандум	108467	108984	117050	119010	121669	112,2
Ҷуворимакка барои дон	41321	45241	46750	50954	52682	127,5
Шолӣ	22591	24331	25324	32004	35269	156,1
Пахта	6187	6194	6222	4679	2808	45,4
Зағир	4676	4795	4903	5660	5366	114,8
Картошка	71839	75975	75327	73105	83716	116,5
Сабзавот	413165	441003	423682	545892	520194	125,9
Полизӣ	16031	17625	17232	23773	28907	180,3
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ)	61524	61803	72314	82622	107303	174,4
Ангур	81071	104289	116046	46476	95160	117,4

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2025.- С. 135-180

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2.4. бармеояд, ҷамъоварии умумии ҳосили зироатҳои асосии кишоварзӣ дар водӣ тамоюли афзоиш (ба истиснои пахта) дорад. Давоми солҳои таҳқиқшаванда суръати бештари афзоиши полизӣ 80,3%, мевагиҳо ва буттамевагиҳо (якҷоя бо ситрусӣ) 74,4%, шолӣ 56,1%, ҷуворимакка барои дон 27,5%, сабзавот 25,9%, ғалладона ва лӯбиёгӣ 22,0%, ангур 17,4%, картошка 16,5%, зағир 14,8% ва гандум 12,2% ба назар мерасад.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 2.4. бармеояд, ки сабаби тамоюли зиёдшавии ҷамъоварии умумии ҳосили ғалладона ва лӯбиёгӣ, зағир ва ангур бо зиёдшавии ҳосилнокии ин зироатҳо дар аксар шаҳру ноҳияҳои водӣ ба амал омада, дар боқимонда зироатҳо зиёдшавии майдони кишт сабаби афзуншавии ҳосили умумӣ гардидааст.

Т.Д. Низамова ва М.Б. Мададхонов чунин изҳор намудаанд: «Маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад» [151, С. 5-12]. Аз ин лиҳоз, андешаи муҳаққиқони болозикр қобили тавақҷуҳ аст, зеро дар баробари коркарди саноатии зироатҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти чорводорӣ низ муҳим буда, маҷмуи равандҳои махсуси мубаддалшавии ашёи хом (шир, гӯшт, пашм, пӯст) ба маҳсули тайёр, нимтайёри саноатӣ ва хӯрокворӣ мебошад.

Ҷанбаҳои асосии коркарди маҳсулоти чорводрӣ ин коркарди гӯшт ва шир буда, аз забҳи чорво ва ба қисмҳо ҷудо намудани он, то ба маҳсулоти ниҳои расонидани шир (қаймоқ, ҷурғот, панир, творог, равғани маска, шири хушк, яхмос ва ғ.) ҳамчунин коркарди пашм ва пӯст ба маҳсулоти нимтайёр ва ниҳоии саноатӣ ба он дохил мешавад.

Ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар минтақа аз саршумори чорво, таносуби модаговҳо дар саршумори умумии чорвои калони шохдор, маҳсулнокии чорво ва паранда ва дар умум аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, тамоюли

саршумори чорворо дар водии Ҳисор давоми солҳои 2020-2024 мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ҷадвали 2.5.-Динамикаи саршумори чорво дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, *сар*

Номгӯйи чорво	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Чорвои калони шохдор, ҳамагӣ аз ҷумла:	408307	409431	426099	431538	446169	109,3
- модаговҳо	214888	218752	227419	231505	237626	110,6
Гӯсфанду буз	871579	900435	947724	965762	1031182	118,3
Ҳамаи намудҳои паранда	2459926	2928976	3001643	2827247	2959848	120,3
Оилаи занбӯри асал	41544	42493	43711	45135	51312	123,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2025.-С.236-277

Маълумоти ҷадвали 2.5. нишон медиҳад, ки дар умум саршумори чорво дар водии Ҳисор давоми солҳои 2020-2024 тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2024 нисбат ба соли 2020 саршумори чорвои калони шохдор (ЧКШ) 37862 сар (9,3%), аз ҷумла модаговҳо 22738 сар (10,6) зиёд шуда, ҳамин тавр гӯсфанду буз 159603 сар (18,3%), ҳамаи намудҳои паранда 499922 сар (20,3%) ва оилаи занбӯри асал 9768 оила афзудааст.

Тамоюли афзоиши саршумори чорво дар водӣ нишон дод, ки зиёдшавии нисбатан сусти саршумори ЧКШ 9,3% ба назар мерасад, ки нисбати дигар намуди чорво кам мебошад. Ба андешаи мо сабаби ин ҳолат таносуби ками модаговҳо дар саршумори умумии чорвои калони шохдор маҳсуб меёбад. Дар расми 2.1. тамоюли таносуби модаговҳо нисбат ба саршумори умумии чорворо дар водии Ҳисор давоми солҳои 2020-2024 мушоҳида менамоем.

Маълум аст, ки омили муҳимми зиёдшавии ЧКШ ва дар ин замина афзоиши шир ва маҳсулоти ширӣ аз саршумори модаговҳо вобастагӣ дорад. Давоми солҳои таҳқиқшаванда новобаста аз он ки ЧКШ 9,3% ва модаговҳо 10,6% зиёд шудааст, аммо фарқияти модаговҳо нисбат ба саршумори умумии чорво, ҳамагӣ 0,7 фоиз зиёд шудаасту халос. Ин нишондиҳанда дар дигар солҳо низ қариб бетағйир боқӣ монда, аз як тараф сабаби асосии он мавҷудиёти ками хоҷагиҳои чорводории

зотпарварӣ ва ё хоҷагиҳои хушнаслкунӣ бошад, аз тарафи дигар таносуби бештари тааллуқ доштани саршумори чорво ба хоҷагиҳои аҳолӣ нисбат ба корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба шумор меравад.



Расми 2.1.-Тамоюли таносуби модаговҳо дар саршумори умумии ЧКШ дар водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, (%)

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2024-2025.-С. 240

Барои исботи ин гуфтаҳо тамоюли таносуби шаклҳои фаъолияти хоҷагидории водиро дар саршумори умумии чорво давоми солҳои 2020-2024 тадқиқ менамоем.



	2020	2022	2024	2020	2022	2024	2020	2022	2024
	Корхонаҳои кишоварзӣ			Хоҷагиҳои аҳолӣ			Хоҷагиҳои деҳқонӣ		
Чорвои калони шохдор	1,9	1,7	1,4	95,2	94,9	95,0	2,9	3,4	3,6
Гӯсфанду буз	7,0	5,6	3,9	75,5	72,2	70,7	17,6	22,2	25,4
Паранда	77,7	77,3	57,9	21,9	21,8	41,4	0,3	1,0	0,7
Оилаи занбӯри асал	14,3	13,3	10,6	82,5	82,6	83,6	3,1	4,1	5,8

Расми 2.2.-Динамикаи таносуби шаклҳои фаъолияти хоҷагидории водии Ҳисор дар саршумори умумии чорво, солҳои 2020-2024 (%)

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе- 2024-2025.-С. 237-280

Аз нишондиҳандаҳои расми 2.2. чунин хулоса баровардан мумкин аст: 1) Давоми солҳои таҳқиқшаванда дар корхонаҳои кишоварзӣ саршумори ҳама намуди чорво коҳиш ёфтааст, аз ҷумла камшавии ЧКШ -0,5%, гӯсфанду буз -3,1%, паранда -19,8% ва оилаи занбӯри асал -3,7% ба мушоҳида расида, ин шакли хоҷагидорӣ танҳо дар саршумори паранда нисбати дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ (зиёда 60-70%) бартарӣ дораду халос; 2) Қисми асосии саршумори чорво дар водӣ ба бахши хоҷагиҳои аҳолӣ мансуб аст, ҳамин гуна давоми солҳои 2020-2024 ЧКШ зиёда аз 90-95%, гӯсфанду буз бештар аз 70-75%, паранда зиёда аз 20-40% ва оилаи занбӯри асал зиёда аз 80% ба аҳолӣ тааллуқ дорад; 3) Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) новобаста аз зиёдшавии сармушори ҳама намуди чорво мавқеи он дар саршумори гӯсфанду буз (зиёда аз 15-25%) назаррас буда, дар дигар намуди чорво нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ фарқият хело зиёд ба назар мерасад.

Таҳлили додаҳои расми 2.2. нишон дод, ки қисми бештари чорво мутааллиқ ба хоҷагиҳои аҳолӣ аст, аммо дар он омилҳои зерини мусоидаткунандаи афзоиши саршумори чорво дар сатҳи хело паст қарор дорад:

- мавҷуд набудан ё дар сатҳи паст қарор доштани пойгоҳи хӯрока, аз ҷумла самаранок истифода нагардидани чарогоҳҳо;
- сатҳи пасти истифодаи зотҳои дорои маҳсулнокии баланд ва қобилияти репродуктивӣ;
- дараҷаи пасти ҳифзи чорво, аз ҷумла номувофиқии шароити нигоҳдорӣ, сатҳи пасти назорати бойторӣ;
- сатҳи пасти омилҳои ташкилӣ (сардхонаҳо ва нуқтаҳои фурӯши он, коркарди саноатии гӯшт, шир, пӯст ва пашм)
- сатҳи пасти риояи стандартҳои бехатарӣ ва сифат;
- сатҳи бениҳоят пасти механикунонии раванди истеҳсолот.

Бештари омилҳои болозикрро дар корхонаҳои кишоварзии чорводорӣ имконияти бештари ташкилкунӣ вуҷуд дорад. Аммо маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки дар ин шакли хоҷагидорӣ

сармумори чорво майли коҳишёбиро дорад. Ба андешаи мо, дар водии Ҳисор шароити мусоид ва имкониятҳои рушди хоҷагиҳои чорводорӣ бениҳоят васеъ аст, танҳо зарур аст дастгириҳои давлатӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар ин бахш такмил дода шавад.

Тамоюли афзоиши саршумор ва маҳсулнокии чорво ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ҷиҳати ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар водӣ хулосабарорӣ намоем. Бинобар ин, тамоюли ҳаҷми истеҳсол ва маҳсулнокии чорводориро дар водии Ҳисор таҳлил менамоем.

Ҷадвали 2.6.-Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар водии Ҳисор, солҳои 2020-2024, тонна

Маҳсулоти чорводорӣ	Солҳо					2024 нисбати 2020, %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Гӯшт	38640	43221	46540	51051	49625	128,4
Шир	154047	155945	158442	165436	163869	106,4
Тухм млн. дона	260042	281218	292916	294324	282916	108,8
Пашм	536	499	520	579	576	107,5
Пилла	21	53	50	26	36	171,4
Асал	513	542	564	601	641	125,0

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли-2025.-С. 282-299

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.6. маълум аст, ки истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар водӣ тамоюли афзоиш дошта, аз 7,5% зиёдшавӣ дар истеҳсоли пашм то 71,4% афзуншавии истеҳсли пилла ба назар мерасад. Ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ саршуморӣ чорво ва маҳсулнокии он таъсир расонидааст. Чуноне ки маълумоти оморӣ нишон медиҳад, маҳсулнокии чорво дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии водии Ҳисор нисбатан паст мебошад.

Масалан, соли 2023 дар шаҳри Турсунзода ширдӯшӣ, ба ҳисоби миёнаи солона аз як сар модагов ба 5693 кг ба назар мерасад, ки нишондиҳандаи баландтарин давоми ду соли охир дар водӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, дар дигар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор ин нишондиҳанда гарчанде наздик ба нишондиҳандаи ҷумҳурӣ бошад ҳам, лекин аз нишондиҳандаҳои ҷаҳонӣ (5000-10000 кг) хеле паст аст. Аз як

тараф, ба ин нишондиҳанда шароит ва имкониятҳои водӣ таъсир расонад, аз тарафи дигар зотҳои сермаҳсул, таъмини чорво бо хӯрокаи баландсифат, шароити нигоҳубин, мавсими наслгирӣ ва муҳлати ширдиҳии гӯсолаҳо ба ин нишондиҳанда таъсир мерасонад.

Ҳамчунин, аз маълумоти ҷадвали 2.7. маълум аст, ки ҳисоби миёнаи солонаи тухмгирӣ аз як сар мурғи тухмдиҳанда дар ду соли охир 148 дона дар шаҳри Турсунзода то 360 дона дар ноҳияи Файзобод ба назар мерасад. Сабаби асосии тағйирёбии ин нишондиҳанда таъсири омилҳои зерин мебошад: зот, синну сол, сифати хӯрока, давомнокии таъмини нури офтоб ба мурғҳо, сатҳи ҳифзи мурғҳо аз касалиҳо.

Ҷадвали 2.7.-Маҳсулнокии чорво дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор, солҳои 2023-2024

Нишондиҳандаҳо	Солҳо															
	2023								2024							
	Душанбе	Турсунзода	Ҳисор	Шаҳринав	Рӯдакӣ	Варзоб	Вахдат	Файзобод	Душанбе	Турсунзода	Ҳисор	Шаҳринав	Рӯдакӣ	Варзоб	Вахдат	Файзобод
Ширдӯшии миёнасолона, як сар модагов, кг	1260	5693	3625	2092	2658	1115	1805	1572	229	5295	3556	2094	2675	1000	1905	1142
Тухмгирии миёнасолона аз як мурғи тухм-диҳанда, дона	151	200	343	328	263	-	241	360	209	148	259	368	197	-	313	299
Пашмтарошии миёнасолона, як сар гӯсфанд, кг	-	0,4	0,7	0,7	1,2	0,9	0,7	2,1	-	0,4	0,8	0,7	0,7	0,1	0,8	1,9
Гирифтани гӯсола, сар	21	456	1267	373	580	240	889	1278	4	473	1207	375	635	241	952	1467
Гирифтани бар-раву бузғола, ҳазор сар	-	12,8	14,4	4,0	17,1	10,8	13,5	11,2	-	13,1	16,5	4,0	20,8	10,9	13,9	11,7
Гирифтани гӯсола аз 100 сар модагов	36	55	70	88	74	61	87	62	10	68	67	88	73	57	83	55
Гирифтани барраву бузғола аз 100 сар меш	-	84	91	92	96	76	75	97	-	77	79	92	94	76	82	91

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе солҳои 2024-2025.-С. 304-315

Бояд тақозо намоем, ки аз давраи марҳилаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2000) ҷиҳати тадбирандешиҳои Ҳукумати мамлакат, ҳамасола афзоиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ мушоҳида мешавад. Вале, маълум аст, ҳамасола афзоиши табиии аҳолӣ низ ба миён меояд ва ин моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмини аҳолии кишвар бо озуқавории хушсифат чораҳои мушаххаси илмӣ андешем.

Албатта, истеҳсолоти кишоварзӣ ба худ хусусиятҳои хосро доро мебошад, ки яке аз ин хусусиятҳо мавсими будани истеҳсолот аст. Бештари маҳсулоти кишоварзӣ дар мавсимӣ тобистону тирамоҳ ҷамъоварӣ мешаванд. Аммо талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ тамоми давраи солро дар бар мегирад. Аз ин ҷо бармеояд, ки мо танҳо бо роҳи зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот мушкилоти таъмини амнияти озуқавориро ҳаллу фасл карда наметавонем.

Таъсиси бештари корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шароит фароҳам меоварад, ки маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ мавриди коркард қарор дода шуда, маҳсули он ба бозорҳои дохилу хориҷ пешниҳод карда шавад. Чунки талабот ба маҳсулоти коркардшудаи кишоварзӣ ба монанди меваи хушк, афшураҳои мевагӣ, консерваҳо, аз он ҷумла, консерваҳои мевагӣ, маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти гӯштӣ ва ғайра дар бозори дохилӣ ва ҳам хориҷӣ хело зиёд аст.

Хулосаи зербоби 2.1.

1. Таҳлили гузаронидашуда оид ба ҳолати кунунии рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки новобаста аз 5,5% коҳиши масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ ҷамъоварии ҳосили шолӣ 3,5 баробар, сабзавот 44,3% полизӣ 88%, меваю буттамевагиҳо ва ангур 24,3-и афзоиш ёфтааст. Аз ин лиҳоз, вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷойгир намудани КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ талафшавии ҳосили ҷамъовардашудаи зироатҳои кишоварзиро кам намуда, сабаби ташаккули арзиши нав (изофашуда) мегардад ва дар умум самаранокии соҳаро баланд ва ҳавасмандии деҳқононро ҷиҳати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасманд менамояд.

2. Таҳлилҳо нишон доданд, ки зиёда аз 50%-и заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ наздик ба 28% дар ихтиёри хоҷагиҳои аҳолӣ ва зиёда 18-20% дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ қарор дорад. Имкониятҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар самти

технологияи хуби парвариш, тадбирҳои агрохимиявӣ ва коркарди хок, сатҳи механиконӣ ва истифодаи технологияи инноватсионӣ, истифодаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот бештар мебошад. Аммо бештари киштзорҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои аҳолӣ қарор дорад. Бештари муҳаққиқон интегратсияи хоҷагиҳои аҳолӣ ва ё хоҷагиҳои деҳқониро дар шакли корхонаҳои кишоварзӣ омили муҳимми ташаккули истеҳсолоти кишоварзӣ меҳисобанд. Ба андешаи мо, зарур аст, ки ҳамгироии фаъолияти шаклҳои хоҷагидориро дар кишоварзӣ ба натиҷаи фаъолияти онҳо, яъне маҳсулоти истеҳсолнамудаашон роҳандозӣ намоем.

3. Қисми бештари саршумори чорво, яъне ЧКШ зиёда аз 90-95%, гӯсфанду буз бештар аз 70-75%, паранда зиёда аз 20-23% ва оилаи занбӯри асал зиёда аз 80 ва наздик ба 84% ба бахши хоҷагиҳои аҳолӣ мансуб аст. Аммо дар хоҷагиҳои аҳолӣ як қатор мушкилот аз қабили мавҷуд набудан ё дар сатҳи паст қарор доштани пойгоҳи хӯроки чорво, сатҳи пасти истифодаи зотҳои дорои маҳсулнокии баланд ва қобилияти репродуктивӣ, беҳсозии генетикӣ, бордоркунии сунъӣ, дараҷаи пасти ҳифзи чорво, номувофиқии шароити нигоҳдорӣ, сатҳи пасти назорати бойторӣ, сатҳи пасти омилҳои ташкилӣ, сатҳи пасти риояи стандартҳои бехатарӣ ва сифат, сатҳи бениҳоят пасти механикунонии раванди истеҳсолот. Бинобар ин, дар водии Ҳисор шароити мусоид ва имкониятҳои рушди хоҷагиҳои чорводорӣ бениҳоят васеъ аст, танҳо зарур аст дастгириҳои давлатӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ дар ин бахш такмил дода шавад.

Хулоса, дар водии Ҳисор ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба кам шудани талафоти маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшуда мусоидат менамояд. Дар натиҷа, вобастагии иқтисодиёти кишвар аз иқтисодиёти хориҷӣ кам гашта, дар навбати аввал мо метавонем бо ин роҳ маҳсулоти воридотивазкунанда истеҳсол намуда, баъдан маҳсулоти ба содирот нигаронидашудаи рақобатпазир истеҳсол намоем.

Аз тарафи дигар, рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои расидан ба ду ҳадафи стратегии мо: «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Саноатикунонии босуръати мамлакат», дар умум бошад, ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд. Лекин, дар шароити муосири иқтисодиёти бозоргонӣ барои такмили ҷойригкунии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус корхонаҳои хурду миёна ба инобат гирифтани ҳолати кунунии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ зарур мебошад. Бинобар ин, мо дар қисмати минбаъдаи кори илмии худ оид ба ҳаҷми коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ барои рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқот анҷом медиҳем.

2.2. Баҳодиҳии сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор

Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ–ин ҷараёни махсуси табдилдиҳии ашёи хоми соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ ба маҳсули барои истифода ва истеъмол тайёр, аз он ҷумла коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ мебошад, ки амалисозии он аз ҳаҷми ашёи хом ва ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Арзёбии баҳодиҳии сатҳи коркарди маҳсулоти кишоварзиро ба таҳлили сохтор ва таркиби соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати коркардро аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, таносуби минтақаҳо дар истеҳсоли озуқаворӣ, тамоюли рушди коркарди ашёи хоми кишоварзӣ дар водӣ ва ба дараҷаи истифодаи иқтидорҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор ҷудо намудем.

Таҳлили сохтор ва таркиби саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки давоми солҳои 2020-2024 ҳиссаи саноати коркард дар маҷмуи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ, зиёда аз 55-60%-ро ташкил медиҳад, ки назар ба дигар бахшҳои соҳаи саноат бештар аст. (ниг.ба расми 2.3.)



Расми 2.3.-Сохтори соҳаҳои саноат аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот *(бо фоиз)*

Сарчашма: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе солҳои 2021-2025

Тавре аз маълумоти расми 2.3. бармеояд, новобаста аз он ки ҳиссаи саноати коркард дар маҷмуи маҳсулоти саноатӣ назаррас бошад ҳам, аммо саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти саноатии соли 2024 қиёс ба солҳои 2020-2023 аз 1,3% то 5,5% кам шудааст. Сабаби он рушди ҳиссаи бахши саноати истихроҷи маъдан давоми солҳои таҳқиқшаванда аз 3,2 то 10,9 банди фоизӣ дар маҷмуи маҳсулоти саноатӣ маҳсуб меёбад.

Пас, таҳлили сохтор ва таркиби саноати коркард дар алоҳидагӣ нишон дод, ки мавқеи корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард назаррас мебошанд (ниг. ба ҷадвали 2.8.).

Аз маълумоти ҷадвали 2.8. ба назар мерасад, ки давоми солҳои таҳқиқшаванда истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку наздик ба 35% ва бештар аз 40%-и саноати коркардро ташкил медиҳад. Ҳамин гуна, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ зиёда аз 15-18% ва истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 0,5%-и саноати коркардро дар бар мегиранд.

Ҷадвали 2.8.-Сохтори истеҳсолоти саноати коркард дар солҳои 2020-2024, (*бо фоиз)*

Нишондиҳандаҳо	Солҳо				
	2020	2021	2022	2023	2024
Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку	37,2	34,1	39,2	40,7	37,9
Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ	15,1	18,4	17,8	15,8	12,9
Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол	0,5	0,5	0,5	0,5	0,5
Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб	0,7	0,6	0,6	0,7	0,8
Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр	1,0	0,9	1,0	1,5	1,9
Истеҳсоли маҳсулоти нафт	0,5	0,6	0,3	0,3	0,3
Истеҳсоли кимиёвӣ	1,0	1,2	1,7	2,1	2,0
Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ	1,5	1,7	2,0	1,9	2,0
Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ	14,2	12,8	11,0	10,9	11,3
Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ	26,1	26,7	23,0	22,7	26,7
Мошинсозӣ	1,5	1,8	2,2	2,2	2,8
Ҳар гуна соҳаҳои саноат	0,7	0,7	0,7	0,7	0,9
Саноати коркард	***100***	***100***	***100***	***100***	***100***

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025.-С. 16

Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 2.8. хулоса баровардан мумкин аст, ки зиёда аз 50%-и саноати коркард (ба истиснои дӯзандагӣ ва обҳои ташнашикан) ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд. Аз ҳамин лиҳоз, сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аз нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати коркард вобастагӣ дорад.

Омӯзиш ва таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии саноати коркард гувоҳӣ медиҳад, ки давоми солҳои 2020-2024 бештари нишондиҳандаҳои корхонаҳои саноати коркард тамоюли мусбат доранд.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.9. далели он аст, ки шумораи корхонаҳои саноати коркард дар соли 2024 ба 3241 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2020 1395 адад ё 75,6% зиёд мебошад. Зиёдшавии шумораи корхонаҳо мусоидат намудааст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард 11229 млн сомонӣ ё 58,9% афзоиш ёбад. Шумораи миёнасолонаи кормандони саноати коркард аз 59,3 ҳазор нафари соли 2020 то ба 64,8

ҳазор нафар дар соли 2024 омада расидааст, ки 9,3% афзуншавӣ ба назар мерасад.

Ҷадвали 2.9.-Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии рушди корхонаҳои саноати коркард, солҳои 2020-2024

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2024 нисбати 2018, бо %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Шумораи корхонаҳои саноати коркард, адад	1846	1927	2318	2954	3241	175,6
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, млн сомонӣ	19054	22313	26497	28537	30283	158,9
Шумораи миёнасолонаи кормандони саноатию истеҳсолии соҳаи саноати коркард, ҳазор нафар	59,3	58,9	60,1	60,2	64,8	109,3
Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона, млн.сомонӣ	10,3	11,6	11,4	9,7	9,3	90,3
Ҳаҷми истеҳсол ба сари ҳар як корманди корхона ҳаз. сомонӣ	321,3	378,8	440,9	474,0	467,3	145,4
Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, %	61,7	57,5	61,6	60,9	52,6	85,3
Таносуби миёнасолонаи фондҳои асосии саноатию истеҳсолӣ дар сохтори умумии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, %	41,3	43,2	43,7	43,8	42,8	103,6

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025.-С. 14, 19, 20 ва 24

Ҳамин тавр, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард ба ҳисоби миёна ба сари ҳар як нафар корманди корхонаҳои саноати коркард 45,4% ва таносуби миёнасолонаи фондҳои асосии саноатию истеҳсолии саноати коркард дар сохтори умумии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,6% зиёд шудааст. Танҳо ду нишондиҳандаи иҷтимоӣ-иқтисодии саноати коркард - ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона 9,7% ва ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 14,7% коҳиш ёфтааст. Сабаби якуми солҳои охир ташкили корхонаҳои саноати коркард бо технологияи инноватсионӣ, ки боиси зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард гардида ва дуюмӣ бо сабаби рушди дигар бахшҳои соҳаи саноат, махсусан рушди истихроҷи маъдан ба амал омадааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди ҷойгоҳи муҳим доштани корхонаҳои саноати коркард ва нишондиҳандаҳои мусбати иҷтимоӣ-иқтисодӣ доштани онҳо ҳоло ҳам ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ, бахусус озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ кофӣ нест. Далели тасдиққунандаи гуфтаҳои боло воридоти маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ аз хориҷи кишвар ва содироти қисме аз маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ бе коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ ба хориҷи мамлакат мебошад.

Ба андешаи мо, сабаби ба қадри кофӣ коркард нашудани маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ номутаносиб ҷойгиркунии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар вобаста ба иқтидорҳои истеҳсолӣ, махсусан таъминот бо ашёи хоми кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Чунки дар минтақаҳои кишвар таносуби зиёди шумораи корхонаҳо, кормандон ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мушоҳида мешавад. Барои асосноккунии ин гуфтаҳо дар ҷадвали 2.10. тамоюли нишондиҳандаҳои корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамокуро аз рӯйи шумораи корхонаҳо, кормандон ва ҳаҷми истеҳсолот дар минтақаҳои кишвар ва водии Ҳисорро таҳлил менамоем.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.10. бармеояд, ки шумораи корхонаҳои саноати коркард дар соли 2024 ба 3241 адад омада расидааст, ки нисбат ба соли 2020 1395 адад ё 75,6% зиёда шудааст. Давоми солҳои 2020-2024 корхонаҳои саноати коркард дар вилояти Суғд мутаносибан 594-1099 адад (зиёда аз 30-33%), вилояти Хатлон 460-677 адад (наздик ба 25%), шаҳри Душанбе 454-744 адад (наздик ба 25%) , НТҶ 291-569 адад (зиёда аз 15-17%) ва ВМКБ 47-122 адад (2,5-3,8%) ҷойгир шудаанд.

Шумораи кормандони саноати коркард бошад, зиёда аз 35-38% ба корхонаҳои саноати коркарди вилояти Суғд, зиёда аз 21-22% ба вилояти Хатлон, зиёда аз 20-23% ба шаҳри Душанбе, 15-18% ба НТҶ ва ҳамагӣ 0,5-0,7% ба ВМКБ рост меояд. Аммо дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард байни минтақаҳои кишвар таносуби зиёдтар ба

мушоҳида мерасад. Масалан, ҳиссаи бештари ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард ба вилояти Суғд солҳои 2020-2024, мутаносибан 11588,8-17380 млн сомонӣ (зиёда аз 55-60%), вилояти Хатлон 4419,3-6994,5 млн сомонӣ (23-24%), шаҳри Душанбе 1655,4-3376,1 млн сомонӣ (8,7-11,1%), НТҶ 1348,9-2460,8 млн сомонӣ (7,1-8,1%) ва дар ВМКБ ҳамагӣ 41,9-71,8 млн сомонӣ (0,2%) ба назар мерасад.

Ҷадвали 2.10. -Динамикаи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди корхонаҳои саноати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, солҳои 2020-2024

Минтақаҳои ҷумҳурӣ ва водии Ҳисор	Нишондиҳандаҳо								
	Шумораи корхонаҳо, воҳид			Шумораи кормандон, ҳазор нафар			Ҳаҷми истеҳсол, млн сомонӣ		
	2020	2022	2024	2020	2022	2024	2020	2022	2024
Саноати коркард									
ВМКБ	47	73	122	0,5	0,6	0,7	41,9	48,8	71,8
Суғд	594	747	1099	23	22,5	23,8	11588,8	15608,6	17380
Хатлон	460	546	677	13	13,9	14,6	4419,3	6525,2	6994,5
Душанбе	454	559	774	12,1	12,9	15,4	1655,4	2416	3376,1
НТҶ аз он ҷумла:	291	393	569	10,7	10,2	10,3	1348,9	1898,7	2460,8
- водии Ҳисор	571	739	1049	17,2	17,1	20,1	2486,5	3591,2	4453,2
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	***1846***	***2318***	***3241***	***59,3***	***60,1***	***64,8***	***19054,3***	***26497,3***	***30283,2***
аз ҷумла: истеҳсоли маҳсулоти хӯрока якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку									
ВМКБ	9	15	32	0,1	0,1	0,2	25,5	24,9	32,2
Суғд	198	245	357	5,7	5,8	6,2	4902,9	7497,5	7414
Хатлон	112	124	141	2,1	2,5	2,4	1098	1598,8	2384,9
Душанбе	105	155	218	2,8	3,5	4,2	652,4	898,8	1244,2
НТҶ аз ҷумла:	77	95	108	1,5	1,3	1,3	410,3	362,7	416,8
- водии Ҳисор	145	201	264	4,0	4,2	5,1	881,4	1076,5	1470,2
Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	***501***	***634***	***856***	***12,2***	***13,2***	***14,3***	***7089,1***	***10382,7***	***11492,1***

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе солҳои 2021-2025.-С. 30-37. Маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз маълумоти ҷадвали 2.10. чунин хулоса кардан мумкин аст, миқдори корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ соли 2024 нисбати соли 2020 – 1395 адад, аз он ҷумла дар ВМКБ – 75, Суғд – 505, Хатлон – 217, Душанбе – 320, НТҶ – 278 адад, аз ин миқдор дар водии Ҳисор – 478 адад зиёд шудааст, яъне 34,3% афзоиши миқдори корхонаҳои навбунёдшуда дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ корхонаҳои водии Ҳисор ташкил медиҳанд. Дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ дар соли 2024 64,8 ҳазор

нафар фаъолият менамояд, ки ин нисбат ба соли 2020 мувофиқан 9,3% ва 16,9% афзоишро ташкил медиҳад. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 30283,2 млн сомонӣ расонида шудааст, ки ин нисбати соли 2020 58,9% афзоишро ташкил медиҳад. Чунин афзоиш аз ҳисоби зиёд шудани миқдори корхонаҳои саноатӣ ва шумораи коргарон дар ин корхонаҳо ба амал омадааст. Дар таркиби истеҳсоли маҳсулоти саноатии соли 2024 11492,1 млн сомониро маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ташкил медиҳад. Ин нишондиҳада дар корхонаҳои саноати истеҳсоли хӯроквории водии Ҳисор 1470,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки он нисбати соли 2020 1,7 баробар зиёд аст. Чунин афзоиш агар аз як тараф қонунияти инкишофи ҷомеа бошад, аз тарафи дигар натиҷаи татбиқи сиёсати саноатикунонии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 2.10. нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таносуби зиёди шумораи корхонаҳои истеҳсоли озуқаворӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку ба назар мерасад (ниг. ба расми 2.4.).



	Шумораи корхонаҳо			Ҳаҷми истеҳсол		
	2020	2022	2024	2020	2022	2024
ВМКБ	1,8	2,4	3,7	0,4	0,2	0,3
Суғд	39,5	38,6	41,7	69,1	72,2	64,4
Хатлон	22,4	19,6	16,5	15,5	15,4	20,8
Душанбе ва НТҶ аз он ҷумла:	36,3	39,4	38,1	15	12,2	14,5
Водии Ҳисор	79,7	80,4	81	82,9	85,3	88,5

Расми 2.4.-Таносуби шумораи корхонаҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар минтақаҳо (бо %)

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2021-2025.-С. 30-37. Маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳои расми 2.4. гувоҳи онанд, ки бештари корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд наздик ба 40-42%, шаҳри Душанбе ва НТҶ дар якҷоягӣ зиёда аз 36-39%, вилояти Хатлон зиёда аз 16-22% ва ВМКБ 1,8-3,7% ҷойгир шудаанд. Шумораи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқавории водии Ҳисор зиёда аз 80%-и корхонаҳои истеҳсоли озуқавории шаҳри Душанбе ва НТҶ-ро ташкил медиҳад. Аммо таносуби минтақаҳо аз рӯйи шумораи корхонаҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мувофиқат намекунанд. Масалан, новобста аз он ки дар ВМКБ 1,8-3,7%-и корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ҷойгир шудаанд, аммо ҳамагӣ дар ин вилоят 0,2-0,4%-и маҳсулоти саноати хӯрокворӣ истеҳсол шудааст халос.

Ҳамчунин, наздик ба 40%-и корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар шаҳри Душанбе ва НТҶ ҷойгир шуда, аммо ҳиссаи онҳо дар маҷмуи маҳсулоти хӯроквории ҷумҳурӣ каме бештар аз 12-15%-ро ташкил медиҳад.

Ба андешаи мо, сабаби таносуби минтақаҳо дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бо таъсири омилҳои зерин ба миён омадааст: мавҷудияти ашёи хом-сатҳ ва сифати истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ; сатҳи истифодаи технологияи муосир дар истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ; захираҳои меҳнатӣ ва малакаи соҳибкорон ҷиҳати ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ; инфрасохтор; фазои сармоягузорӣ; дастрасӣ ба бозорҳои дохилӣ ва имкониятҳои содиротӣ; сатҳи дастгирии давлатӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва ғайра.

Таҳлили ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки бештари корхонаҳои коркардкунанда дар шаҳри Душанбе ҷойгир буда, ҳиссаи он дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқавории асосӣ назар ба дигар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор зиёд мебошад. Маҳз дар давраи таҳқиқот тамоюли афзоиши коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Душанбе ба назар мерасад.

Ҷадвали 2.11.-Динамикаи ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои фаъолияткунанда ва соҳибкорони инфиродии шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор, солҳои 2023-2024

Маҳсулоти озӯқаворӣ	Солҳо															
	2023								2024							
	Душанбе	Турсунзода	Ҳисор	Шаҳринав	Рӯдакӣ	Вахдат	Файзобод	Ҳамаги дар водӣ	Душанбе	Турсунзода	Ҳисор	Шаҳринав	Рӯдакӣ	Вахдат	Файзобод	Ҳамаги дар водӣ
Гӯшт ва каллапочаи навъи 1, тонна	11390	241,5	131,7	-	80,6	-	108,5	***11952,3***	12097	312,9	108,7	-	81,5	-	108,6	***12708,7***
Маҳсулоти ҳасиб, тонна	2279	-	-	-	37,9	4,9	-	***2321,8***	2292	-	-	-	37,0	40,0	-	***2369***
Равғани маска, тонна	33,4	-	1,8	-	-	-	-	***35,2***	43,9	-	0,0	-	-	-	-	***43,9***
Маҳсулоти шири холис, ба ҳисоби шир, тонна	6870,6	70,0	209,5	5,0	32,7	-	41,6	***7229,4***	7372,9	76,9	222,6	-	33,5	-	41,7	***7747,6***
Панири равғанӣ, тонна	55	0,7	-	-	-	-	-	***55,7***	181	4,1	-	-	-	-	-	***185,1***
Консерваҳо, ҳазор қуттии шартӣ, аз ҷумла:	204,1	-	-	25	-	30,4	2,8	***262,3***	206,6	-	-	-	-	-	3,2	***209,8***
- меваю сабзавот	202,5	-	-	25	-	27	2,8	***257,3***	204,7	-	-	-	-	-	3,2	***207,9***
- гӯштию растаниҳо	1,6	-		-	-	3,4	-	***5,0***	1,9	-	-	-	-	-	-	***1,9***
Орд, тонна	7315,9	251,7	438,3	31,8	1152,9	11,4	550,2	***9752,2***	7326,3	288,8	453,5	269,8	1153,2	32,3	556	***10079,9***
Равғани растанӣ, тонна	412,4	-	96,1	-	92,9	10,7	30,0	***642,1***	461,7	-	148,5	95,6	-	8,1	37,2	***751,1***
Картошкаи бирён, кг	7798,4	41937,3	-	-	-	-	-	***49735,7***	9654,3	29780,8	-	-	-	-	-	***39435,1***
Маҳсулоти макаронӣ, тонна	3495	11,2	31,4	-	1681,8	5,2	-	***5224,6***	4001	21,8	34,7		1570,6	-	-	***5628,1***
Арақ, декалитр	16703,8	-	1053,4	2825	17863	-	-	***38445,2***	19159,9	-	1338	1270	20004,7	-	-	***41772,6***
Мусалласи ангурӣ, декалитр	-	-	-	1612,9	-	-	-	***1612,9***	-	-	-	543,6	-	-	-	***543,6***
Оби ҷав, декалитр	34147,4	-	1600	-	2400	-	-	**38147,4**	34240,4	650,1	0,0	-	2400	-	-	***37290,5***

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2025.-С. 30-37. Маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз маълумоти ҷадвали 2.11. бармеояд, ки ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои коркардкунанда ва соҳибкории инфиродии шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 суръати бештари афзоиши панири равғанӣ 3,3 баробар, равғани маска 24,7%, равғани растанӣ 17,0%, арақ 8,7%, маҳсулоти макаронӣ 7,7%, маҳсулоти шири холис, ба ҳисоби шир 7,2%, гӯшт ва каллапочаи навъи як 6,3%, орд 3,4% ва маҳсулоти ҳасиб 2,0% ва ба назар мерасад. Сабаби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бештар аз самаранокии фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар шаҳри Душанбе ва зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот дар онҳо маҳсуб меёбад.

Аммо, давоми ду соли охир дар водии Ҳисор ҳаҷми истеҳсоли картошкаи бирён 20,7%, консерваҳо 20% ва мусалласи ангурӣ 2,2% кам шудааст. Сабаби кам шудани ҳаҷми истеҳсоли картошкаи бирён ин пешниҳоди ҳисоботи сифрии ҶДММ «Картошкаи ҳақиқӣ» ва кам шудани ҳаҷми истеҳсоли ин маҳсулот дар ҶДММ «Юм фудс»-и шаҳри Душанбе маҳсуб ёфта, камшавии ҳаҷми истеҳсоли консерваҳо пешниҳоди ҳисоботҳои сифрӣ дар корхонаҳои ноҳияи Шаҳринав (ҶДММ «АҲМАДУ АБУБАКР») ва шаҳри Ваҳдат (АТАМ ҲҶТ «Корхонаи коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ») дар истеҳсоли ин намуди маҳсулот маҳсуб меёбад. Ҳамин гуна, сабаби камшавии ҳаҷми истеҳсоли мусалласи ангурӣ коҳишёбии ҳаҷми коркарди ин маҳсулот дар корхонаҳои ноҳияи Шаҳринав ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 2.11. ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз тамоюли афзоиши ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (ба истиснои баъзе маҳсулот) ҳоло ҳам истеҳсоли озуқавории асосӣ дар водии Ҳисор қаноатмандкунанда набуда, ҳатто дар худтаъминкунии аҳолии водӣ кифояткунанда нест. Зеро дар байни шаҳру ноҳияҳои водӣ танҳо дар шаҳри Душанбе коркарди бештари маҳсулоти кишоварзӣ роҳандозӣ шуда, дар дигар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи хело паст қарор дорад. Масалан, коркарди гӯшт ва каллапочаи навъи 1 соли 2024 дар водӣ ба 12708,7 тонна расонида шудааст, ки

коркарди ин намуди маҳсулот дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияҳои Шаҳринаву Варзоб тамоман ба роҳ монда нашудааст. Сабаби ин мавҷуд набудани корхонаҳои коркарди гӯшт ва аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ роҳандозӣ нагардидани ин навъи фаъолият маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, истеҳсоли ҳасиб дар водӣ, давоми солҳои 2023-2024 мутаносибан ба 2321,8 то 2369 тонна баробар аст, ки бештар аз 96%-и ин маҳсулот дар шаҳри Душанбе истеҳсол шуда, ҳиссаи ками ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат ба назар мерасад.

Ҳамчунин, коркарди маҳсулоти ширӣ давоми солҳои 2023-2024 дар водии Ҳисор ба ҳисоби шир, мутаносибан аз 7229,4 то ба 7747,6 тонна, равғани маска аз 35,2 то ба 43,9 тонна ва панири равғанӣ аз 55,7 то ба 185,1 тонна расонида шудааст, ки албатта ин миқдор талаботи аҳолии водиро қонеъ намесозад. Ҳол он ки шаҳру ноҳияҳои водӣ (ба истиснои ш.Душанбе) дар зиёдкунии саршумори чорво ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва дар ин замина роҳандозии кокарди он имкониятҳои васеъ доранд.

Таҳлили ҳолати коркарди маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки нисбатан истеҳсоли орд дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо (ба истиснои н.Варзоб) хуб роҳандозӣ шуда, тамоюли афзоиши истеҳсоли он дар водӣ ба назар мерасад. Дар боқимонда маҳсулоти озуқавории дар ҷадвал овардашуда, новобаста аз тамоюли афзоиши аксари маҳсулот ҳоло ҳам коркарди санотии маҳсулоти растанипарварӣ, ба истиснои шаҳри Душанбе дар дигар шаҳру ноҳияҳои водӣ дар сатҳи хеле паст қарор дошта, наметавонад талаботи аҳолии водиро бо истеҳсолоти худӣ таъмин намояд.

Сабаби асосии дар сатҳи нокифоя коркард шудани маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ аз як ҷиҳат шумораи нисбатан ками корхонаҳои коркардкунанда бошад, аз тарафи дигар ба пуррагӣ истифода нагардидани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркардкунанда дар водӣ маҳсуб меёбад. Маълумоти омории ду соли охир нишон медиҳанд, ки

истифодаи иқтидори корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ хеле дар сатҳи паст мебошад.

Аз маълумоти ҷадвали 2.12. бармеояд, ки соли 2023 дар водии Ҳисор сатҳи пастарини истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар корхонаҳои коркарди консерваҳои гӯштию растаниҳо 0,5% ва сатҳи баландтарин дар корхонаҳои коркарди шир 62,9% ба назар мерасад. Ин нишондиҳанда дар соли 2024 аз 5,8%-и истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар корхонаҳои истеҳсоли равғани растанӣ то ба 62%-и истифодаи иқтидор дар корхонаҳои истеҳсоли панири равғанӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҷадвали 2.12.-Истифодаи иқтидори коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои коркардкунандаи водии Ҳисор, солҳои 2023-2024

Маҳсулоти озуқаворӣ	Воҳиди ченак	Солҳо					
		2023			2024		
		Иқтидор	Миқдори маҳсулоти коркардшуда	Фоизи истифодаи иқтидор	Иқтидор	Миқдори маҳсулоти коркардшуда	Фоизи истифодаи иқтидор
Маҳсулоти ҳасиб	тонна	2946,4	1686,1	57,2	4490,18	1569,08	34,9
Равғани маска	тонна	72,5	35,2	48,6	72,5	44	60,7
Панири равғанӣ	тонна	192,2	55,7	29,0	113,9	70,59	62,0
Маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир	тонна	11179,2	7030,1	62,9	12365,5	7503,18	60,7
Консерваҳои гӯштию растаниҳо	ҳаз. қ\ш	1080,0	5,0	0,5	30	1,9	6,33
Консерваҳои меваю сабзавот	ҳаз. қ\ш	415,0	257,3	62,0	2360	207,9	8,8
Орд	тонна	52813,0	14806,8	28,0	129393,8	7587,9	5,9
Картошкаи бирён	кг	130700,0	49735,7	38,1	71200	39435,1	55,4
Маҳсулоти макаронӣ	тонна	7495,1	4313,2	57,5	9060,38	4666,93	51,5
Равғани растанӣ,	тонна	3112,2	522,7	16,8	10650,6	612,83	5,8
Арақ ва маҳсулоти ликеру арақ,	дека-литр	436381,0	38445,2	8,8	147022,2	41772,74	28,4
Мусалласи ангурӣ	дека-литр	17000,0	1613,0	9,5	5012	543,55	10,8
Оби ҷав	дека-литр	652100,0	38147,4	5,8	591846,2	37290,5	6,3

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2025

Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 2.12. чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркарди саноатии

маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ ба пуррагӣ истифода намешавад. Ба андешаи мо сабаби истифода нагардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар водӣ таъсири омилҳои зерин маҳсуб меёбад:

1. Таъминот бо ашёи хом. Бинобар сабаби фаъолияти аксари корхонаҳои коркарди водии Ҳисор дар шаҳри Душанбе, принсипи ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар наздикии ашёи хом риоя намешавад, ки аз як тараф ба номунтазамии таъминоти корхонаҳо бо ашёи хом боис гардида, аз тарафи дигар хароҷоти интиқолиро зиёд менамояд. Ҳамчунин, мавсимии истеҳсолот боиси ба пуррагӣ таъмин нагардидани корхонаҳои коркард бо ашёи хом гардида, дар аксар ҳолат нархи ашёи хом низ ба сатҳи таъминоти корхонаҳо таъсири манфӣ мерасонад.

2. Техникӣ-технологӣ. Дар аксари корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ куҳнашавӣ ва фарсудашавии техника ва технологияи истеҳсолӣ боиси сатҳи нисбатан пасти раванди автоматикунонии истеҳсолот гардида, дар ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ имкониятҳои корхонаҳои соҳа дар водӣ маҳдуд мебошад.

3. Молиявӣ-иқтисодӣ. Сатҳи нисбатан баланди фоизи қарзҳо, сатҳи пасти ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддат, ташаккул наёфтани сегменти лизингии технологияҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ширкатҳои лизингӣ, сатҳи пасти имтиёзҳои андозӣ ва ҳавасмандгардониҳои молиявии давлатӣ ҳамчун маҳдудиятҳои молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои коркардкунандаи водӣ маҳсуб меёбад.

4. Инфрасохторӣ ва логистикӣ. Камбудии сардхонаҳо ва анборҳои нигоҳдорӣ дар водӣ, номукаммалӣ ва сатҳи нокофии рушди шабакаҳои логистикӣ, номунтазамии таъминот бо неруи барқ ва ғайра.

5. Рақобатпазирӣ. Дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аксаран технологияи анъанавӣ истифода мешавад, ки нисбат ба маҳсулоти воридотӣ дар рақобат тоб оварда наметавонад.

6. Ташкилӣ-идоракунӣ. Сатҳи пасти муносибатҳои ҳамгироӣ бо истеҳсолкунандагон, номукаммалии идоракунии раванди истеҳсолот, сатҳи пасти банақшагирии истеҳсолот ва ғайра.

Хулоса, сатҳи пасти истифодаи иқтидори корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор натиҷаи таъсири комплексии омилҳои болозикр буда, ба ин раванд аз як тараф камбудии ашёи хом бо сабаби мавсимии истеҳсолот таъсир расонад, аз тарафи дигар фарсудашавии хатҳои технологияи коркард ва норасоии мутахассисон, бахусус технологҳо мушкилоти соҳаро бештар намудааст.

Ба андешаи мо, риояи принсипи ҷойгиркунии корхонаҳои коркард дар наздии ашёи хом, махсусан ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна вобаста ба ҳаҷми ашёи хом ва таъмин бо технологияи инноватсионӣ ба истифодаи дигар имкониятҳои истеҳсолии водӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти корхонаҳои агросаноатиро баланд мебардорад.

Иқтисодшиноси кишвар, профессор, А. Рауфӣ қайд менамояд: «Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир кишвари соҳиби технологияҳои пешқадам ва пешрафта, яъне соҳиби соҳаҳои аз ҷиҳати илмӣ ва технотронӣ муҷаҳҳазшуда, дар мавқеи якум қарор мегирад ва вазъиятро идора менамояд. Бинобар ин, барои баромадан аз вазъияти мазкур ва таҳия намудани сиёсати саноатӣ дар самти коркарди пурраи ашё ва гирифтани маҳсулоти тайёри хотимавӣ чораҳоро андешидан зарур аст» [92, С. 454].

Мо пешниҳод менамоем, ки яке аз чораҳои муҳим баланд бардоштани сатҳи истифодаи иқтидорҳои мавҷуда бо татбиқи механизмҳои самараноки иқтисодӣ-институтсионалӣ, аз ҷумла ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар водии Ҳисор, вобаста ба ҳаҷми ашёи хом, интихоб ва ҷорӣ намудани навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, ки ба талаботи коркарди саноатӣ мутобиқ мебошанд ва истифодаи технологияи инноватсионӣ дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Таҳлили гузаронидашуда оид ба сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки новобаста аз он ки дар кишвар, бештар аз 55-60%-и ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатиро корхонаҳои бахши саноати коркард истеҳсол намуда, бештар аз 50%-и саноати коркард ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул бошанд ҳам, аммо сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ дар водии Ҳисор ҳатто дар худтаъминкунии аҳолӣ кифояткунанда нест. Зеро ҷиҳати таъмини аҳолии водӣ бо маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ воридоти он аз вилоятҳои Хатлону Суғд ва хориҷи кишвар ба назар мерасад.

Хулосаи зербоби 2.2.

1. Гарчанде бештари нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати коркард тамоюли рушд дошта бошанд ҳам, аммо номутаносибии ҷойгиркунии чунин корхонаҳо сабаби кам коркард шудани маҳсулоти кишоварзӣ гардидааст;

2. Аз таҳлили сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор маълум шуд, ки риоя нашудани принсипи «ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар наздикии ашёи хом»ва мавсимии истеҳсолот сабаби номунтазамии таъминоти корхонаҳои соҳа бо ашёи хом гардида, ҳамчунин куҳнашавии технологияи коркард боис шудааст, ки иқтидори корхонаҳои коркард дар водӣ ба пуррагӣ истифода намешавад. Таъсири омилҳои болозикр сабаби дар сатҳи нокофӣ коркард гардидани маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ маҳсуб меёбад.

3. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар шаҳрҳои Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав ва Файзобод дар асоси заминаи ашёи хоми кишоварзӣ, шароити мувофиқи табиӣ-иқтлимӣ, наздикӣ ба бозори истеъмолӣ, инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ имкониятҳои бештари ҷойгиркунии КХМ-и коркарди меваю сабзавот, полизӣ (истеҳсоли афшураҳо, консервакунонӣ, меваи хушк), коркарди ибтидоӣ (бастубанд ва нигоҳдори маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ), коркарди шир ва маҳсулоти ширӣ (ҷурғот, қаймоқ, панири равғанӣ ва ғ.), коркарди гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, коркарди ангур (мавиз ва мусалласи

ангурӣ), коркарди зироатҳои равғандеҳ, коркарди ибтидоӣ ва ниҳоии пӯст ва пашми чорво бештар ба назар мерасад. Махсусан, дар шаҳрҳои Ҳисор ва Турсунзода коркарди меваю сабзавот ва ангур самаранок мебошанд.

4. Ба андешаи мо ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар наздикии ашёи хом ва интихобу ҷоринамоии навъҳои коркардбоб ба мунтазамии таъминот бо ашёи хом, мусоидат ва самаранокии корхонаҳои соҳаро аз ҳисоби коҳиши хароҷоти логистикӣ-нақлиётӣ, истифодаи пурраи иқтидор, пешгирии талафоти маҳсулоти зудвайрондаванда афзун ва дар умум ба рушди ҳамгироии соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат мусоидат менамояд.

Хулоса, рушди КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ боиси афзунсозии сатҳи истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи кишоварзӣ, пешгирии талафёбии маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ, арзишафзоӣ ва ба вуҷуд омадани арзиши иловашуда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар умум ҷиҳати расидан ба таъмини амнияти озуқавории кишвар мусоидат менамояд. Лекин, дар шароити муосир барои такмили механизмҳои ҷойригкунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ба инобат гирифтани иқтидори иҷтимоию иқтисодии водӣ зарур мебошад . Бинобар ин, мо дар қисмати минбаъдаи кори илмии худ оид ба иқтидори иқтисодӣ-иҷтимоии водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқот анҷом медиҳем.

2.3. Таҳлили иқтидори иқтисодии водии Ҳисор барои рушд ва ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Дар шароити муосири иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз механизмҳои такмили ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ки барои ташаккули нави босифати соҳаи агросаноатӣ мусоидат мекунад, ин таҳлил ва баҳодиҳии иқтидори иқтисодӣ, дараҷаи истифодабарӣ ва имкониятҳои васеъ кардани он маҳсуб меёбад. Ҳалли ин масъала

имконият медиҳад, ки механизмҳои ҷойгиркунии КХМ-ро дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор муайян намоем.

Ҷиҳати такмили ҷойгиркунии корхона омили муҳим ва аввалиндараҷаи иқтидори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар шаҳру ноҳияҳои водӣ тафовути иқтидори иқтисодӣ ва истифодаи он ҷой дорад.

Иқтисодшиноси рус Татаркин А.И. чунин изҳор намудааст: «Бидуни такя ба иқтидори иқтисодии минтақа, рушд ва таҳияи дурнамои он имканнопазир аст» [44]. Олимони ватанӣ Саидмуродов Л.Х., Муминова Ф.М. ва Мирбобоев Р.М. чунин изҳор намудаанд: «Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ мебошад ва ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кӯшишҳои Ҳукумат дар самтҳои афзалиятноки рушди кишвар ҳисобида мешавад» [94, с. 7-9].

Ба андешаи олимони боло такя намуда, қайд менамоем, ки иқтидори иқтисодии минтақа ин маҷмуи воситаҳо, имкониятҳо ва захираҳои мавҷудаи ҳудуди муайян бо мақсади амалинамоии ин ё он фаъолият фаҳмида мешавад.

Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки дар ҳолати маҳдуд будани захираҳои табиӣ истеҳсолоти прогрессивӣ метавонад иқтидори иқтисодиро зиёд намояд. Аммо, то ҳоло иқтидори иқтисодии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор бо мақсади ҷойгиркунии КХМ-и маҳсулоти кишоварзӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Маҳз бо ҳамин мақсад, иқтидори иқтисодии водиро бо мақсади ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таҳлил ва баҳои иқтисодӣ медиҳем.

Дар асоси таснифоти омилҳои истеҳсолӣ иқтидори саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзиро ҳамчун ҷузъи муҳимми иқтидори иқтисодӣ муайян карда, онҳоро ба захиравӣ, меҳнатӣ, инноватсионӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва сармоягузорӣ гурӯҳбандӣ намудем ва дар навбати худ онҳо дар заминаи моддӣ-техникӣ, ашёи хом, илмӣ-тадқиқотӣ, маблағгузорӣ, инноватсионӣ ва иттилоотӣ ташаккул меёбанд (ниг. ба расми 2.5.).



Расми 2.5.-Ташаккули иқтидори коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Унсурҳое, ки тавсифоти умумии иқтидори коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ифода мекунанд, дар расми 2.6. оварда шудааст.

№	Номгӯйи иқтидор	Тавсиф ё хусусият
IP1	Захиравӣ (ҳаҷми ашёи хоми кишоварзӣ)	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи таъминоти аҳолии доимӣ бо истеҳсолоти худӣ. Мавҷудияти ашёи хоми маҳаллии кишоварзӣ барои коркард.
IP2	Меҳнатӣ	Қобилитяти истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ки барои иҷрои супоришҳои истеҳсолӣ ва дар умум барои истеҳсоли маҳсулоти тайёр омодаанд.
IP3	Инноватсионӣ	Маҷмуи корхонаҳои фаъоли инноватсионӣ бо коргарони баландихтисос, ки ба тавлид ва татбиқи ғояҳои нави техно-логӣ қодиранд ва захираҳои молиявие, ки барои навова-риҳои технологӣ бо мақсади таъмини баландбардории дара-ҷаи техникӣ ва технологии истеҳсолот ҷудо карда мешаванд.
IP4	Молиявӣ	Маҷмуи имкониятҳои молиявӣ, ки рушди инфрасохтори истеҳсолиро таъмин намуда, ба ҳалли вазифаҳои иқтисодии ба миён гузошташуда мусоидат менамоянд.
IP5	Инфрасохторӣ	Иқтидори умуммии шароитро барои фаъолияти пурсамари соҳаҳои саноат, муомилоти мол ва ҳаёти одамон бо дар назардошти таъсири оптималии мутоқобила бо муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳо муҳайё карда шудааст.
IP6	Сармоягузорӣ	Маҳорати истифодаи инвесторони эҳтимолӣ, ки хоҳиши сармоягузории соҳаро доранд.

Расми 2.6.-Унсурҳои сохтории иқтидори саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз рӯйи маълумоти расми 2.6. чунин ба назар мерасад, ки ҷойгиркунии КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ иқтидори захиравӣ (мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ) омили асосӣ маҳсуб меёбад ва иқтидори захиравӣ, яъне мавҷудияти ашёи хоми кишоварзӣ аз рӯйи ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагии зиёд дорад.

Қобили зикр аст, ки маҳсулоти кишоварзӣ, асосан бо мақсади қонеъгардонии талаботи аҳолӣ, захиракунӣ ва истифода барои тухмӣ (аксар зироатҳои кишоварзӣ) ва қисме аз он барои коркарди саноатӣ ва содирот ба хориҷи кишвар истифода мешавад. Асосан қисми бештари маҳсулоти кишоварзӣ барои қонеъгардонии талаботи аҳолии кишвар дар шакли асл истифода мешавад. Аз ин лиҳоз, тамоюли рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва суръати афзоиши табиии аҳолӣ ҷиҳати муайянкунии иқтидори захиравӣ ва дар ин замина, ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ омили муҳим маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, маълумоти омории даҳ соли охир нишон медиҳад, ки ашёи хоми кишоварзии коркардшаванда, махсусан сабзавот, полизӣ, меваю буттамева ва ангур дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиснои баъзе солҳо тамоюли афзоиш дорад (ниг. ба ҷадвали 2.13.).

Таҳлили динамикии истеҳсоли ашёи хоми коркардшаванда дар водии Ҳисор давоми солҳои 2015-2024 нишон медиҳад, ки ба истиснои солҳои 2022, 2024 дар истеҳсоли сабзавоту полизӣ ва ба истиснои солҳои 2016, 2020, 2023 истеҳсоли мева,буттамева ва ангур зиёдшавии ҳамасолаи сабзавоту полизӣ, ба ҳисоби миёна 7,5%, меваю буттамева ва ангур, 12,2% -ро ташкил додааст. Дар маҷмуъ, дар солҳои таҳлилшаванда нисбат ба соли базисӣ истеҳсоли сабзавот ва полизӣ 254117 тонна (86,1%) ва меваю буттамева ва ангур 93954 тонна (86,6%) зиёд гардидааст. Сабаби асосӣ ин зиёдкунии майдон кишт ва ҳосилнокӣ аз ҳар як гектар ба ҳисоб меравад.

Аз маълумоти ҷадвали 2.13. чунин хулоса кардан мумкин аст, ки водии Ҳисор бинобар мутобиқатии иқлим барои парвариши сабзавот, полизӣ, меваю буттамева ва ангур махсусгардонидашуда маҳсуб ёфта,

ҳамасола баҳри рушди ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти болозикр, механизмҳои зарурии иқтисодӣ-институтсионалӣ амалӣ карда мешавад.

Ҷадвали 2.13.-Динамикаи истеҳсоли ашёи хоми кишоварзии коркардшаванда дар водии Ҳисор, солҳои 2015-2024

Солҳо	Сабзавот ва полизӣ, тонна	Афзоиш				Мева, буттамева ва ангур, тонна	Афзоиш			
		Мутлақ, тонна		Суръати афзоиш, %			Мутлақ, тонна		Суръати афзоиш, %	
		базисӣ	занҷирӣ	базисӣ	занҷирӣ		базисӣ	занҷирӣ	базисӣ	занҷирӣ
2015	294984	-	-	100	100	108509	-	-	100	100
2016	307234	12250	12250	104,2	104,2	106510	-1999	-1999	98,2	98,2
2017	330707	35723	23473	112,1	107,6	125861	17352	19351	116,0	118,2
2018	375924	80940	45217	127,4	113,7	140947	32438	15086	129,9	112,0
2019	399610	104626	23686	135,5	106,3	144698	36189	3751	133,4	102,7
2020	429196	134212	29586	145,5	107,4	142595	34086	-2103	131,4	98,5
2021	458628	163644	29432	155,5	106,9	166092	57583	23497	153,1	116,5
2022	440914	145930	-17714	149,5	96,1	188360	79851	22268	173,6	138,7
2023	569665	274681	128751	193,1	129,2	129098	20589	-59262	119,0	68,5
2024	549101	254117	-20564	186,1	96,4	202463	93954	73365	186,6	156,8

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, соли 2020.-С. 171-184 ва соли 2025.-С. 167-180

Табиист, ки мунтазам афзоиши шумораи аҳолӣ талаботро ба маҳсулоти кишоварзӣ пайваста зиёд намуда, ин раванд аз як тараф афзунсозии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро тақозо намуда, аз тарафи дигар мавҷудияти ашёи хоми коркарди саноатишаванда маҳз ба суръати афзоиши табиии аҳолӣ вобастагӣ дорад (ниг. ба ҷадвали 2.14.).

Ҷадвали 2.14.-Шумораи аҳолии доимӣ ва суръати афзоиши он дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор, солҳои 2015-2024 *(дар охири сол; ҳазор нафар)*

Номгӯйи шаҳру ноҳияҳо	Солҳо							
	2015	**2017**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Душанбе	802,7	831,4	863,4	1185,4	1201,8	1221,1	1242,6	1267,5
Ваҳдат	317,1	330,2	342,8	353,9	359,8	366,8	375,8	384,5
Турсунзода	273,9	286,2	298,8	314,3	320,2	327,5	336,2	344,7
Ҳисор	280,6	293,9	308,1	325,0	331,4	338,5	346,8	355,4
Варзоб	74,8	78,7	82,2	87,4	89,3	90,9	93,0	95,0
Рӯдакӣ	463,1	490,6	518,2	377,8	387,2	395,1	404,8	414,4
Файзобод	94,5	98,7	103,6	109,6	111,7	113,9	116,8	119,5
Шаҳринав	111,5	117,5	123,0	119,6	121,9	124,6	127,9	131,3
Ҳамагӣ дар водӣ	**2418,2**	**2527,2**	**2640,1**	**2873**	**2923,3**	**2978,4**	**3043,9**	**3112,3**
Афзоиш бо % нисбати соли гузашта	**-**	**104,4**	**104,4**	**108,8**	**101,8**	**101,9**	**102,2**	**102,2**

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, солҳои 2015-2025, соли 2020,-С. 18 ва соли 2025,- С. 17

Маълумоти ҷадвали 2.14. далели он аст, ки афзоиши табиии аҳолӣ дар водии Ҳисор тамоюли афзоянда дошта, давоми солҳои таҳлилшаванда, ба ҳисоби миёна ҳарсола аҳолӣ 3,6% афзудааст.

Аҳолии водии Ҳисор дар соли 2024 ба 3112,3 ҳазор нафар расидааст, ки наздик ба 30%-и аҳолии кишварро ташкил дода, нисбат ба даҳ соли қабл 28,7% зиёд шудааст.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвалҳои 2.13. ва 2.14 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бо дарназардошти тамоюли рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии хусусияти коркардшаванда дошта, инчунин суръати афзоиши табиии аҳолӣ дар водии Ҳисор ҳаҷми ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати ҷойгиркунии КХМ-и коркард кофӣ мебошад. Омили дигари ҷойгирнамоии КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ иқтидори меҳнатӣ маҳсуб меёбад, зеро он яке аз омилҳои асосии рушди истеҳсолот ба ҳисоб рафта, самаранокии истифодаи он ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, рушди истеҳсолот ва рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат менамояд.

Таҳлили миқдории иқтидори меҳнатии водии Ҳисор (ҷадвали 2.14.) нишон дод, ки мунтазам афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба назар расида барои ҷойгиркунии дилхоҳ фаъолияти истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ кифояткунанда мебошад.

Ба андешаи мо барои ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ сифати иқтидори меҳнатӣ, аз ҷумла сатҳи тахассуснокӣ, таҷриба, малака, дониш, қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии захираҳои меҳнатӣ дар кишвар низ муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, тамоюли рушд ва сохтори тахассуснокии мутахассисонро аз рӯйи ихтисосҳои соҳавии муассисаҳо дар ҷумҳурӣ таҳлил менамоем.

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 2.15. мушоҳида карда мешавад, хатми мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои соҳае, ки ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ алоқамандӣ дорад, дар баробари ҳиссаи нисбатан кам доштанашон дар шумораи умумии мутахассисони соҳаҳои хоҷагии халқ, ҳамчунин коҳишёбӣ низ ба назар мерасад.

Ҷадвали 2.15.- Динамика ва таркиби соҳавии хатми мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2024

Солҳо	Саноат ва нақлиёт		Кишоварзӣ		Иқтисодиёт		Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш		Маориф		Фарҳанг ва санъат		Хадамоти амният ва кори ҳарбӣ		Ҳамагӣ	
	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%	Шумора, нафар	%
2020	5562	13,1	1823	4,3	11981	28,3	3240	7,6	18207	42,9	761	1,8	821	1,9	42395	100
2021	6759	12,6	2216	4,1	15396	28,7	3385	6,3	24183	45,1	823	1,5	865	1,6	53627	100
2022	9009	20,1	2118	4,7	5220	11,6	3246	7,2	23955	53,4	930	2,1	353	0,8	44831	100
2023	4011	9,8	1583	3,9	4992	12,2	3216	7,9	25226	61,6	811	2,0	1112	2,7	40951	100
2024	5348	11,7	1387	3,0	6195	13,5	3184	7,0	27883	61,0	763	1,7	969	2,1	45729	100

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, солҳои 2020-2024, соли 2025,-С. 18 ва соли 2025,-С.17

Масалан, новобаста аз он ки ҳамагӣ хатми мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои соҳавӣ дар соли 2024 назар ба соли 2020 - 3334 нафар ё 7,9% зиёд шудааст, аммо хатми мутахассисон дар ихтисосҳои саноат ва нақлиёт - 214 нафар (3,8%), кишоварзӣ - 436 нафар (23,9%) ва иқтисодиёт - 5786 нафар (48,3%) кам шудааст. Сабаби чунин коҳишёбӣ сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат ва маҳдуд будани ҷойҳои корӣ маҳсуб меёбад.

Аз таҳлили иқтидори меҳнатӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки миқдори иқтидори меҳнатии водии Ҳисор ҷиҳати ҷойгиркунии КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ кифояткунанда бошад ҳам, аммо ҷиҳатҳои сифатии иқтидори меҳнатӣ беҳбудиро талаб менамояд.

Ба андешаи мо беҳтаркунии сифати иқтидори меҳнатии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳҳои зерин имконпазир аст:

- ташвиқ ва тарғиби бештари ихтисосҳои ҳамгирои агросаноатӣ;
- тавсифи бештари имкониятҳои шуғл ва даромаднокии соҳа;
- такмили низоми таҳсилоти ихтисоси технолог;
- дастгирии молиявӣ ва ҳавасмандгадонӣ – бештар намудани ҷойҳои буҷавӣ, таъмини ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ ва коромӯзии пулакӣ;
- кафолати бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагон;
- ташкили низоми фармоиши мутахассисон аз ҷониби корхонаҳо;
- рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва ғайра.

Дар шароити пуррақобати иқтисодиёти бозоргонӣ иқтидори инноватсионӣ ҷиҳати саноатикунонии кишоварзӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад. Зеро истифодаи технологияи инноватсионӣ дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ хусусиятҳои хоси худро доро буда, аз як ҷиҳат бо хароҷоти нисбатан кам истеҳсол намудани маҳсулоти хӯрокворӣ бошад, аз тарафи дигар сифати маҳсулот беҳтар гардида, рақобатпазириро таъмин менамояд. Аммо ба ақидаи коршиносони илми иқтисодӣ сатҳи фаъолияти корхонаҳои инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ хеле паст боқӣ мемонад.

Дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ низ яке аз мушкилотҳои асосӣ таъмини корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо технологияи инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот нишон доданд, ки дар шароити муосири водӣ ба фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникӣ, навсозии инноватсионии иқтисодиёт, паҳншавии донишҳо ва ҷорӣ намудани инноватсия дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аҳаммияти хосса дода нашудааст. Чунки дар водӣ қисми бештари истеҳсоли маҳсулот истифода аз ашёи хоми кишоварзӣ бо технологияи муқаррарӣ ба роҳ монда шуда, ҳиссаи технологияи инноватсионӣ нисбатан кам мебошад.

Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, ҳаҷми бештари коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор бо истифода аз технологияи маъмулӣ ба роҳ монда шуда, дар соли 2024 ҳиссаи бештари бо технологияи инноватсионӣ истеҳсол намудани маҳсулоти хӯрокворӣ дар истеҳсолӣ орд 53,7%, маҳсулоти макаронӣ 53,1%, маҳсулоти шири холис, ба ҳисоби шир 49,1% ба назар мерасад. Дар истеҳсоли дигар намуди маҳсулоти хӯрокворӣ ҳиссаи технологияи инноватсионӣ аз 5,5% дар истеҳсоли консерваҳо то 41,5% дар истеҳсоли панири равғанӣ ва равғани растанӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2.16. чунин хулоса кардан мумкин аст: 1) ҷиҳати тақвияти иқтидори инноватсионии водии Ҳисор ташкил ва ҷойгир намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии

маҳсулоти кишоварзӣ бо технологияи инноватсионӣ ва таҷҳизонидани корхонаҳои фаъолияткунанда бо технологияи инноватсионӣ муҳим мебошад;

Ҷадвали 2.16.-Вазни қиёсии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавассути технологияи инноватсионӣ дар водии Ҳисор барои солҳои 2023-2024

Намуди маҳсулот	2023				2024			
	Ҳаҷми умумии маҳсулоти коркардшуда	Технологияи анъанавӣ	Технологияи инноватсионӣ	Фоизи технологияи инноватсионӣ нисбати анъанавӣ	Ҳаҷми умумии маҳсулоти коркардшуда	Технологияи анъанавӣ	Технологияи инноватсионӣ	Фоизи технологияи инноватсионӣ нисбати анъанавӣ
Гӯшт ва каллапочаи навъи 1, тонна	11952,3	10788,2	1164,1	9,7	12708,7	11248,4	1460,3	11,5
Маҳсулоти ҳасиб, тонна	2321,8	1828,2	493,6	21,3	2369	1821,3	547,7	23,1
Равғани маска, тонна	35,2	28,7	6,5	18,5	43,9	34,3	9,6	21,9
Маҳсулоти шири холис, ба ҳисоби шир, тонна	7229,4	3858,2	3371,2	46,6	7747,6	3944,2	3803,4	49,1
Панири равғанӣ, т.	55,7	34,3	21,4	38,4	185,1	108,2	76,9	41,5
Консерваҳо, ҳазор қуттии шартӣ	262,3	248,6	13,7	5,2	209,8	198,2	11,6	5,5
Орд, тонна	9752,2	4562,8	5189,4	53,2	10079,9	4671,3	5408,6	53,7
Равғани растанӣ, т.	642,1	441,2	200,9	31,3	751,1	439,3	311,8	41,5
Маҳсулоти макаронӣ, тонна	5224,6	2486,7	2737,9	52,4	5628,1	2641,3	2986,8	53,1
Арақ, декалитр	38445,2	29563,1	8882,1	23,1	41772,6	29645,1	12127,5	29,0
Мусалласи ангурӣ, декалитр	1612,9	1514,2	98,7	6,1	543,6	501,2	42,4	7,8
Оби ҷав, декалитр	38147,4	34358,1	3789,3	9,9	37290,5	33241,6	4048,9	10,9

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, соли 2025.-С. 30-37. Маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

2) барои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва ҷалби бештари сармоязузориҳои хориҷӣ муҳим мебошад; 3) дар ин самт яке аз омилҳои муҳим устувории иқтидори молиявӣ дониста мешавад. Рушди иқтисодиёти водӣ пеш аз ҳама аз иқтидори молиявӣ вобаста буда, барои омилҳои ғайрииқтисодӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Олими ватанӣ Д.Н. Дадоматов чунин ибрози назар намудааст: «Соҳаи саноат дар солҳои гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ давраи мушкили пастравиро бо сабабҳои зерин аз сар гузаронд: «сармоягузории

асосие, ки барои рушди саноат дар шароити ҷумҳуриҳои ИҶШС қарордошта зарур буданд, аз буҷети иттифоқ ҷудо карда мешуданд. Воситаҳои мазкур дар шароити муосир умуман мавҷуд нестанд» [185, с. 107].

Ба ақидаи олими болозикр такя намуда, қайд менамоем, ки дар низоми хароҷоти буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ хароҷоти маблағгузорӣ барои рушди фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ тамоман вуҷуд надорад. Ба андешаи мо дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ давлат ин гуна уҳдадории молиявӣ низ надорад. Маблағгузории мавҷуда танҳо барои додани музди меҳнати кормандони давлатии соҳаи кишоварзӣ ва саноат равона мешавад.

Аз ин лиҳоз, қайд намоем, ки самаранокии истифодаи захираҳои ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун заминаи устувор дар баландбардории иқтидори молиявӣ маҳсуб меёбад.

Ҷадвали 2.17.-Динамикаи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт дар солҳои 2020-2024, млн сомонӣ

Соҳаҳои иқтисодиёт	Солҳо					Суръати афзоиш 2023 \2018 %
	2020	2021	2022	2023	2024	
Кишоварзӣ	764,4	215	2434	2734,4	3127,3	4 баробар
Саноат	2997	142,8	1478,5	2678,7	3045,3	101,6
Сохтмон	1313,9	118	527	726	966,7	73,6
Нақлиёт	227,2	3,4	244,8	130,6	140,5	61,8
Хӯроки ҷамъиятӣ	35	3	31,1	24,6	46,3	132,3
Хизматрасонӣ	343,6	201	1463,9	1350,7	1700,5	5 баробар
Савдои хориҷӣ	1373	158,1	2015,8	2224,6	3591,9	2,6 баробар
Миёнаравии молиявӣ	3,8	0	8	15,4	22,4	5,8 баробар
Истеъмолот	1686,2	601	5603	8189,5	11565,5	6,8 баробар
Дигар	159,6	120,7	576	916,6	351,4	2,2 баробар
Ҳамагӣ	***8903,7***	***1563***	***14382,1***	***18991,1***	***24557,8***	2,7 баробар

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф. Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2020, №12 (305), 2021, №12 (316), 2022, №12 (329), 2023, № 12 (341), ва 2024, № 12 (353) саҳифаҳои 39-42

Дар шароити муосири Тоҷикистон бисёр иқтисоддонҳо омили рушди СХМ-ро дар истифодабарии самараноки захираҳои қарзӣ медонанд. Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки давоми солҳои 2020-2024 тамоюли рушди қарзҳои додашуда ба соҳаҳои хоҷагии халқ ба назар мерасад.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2. 17. чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ, дар маҷмуъ тамоюли зиёдшавиро дошта, дар соли 2024 ба 24557,8 млн сомонӣ расида, нисбати соли 2020 2,7 баробар зиёд аст. Давоми солҳои таҳлилшаванда қарзҳои додашуда ба соҳаи кишоварзӣ зиёда аз чор баробар ва соҳаи саноат 1,6% зиёд шуда, бештари қарзҳое, ки ба соҳаҳои иқтисодиёт дода шудааст, барои қонеъгардонии талаботи шахсии аҳолӣ истифода шуда, маҳз зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба қарзҳои истеъмолотӣ ба назар мерасад.

Ҳамчунин, бояд иброз намуд, ки дар истифодабарии захираҳои қарзии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор таносуби зиёд ба назар мерасад. Бештари қарзҳои додашуда ба шаҳри Душанбе рост меояд.

Ҷадвали 2.18.-Динамикаи қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор, дар солҳои 2020-2024, *ҳазор сомонӣ*

Шаҳру ноҳияҳо	**Солҳо**				
	2020.	**2021.**	**2022.**	**2023.**	**2024.**
Файзобод	4 718	5 610,9	7 926,7	10 107,4	13 846,4
Варзоб	1 686	7 145,2	7 522,6	10 345,7	13 450,0
Рӯдакӣ	43 093	49 873,5	48 620,2	60 993,4	78 581,9
Ваҳдат	22 560	35 121,1	38 609,8	46 397,5	69 796,0
Ҳисор	33 397	44 438,0	52 400,2	51 175,6	84 030,4
Шаҳринав	9 045	10 342,4	18 601,8	17 007,6	33 412,1
Турсунзода	32 427	36 478,6	46 429,6	34 607,9	59 706,6
Душанбе	887 733	584 963,1	461 173,1	853 278,4	937 788,2
Ҳамагӣ дар водӣ	**1 034 659**	**773 972,8**	**681 284,0**	**1 083 913,5**	**1 290 611,6**
Қарзҳои хурд					
Файзобод	37 528	68 626,4	70 436,4	104 418,8	136 210,3
Варзоб	40 812	57 193,1	74 187,2	106 591,9	137 512,2
Рӯдакӣ	214 986	330 445,8	407 882,9	516 106,3	697 786,7
Ваҳдат	181 497	254 715,2	331 916,0	446 006,7	599 451,7
Ҳисор	220 702	327 973,5	396 983,6	518 053,2	683 357,5
Шаҳринав	64 666	89 657,2	98 989,2	129 326,5	172 241,5
Турсунзода	193 068	270 366,8	342 164,4	430 712,5	506 513,1
Душанбе	1 446 854	2 135 157,0	2 344 104,9	2 951 799,7	4 155 483,7
Ҳамагӣ дар водӣ	**2 400 113**	**3 534 135,0**	**4 066 664,6**	**5 203 015,6**	**7 088 556,7**

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф. Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2020, №12 (305), 2021, №12 (316), 2022, №12 (329), 2023, № 12 (341), ва 2024, № 12 (353) саҳифаҳои 45-57

Аз маълумоти ҷадвали 2.18. бармеояд, ки ҳамагӣ қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор дар соли 2024 ба 8 379 168,3 ҳазор сомониро ташкил дода нисбат ба соли 2020 4 944 396,0 ҳазор сомонӣ ё 2,4 баробар зиёд аст. Давоми солҳои таҳлилшаванда зиёда аз

60-65%-и қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ дар водии Ҳисор ба шаҳри Душанбе рост меояд.

Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 2.17. ва 2.18. чунин хулоса баровардан зарур аст, ки аксаран қарзҳои низоми бонкӣ ба қарзҳои истеъмолотӣ ва шаҳру ноҳияҳои нисбатан рушдёфта пешниҳод карда мешавад. Ин омил иқтидори молиявии дигар соҳаҳои иқтисодиёт, махсусан соҳаҳои агросаноатӣ ва шаҳру ноҳияҳои нисбатан сусттараққикардаро маҳдуд менамояд. Сабаби асосии чунин ҳолат меъёри баланди фоизи қарз, талаботи қатъӣ оид ба гарав, хавфнокии нисбатан баланди баъзе соҳаҳои иқтисодиёт, давраи тулонии гардиши сармоя, ноустувории молиявии корхонаҳо, расмиёти мураккаби гирифтани қарз ва мувофиқат накардани шартҳои қарз бо хусусиятҳои истеҳсолоти агросаноатӣ маҳсуб меёбад.

Хулоса, иқтидори молиявии водии Ҳисор ҷиҳати ҷойгикунии КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ механизмҳои самаранок истифодабарии манбаъҳои маблағгузориро талаб менамояд.

Ба андешаи мо, солҳои охир дар асоси барномаҳои давлатӣ оид ба рушди боғҳои интенсивӣ, сабзавотпарварӣ ва картошкапарварӣ, соҳаи парандапарварӣ зарурияти бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ба амал омадааст ва ин ҷалби сармояи иловагиро талаб мекунад. Дар натиҷа, фарқият байни маблағгузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор бояд наздик карда шавад.

Омили дигар ва муҳимми ҷойгиркунии КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ иқтидори сармоягузории водӣ барои ташаккул, ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузорони эҳтимолӣ бо мақсади афзоиши истеҳсолот, навсозии хатҳои технологӣ ва ба ин васила баландбардории сифати маҳсулот ба ҳисоб меравад.

Аммо, таҳқиқот нишон дод, ки давоми солҳои 2022-2024 ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳо ба миёнаравии молиявӣ (солҳои таҳлилшаванда мутаносибан зиёда аз 50-80%) ба лоиҳаҳои бузурги истихроҷи маъдан,

сохтмон, роҳу нақлиёт, энергетика ва дигар соҳаҳо ба назар мерасад. Новобаста аз он ки давоми се соли охир тамоюли назарраси рушди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаи агросаноатӣ мушоҳида шавад ҳам, аммо аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳо танҳо зиёда аз 2-7%-и он ба саноати коркард ва наздик ба 1%-и он ба соҳаи кишоварзӣ равона шудааст, ки хело кам мебошад.

Ҷадвали 2.19.-Сармоягузориҳо аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳо дар солҳои 2022-2024 *(млн доллари ИМА)*

Номгӯйи бахши иқтисодиёт	Сармоягузориҳои мустақим			Сармоягузориҳои портфелӣ			Сармоягузориҳои дигар			Ҳамагӣ		
	2022	2023	2024	2022	2023	2024	2022	2023	2024	2022	2023	2024
Саноати коркард	104,4	50	161,5	0	0	0	95,3	3,7	47,2	199,6	53,7	208,7
Саноати истихрочи маъдан	353,7	125,5	211,6	0	0	0	303,5	187,1	256,1	657,1	312,6	467,7
Сохтмон	47,6	28,1	7,1	0	0		134,7	43,7	29,1	182,2	71,8	36,2
Нақлиёт	16	1	0,2	0	0	0	21,4	34,4	24,2	37,4	35,4	24,4
Кишоварзӣ	0,4	21,5	1,9	0	0	0	0	0,7	5,1	0,4	22,2	7,0
Савдои яклухт ва чакана	47,1	23,2	39,7	0	0	0	47,9	16,2	9,3	95	39,4	49,0
Миёнаравии молиявӣ	45,6	30,2	31,6	0,2	0,1	0,8	1312,4	2190,3	4158,5	1358,1	2220,6	4190,9
Дигар бахшҳо	3,6	4,6	5,5	0	0	0	42,6	23,6	84,4	47	28,2	89,9
Ҳамагӣ	618,4	284,1	459,1	0,2	0,1	0,8	1958,2	2499,7	4613,9	2576,8	2783,9	5073,8

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024,-С. 243

Тавре аз маълумоти омории ҷадвали 2.19. бармеояд, дар сармоягузориҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт нобаробарии зиёд ба назар мерасад. Ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба корхонаҳои саноати коркарди кишвар дар соли 2024 ба 161,5 млн. доллари ИМА баробар аст, ки нисбат ба соли 2022 57,1 млн доллари ИМА ё 54,7% зиёд шуда, аммо дигар намуди сармоягузориҳо 48,1 млн доллари ИМА ё 50,5% ба ин соҳа кам шудааст.

Хулоса, тадқиқотҳои гузаронидаи мо дар ин самт нишон дод, ки ба бахши саноати коркард миқдори муайяни сармоягузориҳои хориҷӣ ҷалб гардида бошад ҳам, аммо қисми бештари он ба корхонаҳои коркарди ғайри маҳсулоти кишоварзӣ тааллуқ дорад.

Ҷадвали 2.20.-Феҳристи сармоягузориҳо ба корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2015-2024

№	Номи лоиҳа	Мақсади лоиҳа	Маблағи умумии лоиҳа	Агентиҳои иҷроия ва амаликунандаи лоиҳа	Давраи амалисозии лоиҳа	Минтақаҳои амалисозии лоиҳа
1.	Лоиҳаи USAID оид ба кишоварзӣ ва обёрӣ дар доираи ташаббуси «Озуқаворӣ ба хотири оянда»	Баландбардории арзиши истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади ҳали норасоии ғизо	16554815,0 доллари ИМА	Корпоратсияи «Кемоникс Интернейшнл Инк»	Аз 1 10.2015 То 31.03.2020	Сатҳи ҷумҳуриявӣ
2.	Омӯзиши касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ –Мусоидат ба низоми усулҳо дар соҳаи коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ.	Заминаҳои меъёрӣ ва институтсионалӣ барои таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар соҳаи коркарди хурокворӣ.	600 000,0 Евро	Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ)	Аз 1.03.2019 То 28.02.2022	Сатҳи ҷумҳуриявӣ
3.	«Омӯзиши касбӣ барои бахшҳои рушди иқтисод дар Осиёи Марказӣ»	Омодакунии мутахассисон ва менеҷерон барои бахшҳои рушди иқтисодии минтақа (коркард, таъминот ва логистикаи маводи хурокворӣ)	1 000 000 Евро	Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ)	Аз 1.06.2021 То 31.05.2024	Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд
4.	Рақобатпазирӣ, савдо ва таъсиси ҷойҳои корӣ	Дастгирии барномаҳои истеҳсоли меваю сабзавот ва сайёҳӣ, ки дар баланд бардоштани сифати маҳсулот барои савдо ва таъсиси ҷойҳои корӣ саҳм мегузоранд	2 500 000 доллари ИМА	Маблағи грантии лоиҳаи USAID ҶДММ «Ди Эй Ай Глобал» дар Тоҷикистон	Аз 1.10.2016 То 30.09.2021	Сатҳи ҷумҳуриявӣ
5.	Рушди фарогири деҳот дар Тоҷикистон	Таҳкими устувории иқтисодии корхонаҳои хурд ва миёна, аз ҷумла фермерҳои хурд, соҳибкорони ҷавон ва занон дар Тоҷикистон	34,5 млн. Евро	Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ)	Аз 1.01.2022 То 31.12.2024	

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, https//investcom.tj/490-feristi-loiaoi-sarmojaguzorii-davlat.html, санаи мурочиат 01.08.2025

Бо дарназардошти дорои захираҳои фаровон ва имконоти мавҷуда саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳим ва ҷолиби кишвар барои сармоягузорон арзёбӣ мегардад. Дар ин соҳа иқтидори

бузурги содиротию ивазкунандаи воридот мавҷуд буда, ҷалби сармояи хориҷӣ ба он бо назардошти талаботи афзоянда ба озуқаворӣ манфиатовар маҳсуб меёбад. Лекин, дар даҳсолаи охир сармоягузориҳо ба ин бахши муҳимми иқтисодиёт назар ба дигар соҳаҳо кам мебошад. Масалан, мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давоми солҳои 2015-2024 ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ чунин сармоягузориҳо равона ва амалӣ карда шудаанд (ниг. ба ҷадвали 2.20).

Аз маълумоти ҷадвали 2.20. ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Бештари сармоягузориҳои ба соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҷалбкардашуда ба омӯзиши касбӣ ва такмили ихтисос дар соҳаи коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, омодакунии менеҷерон, дастгирии барномаҳои истеҳсоли меваю сабзавот, таҳкими устувории иқтисодии корхонаҳои хурд ва миёна, аз ҷумла фермерҳои хурд, соҳибкорони ҷавон ва занон ба назар расида, лекин махсус барои бунёди корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ҷалби сармояи хориҷӣ ба назар намерасад;

2. Сармоягузориҳо ба соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои саноати кишвар ва дар умум, соҳаҳои хоҷагии халқ хеле кам мебошад. Сабаби асосии чунин ҳолат ин таваҷҷуҳи бештари Ҳукумати кишвар ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо, махсусан соҳаи энергетика, коммуникатсия, соҳаҳои иҷтимоӣ, ба монанди маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

Хулоса, соҳаи мазкурро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо иқтидору имкониятҳои соҳа, бахшҳои афзалиятнок, кафолату имтиёзҳо, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаву болаззати кишоварзӣ ва шароитҳои мусоидро дар самти таъсиси корхонаҳои нав бо роҳи таъсиси интернет-сайтҳо, иштирок дар форумҳои сармоягузории минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҷонноккунии таблиғоту маркетинг ва

бароҳмонии ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуда, ин соҳаро барои сармоягузорон ҷолиб намоянд.

Инак, ба ақидаи мо корхонаҳои саноати коркард, бахусус саноати хӯрокворирo дар водӣ зарур аст, ки бо мақсади ҷалби бештари сармоягузориҳо чораҳои зеринро роҳандозӣ намоянд:

- ✓ баландбардории сатҳи маълумот ва омодагии кормандони соҳа бо мақсади таъмини дастрасии мутахассисони тахассуснок барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- ✓ пешбурди фаъолонаи маркетинг ва таблиғот ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ дар бозори ҷаҳонӣ;
- ✓ амалисозии ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории байналмилалӣ, ки метавонанд диққати ниҳодҳо ва созмонҳои байналхалқии молиявиро ҷалб намоянд;
- ✓ муаррифии бештари маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзию саноатӣ дар намоишҳои байналмилалӣ.

Иқтидори инфрасохториро мо ба ду гурӯҳ ҷудо намудем ин: инфрасохтори роҳу нақлиёт ва Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ). Инфрасохтори роҳу нақлиёт, яъне сохтану таҷдиди роҳҳои автомобилгард, оҳан, пулҳо нақбҳо, фурудгоҳҳо ва ғайра ба ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар ва хориҷи мамлакат мусоидат менамояд. МОИ бештар дорои имтиёзҳои андозиву гумрукӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, иқтидори инфрасохторӣ хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дошта, омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Умуман, қайд кардан ба маврид аст, ки барои саноатикунонии кишоварзӣ дар минтақаҳо ба сатҳи шабакаи роҳҳо, сохтмони роҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мувофиқи сандартҳои имрӯза, инчунин нигоҳ доштани роҳҳои мавҷуда ва дигар инфрасохтори вобаста ба роҳҳо диққати махсус додан лозим аст. Чунки рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт метавонад ба раванди идоракунӣ ва самаранокии

таъминот, интиқол ва нигоҳдории ашёи хому маҳсулоти тайёр мусоидат намуда, харроҷотро оптимизасия ва бо ин роҳ раванди истеҳсолотро тезонад.

Маврид ба зикр аст, ки «дар тули 30 соли охир дар соҳаи нақлиёт ба маблағи зиёда аз 1,8 миллиард доллари ИМА 53 лоиҳаи гуногунҷабҳаи сармоягузории давлатӣ, аз ҷумла сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, бунёди иншооти онҳо ва лоиҳаҳои таҳкимбахшии иқтидорҳои техникии соҳа амалӣ гардида, дар доираи лоиҳаҳои болозикр сохтмон, таҷдид ва таъмири 2558 км роҳ, 237 пул, 2 чорроҳаи сесатҳа ва 2 дусатҳа, 5 нақби мошингузар, 3,4км долонҳои зиддитармавӣ, инчунин, 220 км роҳи оҳан бо 5 пул ва 3 нақб бунёду таҷдид ва 679 техника ва таҷҳизоти роҳнигоҳдорӣ харида шуданд» [39]. Аз ин ҷо бармеояд, ки иқтидори инфрасохторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад. Танҳо мушкилот дар ин самт байни роҳҳои маҳаллӣ ва қисман байниноҳиявӣ боқӣ мондааст.

Ҷиҳати расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дар ин замина рушди иқтисодиёти миллӣ дар кишвар чаҳор МОИ таъсис дода шудааст: Ишкошим, Данғара, Панҷ ва Суғд.

МОИ дар ҳудуди Тоҷикистон ва дар иқтисодиёт роҳандозии ихтироот, таҳия ва татбиқи илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи баъдӣ дар дигар субъекти хоҷагидории ҷумҳуриявӣ: тавсеаи истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ҳалли дигар мушкилотҳои иқтисодиву иҷтимоӣ такшкил шудаанд. Дар МОИ имтиёзҳои гумрукиву андозӣ, нархи пасти иҷораи замин, мамнуъият ва маҳдудиятҳои дорои характери иқтисодидошта ва намудҳои афзалиятноки фаъолият муайян карда шудаанд. Яке аз самтҳои афзалиятнок дар МОИ ин коркарди маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ мебошад.

Инак, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки иқтидори инфрасохторӣ низ барои такмили корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар қисми бештари минтақаҳои ҷумҳурӣ муҳайё мебошад.

Хулосаи зербоби 2.3.

1. Таҳлили маҷмуи иқтидорҳо нишон дод, ки вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, дараҷаи рушд, ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзию саноатӣ, самаранокии истифодабарии заминҳои кишт, захираҳои меҳнатӣ ва дараҷаи тахассуснокӣ, иқтидори инфрасохторӣ ва молиявию сармоягузории шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор нобаробар ташаккул ёфтааст. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор дар асоси иқтидори захиравӣ, инноватсионӣ, меҳнатӣ, инфрасохторӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба рушди соҳаи кишоварзию саноат ва дар умум ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд;

2. Таҳлили маълумоти омории давраи таҳқиқ нишон дод, ки ҳамаи шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор дорои иқтидори зиёди ашёи хоми кишоварзӣ ва захираҳои меҳнатӣ ҳастанд. Аммо, иқтидорҳои инноватсионӣ, инфрасохторӣ ва бахусус молиявию сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор нобаробар рушд намудааст, ки монеаи асосии рушди иқтисодиёти агросаноатӣ ба ҳисоб меравад.

3. Рушди инновасионии истеҳсолот дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз дастрасӣ ба захираҳои молиявию қарзӣ ва афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ вобастагии зиёд дорад. Аммо таҳлилҳо нишон доданд, ки маблағгузорӣ ва сармоягузории ин бахши иқтисодиёт дар сатҳи паст қарор дорад.

Инак, гуфтан ба маврид аст, ки имрӯзҳо муаммоҳое ҷой доранд, ки сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ҷиҳати маблағгузорӣ ҳавасманд нестанд, ки боиси суст рушд кардани ин бахши муҳимми ёрирасони иқтисодиёт гаштааст.

БОБИ III. РОҲҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНАИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

3.1. Рушди муносибатҳои ҳамгироӣ-шакли такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Рушди иқтисодиёти КАС дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бо истифодаи моделҳои иттиҳодияҳои кишоварзӣ ва якҷояшавии соҳаи аграрӣ бо соҳаи саноат вобаста буд. Дар давраи муосир бошад ташкили муносибатҳои ҳамгироӣ байни истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ барои самаранокии соҳаи агросаноатӣ шароит фароҳам оварда, устуворсозии мавқеи рақобатнокии иттиҳодияҳоро дар бозор таъмин менамояд ва ба ҳайси яке аз самтҳои таъмини эквивалентнокии муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳо баромад карда, рушди устувор ва муназзами соҳаҳо, ҳаллу фасли вазифаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дар умум барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

Дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ тағйироти куллӣ ба миён омад. Ин соҳа дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар давраи вазнини таназзулро аз сар гузаронид, ки сабаби асосӣ сатҳи пасти дастгирии буҷет, аз кишвар рафтани мутахассисони баландихтисос, канда шудани алоқаҳои ҳамгироӣ байни зерсоҳаҳо, сатҳи нисбатан пасти инфрасохтор ва ислоҳоти сохтории аграрӣ буда, боиси пастшавии маҳсулнокии меҳнат дар соҳа гардид. Омилҳои болозикр сабаби костагии муносибатҳои ҳамгироӣ байни зерсоҳаҳои КАС гардида, махсусан соҳаи кишоварзӣ, ки бо саноати коркард аз ҷиҳати ташкилӣ-технологӣ алоқамандии зич дошт ва кишоварзӣ ҳамчун таъмингари ашёи хом ва саноат бошад, ҳамчун истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот, амалисозандаи таъминоти соҳаи кишоварзӣ бо воситаҳои техникӣ, коркардкунандаи маҳсулоти ниҳоии қишоварзӣ буд, аз даст дод.

Ҳамчунин, дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар сохтори корхонаҳои соҳаҳои аграриву саноат ислоҳоти бузург ба амал

омад, ки он боис гардид ба ҷойи корхона ва колхозу совхозҳо шумораи зиёди шахсони ҳуқуқӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, соҳибкорони инфиродии тибқи патенту шаҳодатнома ва бо шартҳои махсус фаъолияткунанда, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба миён омада, муносибатҳои ҳамгироиро байни соҳаҳои аграрию саноат идоранашаванда намуданд.

Дар тадқиқоти солҳои охир олимони ватаниву хориҷӣ бештар қайд менамоянд, ки шаклҳои хурди хоҷагиҳои кишоварзӣ самаранокии баланди фаъолиятро таъмин карда наметавонанд. Онҳо иброз медоранд, ки иқтидори истеҳсолии хоҷагиҳои хурду миёнаи кишоварзӣ ҳангоми фаъолияти якҷоя ба пуррагӣ истифода гардида дараҷаи даромаднокии онҳоро баланд мебардорад, аз ин лиҳоз муттаҳиднамоӣ омили асосии ҳалли мушкилоти соҳа ба ҳисоб меравад.

Мо қисман ба ақидаи онҳо розӣ буда, аммо ҳаминро бояд иброз дошт, ки дар Тоҷикистон зиёда аз 30-35 соли охир деҳқонон дар истифодабарии замин, кишт, гирифтани ҳосил, фурӯши маҳсулот ва ба даст овардани даромаду фоидаи соф «худ хуҷаини худ» буда, ба фаъолияти мустақилона одат кардаанд. Аз ин лиҳоз, якҷоякунии хоҷагиҳои хурди агросаноатӣ аз ҳар ҷиҳат мушкил мебошад.

Ба ақидаи мо, дар шароити ҳозира омили муҳимтарини якҷоякунанда ва муттаҳидкунандаи хоҷагиҳои хурд ба низоми ягонаи умумият-дошта ба натиҷаи фаъолият, яъне ба маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо бо ташкили ҷойҳои нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ ва фурӯши фирмавӣ мебошад, ки бештар характери ҳавасмандӣ дошта, гирифтани фоидаи бештарро таъмин менамояд.

Маълумоти омори расмии солҳои охир нишон медиҳад, ки дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ бештар ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои хурди аҳолӣ рост меояд. Давоми солҳои таҳлилшаванда зиёда аз 60-90%-и

истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост омада, дар истеҳсоли гӯшт бошад, каме мавқеи корхонаҳои кишоварзӣ назаррасанд.

Ҷадвали 3.1.-Ҳиссаи категорияҳои хоҷагидорӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисор, солҳои 2022-2024 *(%)*

Номгӯйи маҳсулот	Солҳо	Корхонаҳои кишоварзӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо
Гӯшт	2022	31,8	4,2	64,0	100,0
	2023	33,4	3,8	62,8	100,0
	2024	25,8	7,0	67,2	100,0
Шир	2022	5,9	3,3	90,8	100,0
	2023	5,1	3,6	91,3	100,0
	2024	4,7	4,0	91,3	100,0
Картошка	2022	7,7	55,0	37,3	100,0
	2023	10,8	41,8	47,4	100,0
	2024	11,4	55,0	33,6	100,0
Сабзавот	2022	3,1	63,8	33,1	100,0
	2023	3,6	65,5	30,9	100,0
	2024	7,5	54,2	38,3	100,0
Полизӣ	2022	9,5	77,9	12,6	100,0
	2023	6,0	83,5	10,5	100,0
	2024	10,8	73,4	15,8	100,0
Мева ва буттамева	2022	6,6	50,3	43,1	100,0
	2023	4,6	54,1	41,3	100,0
	2024	5,7	61,6	32,7	100,0
Ангур	2022	8,3	71,7	20,0	100,0
	2023	7,1	50,4	42,5	100,0
	2024	9,9	70,6	19,5	100,0

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025,-С.161-180 ва С. 282-286*

Аз маълумоти ҷадвали 3.1. ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки давоми солҳои таҳлилшаванда дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти соҳаи чорводорӣ аз 4,7% то 31,8% дар корхонаҳои кишоварзӣ, аз 3,3% то 7,0%, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва аз 62,8% то 91,3%, дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсол шудаанд. Дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ бошад, ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ аз 3,1% то 11,4%, ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз 41,8 то 83,5% ва ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ аз 10,5% то 47,4% ба назар мерасад.

Маълум гардид, ки дар водӣ қисми бештари маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва қисми бештари маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагиҳои аҳолӣ

истеҳсол мешавад. Аммо дар механизмҳои иқтисодӣ-ташкилии афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ иқтидори хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нисбат ба корхонаҳои кишоварзӣ маҳдуд мебошад.

Амалия нишон медиҳад, ки деҳқонон дар бештар ҳолатҳо маҳсулоти худро бо нархи нисбатан паст ба воситаи миёнаравҳо ба фурӯш мебароранд. Корхонаҳои хурди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бошад талаботи худро бо ашёи хом аз бозор харидорӣ намуда, қонеъ менамоянд, ки ин сатҳи нокифояи муносибатҳои ҳамгироии корхонаҳои истеҳсол ва коркардкунандаи саноатии маҳсулоти кишоварзиро нишон медиҳад.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ ҳавасмандии молиявии истеҳсолкунандагон маҳсуб меёбад. Ҳавасмандии молиявӣ танҳо дар гирифтани фоидаи бештар ба амал меояд.

Бинобар ин, ташкили моделҳои амалии гуногунварианти кооператсияро дар тамоми занҷираи таъсиси арзиши иловашуда, яъне бо дарбаргирии соҳаҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ ва ташкили фурӯши фирмавӣ, ки ба фурӯхтани маҳсулоти истеъмолии ниҳоӣ машғул мебошанд, тақозо менамояд.

Иқтисодшинос Ф.И. Гусаков чунин изҳор намудааст: «Муҳим аст, ки дигаргуниҳои ба комплекси аграрӣ равонашуда бо назардошти зарурати дарёфти якҷояшавии оқилонаи манфиатҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои ҳамаи соҳаҳо амалӣ карда шаванд. Чунин масъалагузории фаъолияти КАС имконият медиҳад, ки мақсаднокии истифодаи муносибати якҷояшавӣ, ки дар он шароит ва сатҳи рушди зернизомҳои гуногун бо ҳам алоқаманд ва вобастаи якдигар баррасӣ мегарданд, муайян карда шавад» [124, С. 9–12].

Истифодаи модели якҷояшавӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ бо механизми «истеҳсол-коркард-фурӯш» имконият медиҳад, ки самаранокии корхонаҳои КАС баланд гардида, рақобатпазирии корхонаҳои соҳа таъмин карда шавад (расми 3.1.).

Расми 3.1.-Раванди якҷояшавии корхонаҳои КАС

Манбаъ: Таҳияи муаллиф

Дар ин самт асоси стратегияи таҳияшавандаро таҳкими робитаҳои устувори корхонаҳои истеҳсол ва коркарди саноатӣ, таъмини дастрасии осон ва васеъ ба захираҳо, аз ҷумла ашёи хоми кишоварзӣ, интихоби самтҳои афзалиятноки коркарди саноатӣ, муайян намудани истеҳсолоти оммавӣ, пеш аз ҳама кадом соҳаҳои фаъолиятро маблағгузорӣ намудан, ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, барои рушди муносибатҳои ҳамгироӣ дар водии Ҳисор ба инобат гирифтани мавҷудияти ашёи хом ва вобаста ба он ҷойгиркунии фаъолияти корхонаҳои коркардкунанда муҳим мебошад. Бинобар ин, таносуби минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла водии Ҳисор дар истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва фаъолияти корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Аз маълумоти ҷадвали 3.2. бармеояд, ки НТҶ новобаста аз масоҳати киштзорҳои кишоварзӣ (24,5% дар соли 2023) дар истеҳсолӣ маҳсулоти асосии кишоварзӣ мавқеи муайян дошта, хусусан истеҳсоли гӯшт тайи ду соли охир, мутаносибан 17,4-16,6%, шир-20,8-20,6%, картошка-25,4-35%, сабзавот-15,9-18,4%, полизӣ- 2,0-2,4%, мева ва буттамева-24,9-21,4%,

ангур-38,5-24,4% ба ин минтақа рост меояд. Ҳамчунин, маълумоти ҷадвали болозикр гувоҳи он аст, ки қисми бештари маҳсулоти асосии кишоварзии дар НТҶ истеҳсолшуда ба водии Ҳисор рост меояд.

Ҷадвали 3.2.-Таносуби минтақаҳо дар истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар солҳои 2023-2024 *(бо %)*

Маҳсулот, Сол / Минтақа	Гӯшт		Шир		Картошка		Сабзавот		Полизӣ		Мева ва буттамева		Ангур	
	2023	*2024*	*2023*	*2024*	*2023*	*2024*	*2023*	*2024*	*2023*	*2024*	*2023*	*2024*	*2023*	*2024*
ВМКБ	2,7	2,4	1,8	1,7	2,1	8	0,4	0,4	0,0	0,0	4,3	3,5	0,0	0,0
Суғд	22,3	21,6	26,5	26,2	51,4	38	22,4	21,4	17,6	22,0	24,3	33,5	19,8	26,9
Хатлон	57,7	59,5	51,0	51,4	20,5	19	60,6	59,1	80,3	75,7	46,4	41,6	41,7	48,6
НТҶ аз ҷумла:	17,4	16,6	20,8	20,6	25,4	35	15,9	18,4	2,0	2,4	24,9	21,4	38,5	24,4
Водии Ҳисор	76,6	77,2	72,0	71,7	26,6	25	94,2	94,7	99,8	99,8	56,7	58,2	100	100
Дигар НТҶ	23,4	22,8	28,0	28,3	73,4	75	5,8	5,3	0,2	0,2	43,3	41,8	0,0	0,0

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2025,-С.162-180 ва С. 282-28*

Сабаби асосии он зиёд будани заминҳои киштзорҳои кишоварзӣ, ҳосилхез будани заминҳо, самаранок истифодабарии замин, гирифтани ду ва зиёда ҳосил аз як замин, риояи агротехникаи парвариши зироатҳо, ташкили гармхонаҳо, имкониятҳои васеъ барои зиёдкунии маҳсулнокии чорво, истифодаи технологияи инноватсионӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.2. чунин хулоса кардан мумкин аст, ки водии Ҳисор дар истеҳсол ва қонеъгардонии талаботи истеъмолии аҳолӣ ба маҳсулоти асосии кишоварзӣ нақши назаррас дошта, ҳатто баъзе намудҳои маҳсулотро аз талаботи истеъмолии аҳолии водӣ барзиёд истеҳсол менамояд. Бар замми ин талаботи аҳолии водии Ҳисор, хусусан аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти коркарди саноатишуда, ба монанди консерваҳо, меваи хушк, маҳсулоти шириву гӯштӣ, равғани растанӣ, картошкаи бирён, орд ва дигар маҳсулоти истеъмоли халқ бениҳоят зиёд шуда истодааст; 3) Бо мақсади қонеъгардонии аҳолии водӣ бо маҳсулоти коркарди саноатишудаи кишоварзӣ зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти болозикр зарур мебошад, ки ин танҳо бо роҳи шакли такмилёфтаи фаъолияти якҷояи корхонаҳои кишоварзиву саноат имконпазир аст. Агар мавҷудияти ашёи хоми кишоварзӣ ҷиҳати рушди муносибатҳои ҳамгироии саноату кишоварзӣ омили муҳим

бошад, аз тарафи дигар фаъолияти корхонаҳои коркард низ омили аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Амалия нишон медиҳад, ки ҳоло ҳам талаботи аҳолии водии Ҳисор ба маҳсулоти асосии озуқаворӣ бо роҳи воридоти он аз дигар минтақаҳои кишвар ва хориҷа таъмин карда мешавад. Ин гувоҳи он аст, ки новобаста аз мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ ва дигар иқтидорҳои истеҳсолӣ сатҳи таъминоти аҳолии водӣ ба маҳсулоти коркарди саноатишудаи кишоварзӣ нокифоя аст, ки ин ба шумора ва миқёси фаъолияти корхонаҳои бахши мазкур вобастагӣ дорад.

Ҷадвали 3.3.-Шумораи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи андоза дар водии Ҳисор, солҳои 2021-2023 ***(адад)***

Намуди маҳсулот	Корхонаҳои хурд			Корхонаҳои миёна			Корхонаҳои калон		
	2021	2022	2023	2021	2022	2023	2021	2022	2023
Маҳсулоти гӯштӣ	26	33	39	2	2	2	1	1	2
Маҳсулоти ширӣ	19	21	27	3	3	3	3	3	3
Коркард ва консерва-кунонии меваҷоту сабзавот ва гӯшт	11	9	8	1	1	1	-	-	-
Истеҳсоли орд	10	13	15	-	-	-	-	-	-
Равғани растанӣ	15	21	22	1	1	1	-	-	-
Картошкаи бирён	2	2	3	-	1		-	1	1
Коркарди биринҷ	3	2	3	-	-	-	-	-	-
Донаи офтобпараст	2	2	2	-	1	1	-	-	-
Маҳсулоти спиртӣ	12	11	13	8	7	8	-	1	1
Дигар маҳсулоти хӯрокворӣ	12	15	19	2	1	1	-	1	1
Коркарди пахта	8	8	9	-	-	1	1	1	1
Коркарди пӯст	4	3	4	1	1	1	2	2	2
Ҳамагӣ	**124**	**140**	**164**	**18**	**17**	**19**	**7**	**10**	**11**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.3. гувоҳи онанд, ки гарчанде дар умум шумораи ҳамаи категорияҳои корхонаҳо майли афзоишро дошта бошад ҳам, аммо шумораи корхонаҳои миёна ва калон дар водии Ҳисор хеле кам ба назар мерасад. Давоми солҳои таҳлилшаванда дар водӣ қисми бештари корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро корхонаҳои хурд (83-85%) ташкил медиҳанд ва тағйирёбӣ низ маҳз бештар дар онҳо ба назар расида, шумораи корхонаҳои миёна ва калон қариб бетағйир ё каму беш тағйир ёфтаанд.

Бинобар ин, ба андешаи мо зарур аст, ки бо мақади самарабахш ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамгироии корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавассути идоракунии марказонидашуда амалӣ гардад, барои ин метавон дар марказҳои ҷамоат, ноҳия ва ё шаҳрҳо маҷмааҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҷойгир намуд, ки он дар худ корхонаҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ба ҳам оварда, дар доираи зехсохторҳои соҳаи саноат - саноати коркард ҷойгир карда шаванд.

Дар ташкил кардани маҷмааҳои саноатӣ метавон соҳибкорон-муассисони корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, анборҳои нигоҳдорӣ ва сардхонаҳо, мағозаҳои фурӯши фирмавӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои аҳолӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва корхонаҳои кишоварзиро новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ муттаҳид намуд. Аъзоёни чунин маҷмааҳо бо мақсади расидан ба ҳадафи ниҳоӣ-гирифтани фоидаи бештар метавонанд моликияти худро якҷоя намоянд.

Ҳамин тавр, дар шароити муосир такмил ва рушди муносибатҳои ҳамгирошуда байни корхонаҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ варианти муносиби стратегияи рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин барои ҳавасманд намудани фаъолияти ҳамаи корхонаҳои соҳа ва тайёр кардани онҳо ба қоидаҳои низоми муттаҳидшуда чораҳои муҳим андешидан лозим аст.

Ба ақидаи мо василаи қиёсан самараноки ташкил ва рушди пойдори корхонаҳои КАС-и дар водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ–модели якҷояшудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои аҳолӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, анборҳои нигоҳдорӣ ва сардхонаҳо, КХМ-и саноатӣ ва сохтори фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ-мағозаҳои фурӯши фирмавӣ, инчунин дигар сохтору муассисаҳое мебошанд, ки бевосита ё бавосита ба рушди КАС-и водӣ ҳиссаи назаррас доранд (ниг. ба расми 3.2.).



Расми 3.2.-Модели маҷмааи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ [111, 117, 185 ва 187]

Дар ин росто зарур аст, сифати инфрасохтори логистикӣ-нақлиётӣ, баҳисобгирӣ, молия ва тиҷорат, иҷтимоӣ, «иттилоотӣ, энергетикӣ, инноватсионӣ, сохторҳои дастгирикунандаи молиявӣ ва илмӣ-машваратӣ, инчунин дигар сохторҳои ёрирасон ҳамчун асос барои густариши муносибатҳои ҳамгироии КХМ-и истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ баромад мекунанд, беҳтар карда шавад» [125, С. 86-89].

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки корхонаҳое, ки дар доираи маҷмаа фаъолият менамоянд, самаранокии нисбатан баланд доранд (ҷадвали 3.4.).

Ҷадвали 3.4.-Самаранокии иқтисодии корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2021-2023

Номи корхона	Солҳо	Ҳаҷми истеҳсолтн.	Даромад аз фурӯш, ҳаз.сом.	Арзиши аслӣ, ҳаз.сом.	Фоида, ҳаз.сом.	Дараҷаи даромаднокӣ, %
ҶДММ «Покиза М» ш.Душанбе	2021	462,9	13748,1	11656	2092,1	17,9
	2022	535,4	16973,1	16409,4	563,7	3,4
	2023	487	16558,0	16447,1	110,9	0,7
ҶДММ «Азиза Душанбе» ш.Душанбе	2021	53,6	1484,7	1282,3	202,4	15,8
	2022	50	1480	1300,4	179,6	13,8
	2023	120,9	3844,6	3396,6	448,0	13,2
ҶДММ «Мармарӣ» н. Шоҳмансур	2021	199,4	6221,3	4738,6	1482,7	31,3
	2022	1479	51321,3	37777	13544,3	35,9
	2023	2060,4	79737,5	57140,8	22596,7	39,5
ҶДММ «Шафоат - 2013» ш.Душанбе	2021	88,2	2275,6	1991,5	284,06	14,3
	2022	117,8	3239,5	2945,2	294,3	10,0
	2023	137,1	3962,19	3583,7	378,5	10,6

Сарчашма: *Аз ҷониби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои корхонаҳои коркард дар водии Ҳисор ҳисоб карда шуд.*

Корхонаҳое, ки мавриди таҳлил қарор додем, ба коркарди маҳсулоти гӯштӣ, асосан истеҳсоли ҳасибҳо машғул буда, натиҷаҳои гуногуни хоҷагидорӣ доранд. Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки давоми солҳои 2021-2023 аз ҳама дараҷаи даромаднокии баландро ВМ ҶДММ «Мармарӣ» дар н. Шоҳмансур, ки мутаносибан 31,3-39,5% баробар аст, соҳиб гардида, маҳз афзуншавии даромаднокӣ дар ҳамин корхона ба назар мерасад. Ба сатҳи даромаднокии корхонаи мазкур асосан зиёд шудани ҳаҷми даромад аз ҳисоби фурӯш, ки дар натиҷаи болоравии нархи маҳсулоти корхона ба миён омадааст ва нисбатан кам будани

арзиши аслӣ сабаб шудааст. Корхонаҳои дигар гарчанде, фоидаи назаррас ба даст оварда бошанд ҳам, аммо бо сабаби зиёд будани хароҷоти истеҳсолии худ сатҳи даромаднокиашон паст гардидааст.

Хулоса, ВМ ҶДММ «Мармарӣ» дар н. Шоҳмансур дар доираи маҷмааи истеҳсол-коркард-фурӯши фирмавӣ фаъоллият менамояд, ки ашёи хомро нисбати дигар корхонаҳо бо арзиши пасттар ба даст оварда, иқтидори бузурги анборҳо ва сардхонаҳои нигоҳдории ашёи хом ва маҳсули коркард, дорои технологияи инноватсионӣ, ҳамчунин бе миёнаравҳо ба воситаи мағозаҳои фурӯши фирмавӣ ба истеъмолкунанда расонидани мол сабаби дараҷаи баланди даромаднокии корхона гардидааст. Дар дигар корхонаҳо баръакси ҳолати мазкур сабаби нисбатан паст будани сатҳи даромаднокӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, таркиби сохтори маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ чор унсури асосӣ «истеҳсол-нигоҳдорӣ-коркард-фурӯши фирмавӣ»-ро бояд фаро гирад.

Бо мақсади рушди устувори маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии онҳо, тақвияти афзалиятҳои рақобатӣ, ташаккули самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ ва инчунин ҷустуҷӯйи роҳҳои фурӯш дар бозорҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва дохилӣ зарур аст маҷмуи қарорҳои ҷорӣ ва дарозмуддат таҳия ва қабул карда шаванд.

Таҷриба собит менамояд, ки барои фаъолияти устувори иҷтимоӣ-иқтисодии КАС тақвияти афзалиятҳои рақобатпазирии миллӣ, яъне таҳкими раванди ҳамгироии низоми КАС қобили қабул аст. Ин ба фароҳамсозии чунин имкониятҳо мусоидат мекунад:

- ✓ якум, раванди фаъолияти инноватсионии хоҷагидорӣ тақвият меёбад;
- ✓ дуюм, барномаи минтақавии рушди маҷмуавии низоми ҳамгироии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таҳия мегардад;

- ✓ сеюм, ҷиҳати густариши рақобатпазирии маҳсулот ташаббуси мақомоти идоракунии давлатӣ, соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ муттаҳид карда мешаванд.

Масалан, таҳлили гузаронидаи мо собит намуд, ки истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ медонад, ки чӣ миқдор маҳсулоташро захира намояд, ба фурӯш барорад ва чӣ миқдор маҳсулоти он барои коркард ва барои эҳтиёҷоти дигар (захираи тухмӣ, истеъмоли худӣ) бояд равона карда шавад.

Аз ин лиҳоз, мақсаднокии иқтисодии ташкили маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатӣ ба мавзунии корҳои банақшагирии истеҳсолот ва коркарди маҳсулот, «муттаҳид намудани захираҳои молиявӣ, ташаккули даромади нисбатан калон ҳангоми фурӯши маҳсулоти хубкоркардшуда ва беҳтар намудани сифати он, васеъ кардани бозорҳои фурӯш; кам кардани хароҷот аз ҳисоби ихтисосмандӣ ва сарфакорӣ дар миқёси истеҳсолот; бонизомии ҳалли вазифаҳои гуногуни истеҳсолӣ, масъалаҳои сиёсати иҷтимоӣ, муҳофизати муҳити атроф асос меёбад» [171, с. 17–25].

Дар ин ҷанба бояд масъалаҳои такмили модели коркарднамудаи мо оид ба ҳамкории истеҳсолкунандагони соҳаи КАС бо корхонаҳои савдои чакана ва истеъмолкунандагон тавассути амалисозии чорабиниҳои савдои фирмавӣ муҳим арзёбӣ шаванд (ниг. ба расми 3.3).

Нақши ҳамгиросозандаи он дар тақвияти кӯшишҳо, таҳкими савдои чакана ва молистеҳсолкунандагон зоҳир шуда, дар натиҷа хароҷоти логистикӣ ва умумии пулӣ коҳиш ёфта, самаранокии фаъолият баланд мегардад. Усулҳои дар ин раванд татбиқшаванда ба афзоиши талабот мусоидат намуда, харидорони эҳтимолиро ба қабули қарор ҷиҳати анҷом додани харид водор месозанд.

Афзоиши муомилоти мол ва мутаносибан фоидаи бо ҳамин роҳ ба даст овардашуда омили асосӣ барои ташаккул ва рушди минбаъдаи комплекси агросаноатӣ сабаб мегардад.

Моҳияти мағозаҳои фурӯши фирмавӣ дар он зоҳир мегардад, ки он имконияти ба низоми ягона муттаҳид намудани истеҳсол-нигоҳдорӣ-коркард-фурӯшро фароҳам намуда, дар натиҷа самаранокии ҳамгироии ҳамаи иштирокчиёни занҷираи якҷояшударо аз ҳисоби самараи синергетикӣ баланд мебардорад.



Расми 3.3.-Ҷой ва нақши савдои фирмавӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ [91, 171]

Дар дурнамои дарозмуҳлат дар бозор танҳо ҳамон корхонаҳое устувор фаъолият менамоянд, ки ё дараҷаи баланди самаранокӣ доранд ва ё аз нигоҳи иқтидори иқтисодӣ пурқувват (соҳиби захираҳои зиёд) мебошанд. Аз ин лиҳоз, корхонаҳоро зарур аст, ки ҳамеша роҳҳои муосири баланд бардоштани самаранокии фаъолиятро, ки метавон аз рӯйи меъёрҳои гуногун баҳогузорӣ кард, ҷустуҷӯ намоянд. Дар мавриде ки самаранокии баланд ҳамчун натиҷаи мувофиққунии ҳадафҳои субъектҳои мухталифи манфиатдор (соҳибкорон, давлат, истеъмолкунандагон, рақибон, кормандон ва ғайра) мавриди баррасӣ қарор гирад, дар натиҷаи ҳамгироии онҳо метавонанд вазифаҳои нав, сифат ва механизмҳои кооператсия пайдо шаванд. Ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳамгирошудаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ тавассути таҳкими шаклҳои нави ҳамкории маконӣ, функционалӣ ва муваққатӣ таъсири синергетикӣ ба вуҷуд оварда, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва тақвияти бартариятҳои рақобатии иловагӣ мусоидат менамояд, ки ин хоси субъектҳои хоҷагидории ҷудогона нест.

Хулосаи зербоби 3.1.

1. Таҳлил тасдиқ мекунад, ки дар ҳоли ҳозир корхонаҳои хурду миёнаи коркардкунанда бояд ба ташаккули низоми дигаргунсозии сохторҳои ташкилӣ ва тақвият додани муносибатҳои ҳамгироӣ диққати ниҳоят калон диҳанд, чунки онҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда мусоидат мекунанд.

2. Барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, афзоиши номгӯйи молҳо ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои савдо истифодаи модели пешниҳоднамудаи мо оид ба муносибати байниҳамдигарии иқтисодӣ тавассути ташкили маҷмааҳои истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз афзалиятҳои рушди саноати коркардкунандаи ҷумҳурӣ бояд фаъолгардонии раванди

якҷояшавӣ бошад. Ояндадории таъсиси ташкилотҳои якҷояшуда дар имконияти ба корпоратсияи бузурги рақобатпазири содиркунандаи сатҳи байналмилалӣ ва ба соҳаи КАС ҷалбкунандаи сармояи хориҷӣ табдил ёфтани ин сохторҳо мусоидат менамояд.

3. Раҳандозии муносибатҳои ҳамгироӣ дар шакли маҷмааи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун шакли интитутсионалии якҷоякунӣ ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои истеҳсолкунандагони ашёи хом, корхонаҳои коркарди саноатӣ ва сохторҳои фурӯш дар доираи занҷираи ягонаи эҷоди арзиши иловашуда баромад намуда, тавассути муттаҳидсозии захираҳои моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва иттилоотӣ, ташаккули инфрасохтори нигоҳдорӣ, коркарди саноатӣ ва фурӯши фирмавӣ, инчунин татбиқи механизми мукаммали интегратсионии «истеҳсол-нигоҳдорӣ-коркард-фурӯш» барои коҳиш додани талафоти маҳсулот, таъмини пурраи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ба ин васила ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, афзоиши арзиши иловашуда, устувории таъминоти бозор ва таҳкими рақобатпазирии маҷмааи агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, нақши ташаккули муносибатҳои ҳамгироии истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ниҳоят назаррас буда, низоми нав зарур аст, ки дурнамои рушди ояндаи он нисбатан асоснок баррасӣ карда шавад.

3.2. Технологияи инноватсионӣ-асоси стратегияи рушди корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ба ин васила баландбардории самаранокии иқтисодии соҳаи агросаноатӣ, қонеъ намудани талаботи афзоянда ба ғизои хушсифат, коҳиши воридот ва баландбардории иқтидорӣ вазифаи муҳимми рушди устувори иқтисодиёти агросаноатӣ маҳсуб меёбад.

Дар водии Ҳисор солҳои охир дар баробари афзоиши истеҳсол ва беҳтар намудани сифат ва сохтори маҳсулоти ғизоӣ, истифодаи молҳои

ба талаботи сифати стандартӣ ҷавобгӯ, ҷиҳати ҳифзи солимии аҳолӣ аҳаммияти хосса пайдо намуда истодааст.

Аз ин ҷиҳат, барои ноил шудан ба ин масъалаҳо дар истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ танҳо бо истифодаи технологияи инноватсионӣ имконпазир мегардад. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ омили коҳиши талафёбӣ ва заминаи асосии таъминкунандаи раванди рушди истеҳсолот маҳсуб ёфта, аз ҳисоби кам кардани харочоти истеҳсолӣ, самаранокии иқтисодӣ, маҳсулнокии меҳнат ва сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳаро баланд бардошта, яке аз роҳҳои ҳалли муаммоҳои таъмини амнияти озуқаворӣ мегардад.

Тамоюли рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз он далолат мекунад, ки рушди инноватсионии истеҳсолот боиси татбиқи усулҳо ва равандҳои ҷадид дар истеҳсолот гардида, бидуни дигаргунсозии сифатии иқтидори истеҳсолӣ дар асоси васеъ ҷорӣ ва паҳн намудани комёбиҳои илмию техникӣ рушди истеҳсолот ғайриимкон аст. Ин раванд воқеият буда, мавқеи кишварҳое, ки ҳиссаи бештари истеҳсолоташонро бо технологияи анъанавӣ ба роҳ мондаанд, дар бозор танг намуда, қобилияти иҷрои амалҳои рақобатпазириро маҳдуд месозад. Барои раҳоӣ аз ин мушкилот раванди истеҳсолотро аз технологияи анъанавӣ ба технологияи инноватсионӣ иваз намуда, диверсификатсияи истеҳсолоти агросаноатӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Такмил додани технологияи коркарди саноатии ашёи хоми соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ бо усулҳои ғайрианъанавӣ масъалаи муҳим буда, ҳалли он ба рушди истеҳсолот, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, кам шудани партов ва таъсири корхонаҳои коркард ба муҳити экологӣ ёрӣ мерасонад. Бештари маҳсулоти кишоварзӣ зудвайроншаванда буда, то ба истеъмолкунанда расонидани он технологияи махсуси нигоҳдорӣ ва коркардро талаб менамояд ва то ҳадди имкон тару тоза нигоҳ доштани он кори хеле душвор аст, зеро баъзе растаниҳо метавонанд, ҳатто пас аз бастабандӣ пухтанро идома

диҳанд ва дар маҳсулоти чорводорӣ зуд тағйироти муайяни сохтор, ранг ва таназзули бофтаҳо оғоз мегардад.

Ҳоло дар назди корхонаҳои соҳаҳои агросаноатии водии Ҳисор мушкилоти мураккаби илмию техникии зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол, роҳҳои нави муносибгардонии раванди нигоҳдорӣ ва коркарди саноатӣ, пешгирии вайроншавии микробиологӣ ва ба ин васила баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва васеъ намудани хелҳои он меистад, зеро талабот ба маҳсулоти баландсифати соҳа сол то сол бо зиёд шудани шаҳрнишинии аҳолӣ, тезонидани муназаммиӣ зиндагӣ ва оммавӣ гардонидани тарзи ҳаёти солим афзуда истодааст.

Ҳамин тавр, дар шароити рушди муттасили иқтисодиёт ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар соҳаи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ як василаи асосии баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти агросаноатӣ, нигоҳдории суръати баланди рушд ва сатҳи даромаднокии соҳаи агросаноатӣ маҳсуб меёбад.

Иқтисоддони рус Р. И. Гилманова баён менамояд: «Мақсади асосии рушди инноватсионии корхона баланд бардоштани афзалиятҳои рақобатӣ, нигоҳдории фоидаи иқтисодии он бо роҳи дигаргунсозии мақсадноки омилҳои дохилӣ ба туфайли ҷорӣ намудани қарори технологӣ, методҳои нави идоракунӣ, тағйирот дар сохтори истеҳсоли маҳсулоти нав ё хизматрасониҳо мебошад» [29, с. 181–183].

Д.И. Морозов дар таҳқиқоти худ қайд менамояд: «Рушди инноватсионӣ дар иқтисодиёт раванде мебошад, ки ҳар як соҳаи фаъолияти ширкатро фаро мегирад ва раванди таъсиси технологияи нав, мол ё хизматрасониҳоро таъмин мекунад» [146, с. 181–185].

Ба андешаи олимони боло такя намуда, қайд намудан зарур аст, ки таъмини КХМ-и водии Ҳисор бо хатҳои технологии инноватсионӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои нав, баландбардории афзалиятҳои рақобатӣ, мусодираи ҳиссаи нав дар бозор, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Чунки яке аз мушкилоти асосӣ ва ҳалталаб дар арсаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водӣ ин таъмини

соҳа бо хатҳои технологии инноватсионӣ ба шумор меравад. Зеро хатҳои технологие, ки ҳоло дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии водӣ истифода мегардад бештар аз даврони Иттиҳоди Шуравӣ боқӣ монда, тавононии он бо сабаби зиёд истифода гардидан сол аз сол паст шуда истодааст. Ин тамоюл монеаи арзишафзоии корхонаҳои агросаноатӣ гардида, маҳсули истеҳсолоти онҳо нисбат ба молҳои воридотӣ рақобатпазир шуда наметавонад.

Бояд иброз намуд, ки хатҳои технологӣ ва таҷҳизоти инноватсионӣ дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи стандарти ҷавобгӯ ва ба истеҳсолкунанда дар таъмини гирифтани фоидаи дилхоҳ нақши бунёдӣ дорад. Вале хатҳои технологӣ ва таҷҳизоти муосир дар хориҷи кишвар арзиши гарон дошта, корхонаҳо барои таъмини соҳа пурра аз хориҷи кишвар вобастагӣ дорад. Мисол, таҳқиқи манбаъҳои муфиди интернетӣ гувоҳи онанд, ки хатҳои технологии инноватсионии хориҷӣ арзиши гарон дошта, хароҷоти ҳамлу нақл ва пардохтҳои андозию гумрукӣ арзиши онро боз ҳам гаронтар менамояд (Ҷадвали 3.5.).

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 3.5. хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ барои КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз 170,0 ҳаз. сомонӣ то наздик ба 1,5 млн. сомонӣ арзиш доранд. Аз як тараф бештари КХМ-и водӣ бинобар сабаби нотавонии молиявӣ қобилияти бо ин арзиш харидории хатҳои технологиро надоранд. Аз тарафи дигар, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба додани ин миқдор маблағ таваккал (риск) намекунанд.

Зеро, КХМ аз ташкилотҳои қарзӣ қарзи дарозмуддат талаб менамоянд ва амволи гарави кафолатнок пешниҳод карда наметавонанд. Инчунин, сатҳи пасти дастгирии буҷет, ғайримақсаднок истифодабарии маблағи фондҳои суғуртавӣ ва таваҷҷуҳи ками инвесторони хориҷӣ мушкилоти манбаъҳои дастрасии молиявии соҳаро боз ҳам душвортар намудааст. Барои баромадан аз ин тамоюл механизмҳои нави дастрасии молиявӣ ҷиҳати харидории хатҳои технологии муосир муҳим мебошад.

Ҷадвали 3.5.-Хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ барои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ

№	Навъи хатти технологӣ	Таъиноти кишвар	Таъинот	Иқтидори максималӣ кг\соат	Арзиш, ҳаз долл ИМА	Харочоти роҳ ва пардохтҳои гумрукӣ ҳаз долл ИМА	Арзиш, ҳазор сом
Барои ташкили корхонаҳои хурд							
1.	Хатти технологии коркарди помидор	Русия ширкати «РОССПЕЦХОЛОД»	Афшураи помидор	1000	15,4	2,5	170,0
2.	Хатти технологии коркарди меваҳо		Нӯшобаҳо, шарбатҳои мевагӣ	500	18,4	2,6	199,4
3.	Хатти технологии коркарди шир		Равғани маска, Сметана, кефир, йогуртҳо	1500	22,1	2,8	236,2
4.	Хатти технологии коркарди гӯшт		Истеҳсоли навъҳои гуногуни маҳсулоти гӯштӣ	300	24,6	3,0	261,4
Барои ташкили корхонаҳои миёна							
5.	Хатти технологии коркарди комплексии сабзавот	Русия ширкати ООО НПКФ «ФЛАЙТ-М»	Коркарди комплексии сабзавот	2500	73,8	5,0	746,3
6.	Хатти технологии коркарди меваҳо	Чин Модел CXP-FRT	шарбатҳои мевагӣ	14000	150,0	6,0	1 476,7

Сарчашма: https://www.rsholod.ru/katalog/kompleksnye-linii , https://agroserver.ru/b/liniya-pererabotki-zasolka-ogurtsov-tomatov-339644.htm, санаи мурочиат ва ҳисоби қурби асъор 10.09.2025

Иқдисодшинос Ҷ.Ҳ. Тағоев қайд менамояд: «Бо истифода аз лизинги молиявӣ ворид намудани фондҳои асосии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва истифодабарии таҷрибаи хориҷӣ дар самти бунёди ташкилотҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ба инобат гирифта шаванд» [173, С. 93–99].

Бинобар ин, ба андешаи мо лизинг (иҷораи молиявӣ) яке аз механизмҳои ҳалли мушкилоти дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ, ҷиҳати таъмини КХМ-и коркард бо хатҳои технологии инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Лизинг метавонад корхонаҳои коркардро бо техника ва

таҷҳизоти муосир таъмин ва ба рушди корхонаҳои агросаноатӣ мусоидат намояд.

Таҷрибаи лизинги кишоварзӣ нишон дод, ки он тавонист дар таъмини истеҳсолоти кишоварзӣ бо техника ва мошинолоти кишоварзӣ нақши муассири худро гузорад.

Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти диссертатсионии худ «ҷиҳати ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ба ин васила кам шудани талафоти маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшуда» [М-1, С.163-168] ва таъмини корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо хатҳои технологии инноватсионӣ, модели «Агросаноатлизинг»-ро пешниҳод менамоем.

Моҳияти модели «Агросаноатлизинг» дар он аст, ки тавонад иҷорадеҳро барои додани лизинг ба КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ моил ва иҷорагирро ҷиҳати таъмин бо хатҳои технологии инноватсионӣ ҳавасманд намояд.

Мисол, корхонаи хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагин хатти технологии тавсиявии инноватсиониро мувофиқи ҷадвали 3.5. аз ширкати «Агросаноатлизинг» мехоҳад дар асоси шартномаи иҷораи молиявии амалиётӣ ба арзиши 170 000 сомонӣ ба даст орад.

Шартҳои шартномаи тавсиявӣ:

- ✓ арзиши хатти технологӣ – мавзуи шарнома – 170 ҳаз.сомонӣ;
- ✓ муҳлати шарнома 10 сол;
- ✓ меъёри хӯрдашавӣ барои барқарорсозии пурраи хатти технологӣ 10%-и солона аз арзиши хатти технологӣ;
- ✓ меъёри фоизи қарзе, ки лизингдиҳанда барои хатти технологӣ истифода мебарад – 15%-и солона;
- ✓ маблағи захираҳои қарзии истифодашуда - 170 ҳаз.сомонӣ;
- ✓ фоизи комиссионӣ–5%-и солона аз арзиши миёнасолонаи боқимондаи амвол;
- ✓ хизматрасонии иловагии лизингдиҳанда мувофиқи шартҳои шартнома – ҳамагӣ 8 ҳаз сомонӣ, аз он ҷумла: а) арзиши машваратӣ

барои истифодаи хатти технологӣ 3 ҳаз сомонӣ, хароҷоти сафар – 1 ҳаз сомонӣ, тайёр кардани мутахассисон - 4 ҳаз сомонӣ;

- ✓ ААИ – 15%;
- ✓ пардохти лизинг бо қисмҳои баробар, аз соли 1-уми оғоз мегардад.

Истифода аз маълумоти ҷадвали 3.6. пардохти маблағи лизингро аз ҷониби корхонаи хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагин ба ширкати «Агросаноатлизинг» ҳисоб меномоем.

Ҷадвали 3.6.-Ҳисоби миёнасолонаи арзиши хатти технологӣ ***(ҳаз.сом.)***

Давра	Арзиши амвол дар аввали сол	Пардохти маблағи хӯрдашавӣ	Арзиши амвол дар охири сол	Арзиши миёнаслонаи амвол
Соли 1	170	17	153	161,5
Соли 2	153	17	136	144,5
Соли 3	136	17	119	127,5
Соли 4	119	17	102	110,5
Соли 5	102	17	85	93,5
Соли 6	85	17	68	76,5
Соли 7	68	17	51	59,5
Соли 8	51	17	34	42,5
Соли 9	34	17	17	25,5
Соли 10	17	17	0	8,5

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф

Соли 1-ум: 1) Пардохти маблағи хӯрдашавӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ПМХ = \frac{Аб \text{ x } Na}{100} \qquad (1)$$

Дар ин ҷо:

$ПМХ$ - пардохти маблағӣ хӯрдашавӣ; Аб-арзиши балансӣ; Na-меъёри хӯрдашавӣ %. Пас, Пмх= $\frac{170 \text{ x } 10}{100} = 17$ ҳазор сомонӣ;

2) Пардохти фоизи мавзуи шартномаи қарзӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

$$Пфқ= \frac{Мзк \text{ x } Мфк}{100} \qquad (2)$$

Дар ин ҷо:

Пфқ-пардохти фоизи қарз; Мзк-маблағи истифодаи захираи қарзӣ; Мфк-меъёри фоизи солонаи қарз. Пас, Пфқ= $\frac{161,5 \text{ x } 15}{100} = 24,2$ ҳаз сомонӣ;

3) Ҳаққи комиссионӣ аз арзиши миёнасолонаи боқимодаи амвол бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Ҳk = Р \times Аб \qquad (3)$$

Дар ин ҷо:

Ҳk - ҳаққи комиссионӣ; Р-меъёри фоизи комиссионии солона; Аб-арзиши балансӣ

$$Ҳк = \frac{Аи + Ао}{2} * \frac{Мк}{100} \qquad (4)$$

Дар ин ҷо:

Ҳк-ҳаққи комиссионӣ; Аи-арзиши амвол дар аввали сол; Ао-арзиши амвол дар охири сол; Мк- меъёри фоизи комиссионӣ

$Ҳк = \frac{170+153}{2} * \frac{12}{100} = \frac{323}{2} * \frac{5}{100} = 161{,}5 * 0{,}05 = 8{,}1$ ҳазор сомонӣ;

4) Пардохти хизматрасонии иловагӣ бо чунин тартиб ҳисоб карда мешавад:

$$Пхи = \frac{Р + Р + \cdots Рn}{Т} \qquad (5)$$

Дар ин ҷо:

Пхи-пардохти хизматрасонии иловагӣ; Р,Р...Рn- хароҷоти лизингдиҳанда барои ҳар як хизмати иловагӣ, Т-муҳлати шарнома; $Пхи = \frac{3+1+4}{Т} = \frac{8}{10} =$ 0,8 ҳазор сомонӣ;

5) Пардохти ААИ, ки бояд дар соли ҳисоботӣ пардохт карда шавад, чунин ҳисоб карда мешавад:

$$ААИ = \frac{Дшл \times Мааи}{100} \qquad (6)$$

Дар ин ҷо:

Дшл-даромади шартномаи лизингӣ; Мааи- меъёри ААИ,

Дшл= 17+24,2+8,1+0,8=50,1 ҳаз сом; $ААИ = \frac{50{,}1*15}{100} = 7{,}5$ ҳаз сомонӣ;

6) Маблағи пардохти солонаи лизинг бо тариқи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Псл = \mathbf{Пмх + Пфк + Ҳк + Пхи + ААИ} \qquad (7)$$

Дар ин ҷо:

Псл-пардохти солонаи лизинг; Псл= 17+24,2+8,1+0,8+7,5 = 57,6 ҳазор сомонӣ.

Ҳамин гуна пардохти солонаи шартномаи лизингӣ давоми 10 сол пайдарпай ҳисоб карда мешавад, ки мо натиҷаи онро дар ҷадвали зер ҷамъбаст намудем:

Ҷадвали 3.7.-Тарзи ҳисоббаробаркунии шартномаи лизингӣ барои як хатти технологии инноватсионии тавсиявӣ (ҳаз. сом.)

Сол	Пмх	Пфқ	Ҳқ	Пхи	Дшл	ААИ	Псл
1	17,0	24,2	8,1	0,8	50,1	7,5	57,62
2	17,0	21,7	7,2	0,8	46,7	7,0	53,71
3	17,0	19,1	6,4	0,8	43,3	6,5	49,80
4	17,0	16,6	5,5	0,8	39,9	6,0	45,89
5	17,0	14,0	4,7	0,8	36,5	5,5	41,98
6	17,0	11,5	3,8	0,8	33,1	5,0	38,07
7	17,0	8,9	3,0	0,8	29,7	4,5	34,16
8	17,0	6,4	2,1	0,8	26,3	3,9	30,25
9	17,0	3,8	1,3	0,8	22,9	3,4	26,34
10	17,0	1,3	0,4	0,8	19,5	2,9	22,43
Ҳамагӣ	***170,0***	***127,5***	***42,5***	***8***	***348,0***	***52,2***	***400,20***
Бо %	***42,5***	***31,9***	***10,6***	***2,0***		***13,0***	***100,0***

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф

Андозаи пардохти солонаи маблағӣ лизинг барои корхонаи хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагин ба ширкати «Агросаноатлизинг» дар давоми 10 сол ба ҳиссаҳои баробар тақсим намоем, пас Псл=400,20:10=40,02 ҳазор сомониро дар як сол ташкил медиҳад. Хулоса, ҷадвали пардохти солонаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба ширкати лизингдиҳанда чунин мешавад.

Ҷадвали 3.8.-Ҷадвали пардохти солонаи лизинг ба як хатти технологии инноватсионии тавсиявӣ (ҳаз сомонӣ)

Пардохтҳо	Соли 1	Соли 2	Соли 3	Соли 4	Соли 5	Соли 6	Соли 7	Соли 8	Соли 9	Соли 10	Ҳамагӣ
Маблағи асосӣ	17,0	17,0	17,0	17,0	17,0	17,0	17,0	17,0	17,0	17,0	170
Фоиз	12,75	12,75	12,75	12,75	12,75	12,75	12,75	12,75	12,75	12,75	127,5
%-и комиссионӣ	4,25	4,25	4,25	4,25	4,25	4,25	4,25	4,25	4,25	4,25	42,5
Хизматрасонии иловагӣ	0,8	0,8	0,8	0,8	0,8	0,8	0,8	0,8	0,8	0,8	8
ААИ	5,22	5,22	5,22	5,22	5,22	5,22	5,22	5,22	5,22	5,22	52,2
Ҳамагӣ бе ААИ	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**34,8**	**348**
Ҳамагӣ бо ААИ	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**40,02**	**400,20**
Ба ҳисоби миёна,	2,9	2,9	2,9	2,9	2,9	2,9	2,9	2,9	2,9	2,9	29
дар 1 моҳ бо ААИ ва бе он	3,335	3,335	3,335	3,335	3,335	3,335	3,335	3,335	3,335	3,335	33,35

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф

Аз маълумоти ҷадвали 3.8. бармеояд, ки пардохти солонаи корхонаи хурд бо ширкати лизингдиҳанда бо ААИ 40,02 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар сурати озод намудан аз пардохти ААИ корхонаи хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагин 34,8 ҳазор сомонӣ, яъне 5,22 ҳазор сомонӣ ё 13,0 банди фоизӣ камтар маблағ пардохт менамояд. Ҳамчунин, пардохти моҳонаи корхонаи истеҳсоли шарбатҳои мевагин шартан барои як моҳ ҳисоб намоем, бо ААИ 3 335 сомонӣ ва бе ААИ 2 900 сомониро ташкил медиҳад.

Хулоса, агар хатти технологии инноватсионии тавсиявии мо бо иқтидори минималии худ (100кг\соат) метавонад дар як моҳ 18200 кг шарбатҳои мевагин истеҳсол намояд. Хароҷоти истеҳсолиро шартан мувофиқи ҷадвали 3.9. барои технологияи инноватсионӣ, ба ҳисоби миёна ба 1 кг 12,8 сомонӣ рост ояд, пас корхона барои истеҳсоли 18200 кг шарбатҳои мевагин 232960 сомонӣ масраф менамояд. Пас, шартан хароҷоти лизингро дар як моҳ нисбат ба хароҷоти истеҳсоли шарбатҳои мевагин ҳисоб намоем, бо ААИ 1,4% ва бе ААИ 1,2%-ро ташкил мекунад, албатта ба гирифтани фоида ба корхона таъсири зиёд намерасонад.

Самаранокии модели «Агросаноатлизинг»-ро ҳисоб намоем, пас сохтори хароҷоти корхонаҳои хурди истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки истифодаи технологияи инноватсионӣ дар коркарди зардолу, себу олу ва аз он истеҳсоли шарбатҳои консервашуда хароҷоти истеҳсолиро 12,3-15,4% кам менамояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки истифодаи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ аз ҳисоби талафоти ками маҳсулот, истифода нагардидани қанд ва миқдори ками ферментҳо, музди меҳнат, қувваи барқ ва дигар хароҷоти истеҳсолиро нисбатан кам менамоянд.

Маълумоти ҷадвали 3.9. аз он гувоҳи медиҳад, ки хароҷот барои истеҳсоли 1000 кг. шарбати мевагии консервашуда бо технологияи инноватсионӣ ва маъмулӣ гуногун фарқ мекунанд. Масалан, барои истеҳсоли 1000 кг. шарбати зардолу, себ ва олу бо технологияи инноват-

сионӣ нисбат ба муқаррарӣ хароҷоти таъмири ҷорӣ ва раванди технологӣ 16,7%, хароҷот барои харидани ашёи хом вобаста ба маҳсулот 5,4-6,6%, арзиши қанд 100%, хароҷот барои қувваи барқ 43,1%, хароҷоти музди меҳнат 67,5%, арзиши фермент 28,6% ва дигар хароҷотро 21,6% кам мебошад.

Ҷадвали 3.9.-Сохтори хароҷот барои коркарди 1000 кг шарбатҳои мевагӣ дар корхонаҳои хурд бо технологияи анъанавӣ ва инноватсионӣ дар соли 2023

Номгӯйи хароҷот	Хароҷот, сомонӣ							
	Технологияи анъанавӣ				Технологияи инноватсионӣ			
	Зардолу	*Себ (бе фермент)*	*Себ (бо фермент)*	*Олу*	*Зардолу*	*Себ (бе фермент)*	*Себ (бо фермент)*	*Олу*
Амортизатсияи хатти технологӣ	0	0	0	0	264,5	264,5	264,5	264,5
Хароҷоти таъмири ҷорӣ ва раванди технологӣ	120	120	120	120	100	100	100	100
Арзиши маҳсулот	5857,3	9183,6	8737,7	5000	5540,3	8654,0	8256,6	4671,4
Арзиши тамғақоғаз ва бастабандӣ	334,3	333,6	332,3	334,3	334,3	333,6	332,3	334,3
Арзиши қанд	930	1023	1023	1116	0	0	0	0
Арзиши зарф	3151,7	3145,5	3133,1	3151,7	3151,7	3145,5	3133,1	3151,7
Арзиши сарпушҳо	506,2	505,2	503,2	506,2	506,2	505,2	503,2	506,2
Арзиши қувваи барқ	250,8	250,8	250,8	250,8	142,8	142,8	142,8	142,8
Музди меҳнат	1600	1600	1600	1600	1080	1080	1080	1080
Арзиши фермент	0	0	70	0	0	0	50	0
Дигар хароҷот	510	510	510	510	400	400	400	400
Ҳамагӣ хароҷот	***13260,3***	***16671,7***	***16280,1***	***12589,0***	***11519,8***	***14625,6***	***14262,5***	***10650,9***

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи корхонаҳои хурди коркарди водии Ҳисор

Хулоса, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар кор-карди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ ба кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ ва гирифтани фоидаи бештар мусоидат намуда дараҷаи даро-маднокиро баланд мебардорад (Ҷадвали 3.10.).

Аз маълумоти ҷадвали 3.10 бармеояд, ки истеҳсоли шарбатҳои мевагии консервакардашуда бо технологияи инноватсионӣ талафот ва партовҳоро ҳангоми коркарди технологӣ аз 3%-и коркарди себ то ба 4,5%-и коркарди олу кам менамояд. Сабаби кам шудани талафот ин аз лунда пурра ҷаббида ва қисман гирифтани оби донак барои таркиби шарбат мебошад, ки хоси технологияи инноватсионӣ буда, бо технологияи маъмулӣ ин амал ғайри имкон аст.

Ҳамчунин, меёъри сарфи маҳсулот бо технологияи инноватсионӣ барои истеҳсоли 1000 кг шарбатҳои зардолу 1351,3 кг, себ бе иловаи фермент 1923,1 кг., себ бо иловаи фермент 1834,8 кг, ва олу 1459,8 кг ашёи хом масраф мешавад, ки назар ба технологияи маъмулӣ аз 5,4 то ба 6,6 банди фоизӣ кам мебошад. Сабаби зиёд будани меъёри сарфи ашёи хом ба 1000 кг шарбат ин талафот ҳангоми ба навъҳо ҷудокунӣ, исканҷакунӣ ва талафоти раванди технологӣ маҳсуб меёбад.

Ҷадвали 3.10.-Самаранокии муқоисавии истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ дар корхонаҳои хурд бо технологияи анъанавӣ ва инноватсионӣ дар соли 2024

Нишондиҳандаҳо	Технология	Шарбатҳои мевагӣ			
		Зардолу	Себ (шарбати шаффоф-коринашуда)	Себ (шарбати бо фермент коркардшуда)	Олу
Ҳамагӣ, талафот ва партовҳо ҳангоми коркарди технологӣ %	Анъанавӣ	30	51	48,5	36
	Инноватсионӣ	26	48	45,5	31,5
Баромади маҳсулоти тайёр %	Анъанавӣ	70	49	51,5	64
	Инноватсионӣ	74	52	54,5	68,5
Меъёри сарфи маҳсулот ба 1000 кг. шарбат, кг	Анъанавӣ	1428,6	2040,8	1941,7	1562,5
	Инноватсионӣ	1351,3	1923,1	1834,8	1459,8
	% инноватсионӣ\ анъанавӣ	5,4	5,8	5,5	6,6
Истеҳсоли шарбат аз 1000 кг, қуттии шартӣ	Анъанавӣ ва инноватсионӣ	2833	2833	2833	2833
Истеҳсоли шарбат аз 1000 кг, қуттии физикавии ғунҷоишаш I-82-1000 см³ (1л.)	Анъанавӣ ва инноватсионӣ	955,1	953,2	949,4	955,1
Хароҷоти истеҳсолӣ барои 1000 кг шарбат, сом.	Анъанавӣ	13260,3	16671,7	16280,1	12589,0
	Инноватсионӣ	11519,8	14625,6	14262,5	10650,9
	% инноватсионӣ\ Анъанавӣ	13,1	12,3	12,4	15,4
Нархи миёнаи фурӯши 1 қуттии физикавии ғунҷоишаш I-82-1000 см³ (1л.), сом.	Анъанавӣ	21	21,5	21,5	21
	Инноватсионӣ	22	22,3	22,3	22
	% инноватсионӣ\ Анъанавӣ	104,8	103,7	103,7	104,8
Даромад аз фурӯши 1000 кг. шарбат, сом.	Анъанавӣ	20057,1	20493,8	20412,1	20057,1
	Инноватсионӣ	21012,2	21256,4	21171,6	21012,2
	% инноватсионӣ\ Анъанавӣ	104,8	103,7	103,7	104,8
Фоида аз 1000 кг. шарбат, сомонӣ	Анъанавӣ	6796,8	3822,1	4132,1	7468,1
	Инноватсионӣ	9492,4	6630,8	6909,1	10361,3
	% инноватсионӣ\ Анъанавӣ	139,7	173,5	167,2	138,7
Дараҷаи даромаднокӣ, %	Анъанавӣ	51,3	22,9	25,4	59,3
	Инноватсионӣ	82,4	45,3	48,4	97,3
	Фарқияти %	31,1	22,4	23	38

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи корхонаҳои хурди коркард дар водии Ҳисор дар соли 2024

Агар аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.10 хулосабарорӣ намоем, пас маълум мегардад, ки дар натиҷаи коркарди меваи зардолу, себ ва олу бо технологияи муосир талафот ва меъёри харҷи ашёи хом ба 1000 кг шарбат, дар қиёс ба технологияи муқаррарӣ кам буда, ин омил ба арзишафзоӣ аз ҳисоби хароҷоти истеҳсолӣ 12,4-15,4% ва нархи миёнаи фурӯши 1 қуттии физикавии ғунҷоишаш I-82-1000 см^3 (1л.) 3,7-4,8% оварда мерасонад, ки дар натиҷа даромад аз фурӯшро бештар намуда, фоидаро аз 38,7% то 73,5% ва дараҷаи даромаднокӣ 22,4 то ба 38% афзун менамояд.

Хулоса, самаранокии муқоисавии истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ дар корхонаҳои хурди водии Ҳисор бо технологияи анъанавӣ ва инноватсионӣ дар соли 2023 нишон дод, ки ҳангоми коркарди зардолу, себ ва олу бо технологияи инноватсионӣ самаранокии коркарди шарбатҳои мевагиро баланд бардошта, гирифтани фоидаи бештарро фароҳам ва сатҳи даромаднокии корхонаҳои агросаноатиро афзун менамояд.

Аз ҳамин лиҳоз, қайд намудан ба маврид аст, ки иҷораи молиявӣ (лизинг) манбаи нисбатан муносиб ҷиҳати таъмини КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо хатҳои технологии муосир ба ҳисоб меравад. Бояд тазаккур дод, ки лизинг бо хусусиятҳои ба худ хос: талаб накардани амволи гарав; истифодаи пурраи маҳсулоти лизингӣ дар ихтиёри лизинггиранда ва дар оянда соҳиби техника ва таҷҳизот гардидани лизинггиранда аз дигар манбаъҳои дастрасии молиявӣ бартарӣ дорад. Аммо ба андешаи мо монеаҳои зерин сабаби рушд накардани лизинги таҷҳизоти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ гардидаанд:

- дар бештари ширкатҳои лизингии ватанӣ мавҷуд набудани хатҳои технологии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун маҳсулоти лизингӣ;

- муҳлати ками давраи лизинг – 2-3 сол, камтарин ҳолатҳо 5 сол (барои хатҳои технологии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ лизинги дарозмуддат лозим на камтар аз 10 сол);
- фоизи нисбатан баланд – дар бештари маҳсулоти лизингӣ зиёда аз 20%-и солона;
- аз ҷониби ширкатҳои лизингӣ талаби пешпардохт – аксаран 30% аз арзиши маҳсулоти лизингӣ;
- интихоби маҳдуди ҷадвали пардохти лизинг вобаста ба имконияти лизинггиранда (масалан, омили мавсимӣ ба инобат гирифта намешавад);
- ситонидани ААИ, боҷ ва хироҷи гумрукӣ ҳангоми воридоти хатҳои технологии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ;
- аз ҷониби ширкатҳои лизингии кишвар пешниҳод нашудани хизматрасониҳои иловагӣ, ба монанди бозомӯзии кормандон оид ба кор бо инноватсияҳо.

Бартараф намудани монеаҳои болозикр метавонад барои дастрасӣ ба хатҳои технологии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат ва василаи рушди КХМ-и соҳа гардад. Албатта, бе дастгирии давлатӣ бартарафнамоии монеаҳои болозикр ғайриимкон аст.

Хулосаи зербоби 3.2.

1. Технологияи инноватсионӣ ҳамчун асоси стратегияи рушди КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва василаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти агросаноатӣ маҳсуб меёбад;

2. Вазни қиёсии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор бо технологияи маъмулӣ ва инноватсионӣ нишон дод, ки аксаран истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ дар минтақа бо технологияи муқаррарӣ ба роҳ монда шуда, боиси талафёбии маҳсулоти истеҳсолшудаи кишоварзӣ гардидааст. Ҳамчунин, аз тарафи дигар солҳои охир талабот ба маҳсулоти баландсифати ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳифзи солимии аҳолӣ афзуда истодааст. Бинобар ин, татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсол ва коркарди саноатии

маҳсулоти кишоварзӣ талафёбиро кам ва ба истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ниҳоии кишоварзӣ нақши муассир мегузорад.

2. Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ хароҷоти истеҳсолиро 12-15% кам намуда, гирифтани фоидаи бештарро таъмин ва сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳаро баланд мебардорад. Ҳамчунин, исбот карда шуд, ки барои истеҳсоли 1000 кг шарбат бо технологияи инноватсионӣ меъёри сарфи ашёи хом нисбат ба технологияи маъмулӣ аз 5,4% то 6,6% кам шуда, дар натиҷа ба арзишафзоӣ аз ҳисоби хароҷоти истеҳсолӣ 12,4-15,4% ва нархи фурӯш 3,7-4,8% мусоидат ва гирифтани фоидаро 38,7-73,5% ва сатҳи даромаднокиро 22,4-38% афзун менамояд.

3. Муайян карда шуд, ки КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ барои харидории хатҳои технологии инноватсионӣ имконияти молиявӣ надоранд. Бинобар ин, ҷиҳати таъмини КХМ-и коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо хатҳои технологии муосир модели «Агросаноатлизинг» пешниҳод карда шуд. Бо пешниҳоди хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ исбот карда шуд, ки дар ҳолати КХ-и истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ ба тариқи лизинг ба даст овардани хатти технологии ғайримаъмулии тавсиявӣ метавонад дар муддати 10 сол пурра соҳиби он гардад. Ҳисоб карда шуд, ки ба тариқи лизинг ба даст овардани хатти технологии инноватсионӣ ба фоида ва сатҳи даромаднокии корхона таъсири зиёд намерасонад.

4. Бартариҳои ба тариқи лизинг ба даст овардани техника ва таҷҳизоти кокардкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ метавонад омили рушди соҳа гардад. Аммо, дар баробари батариҳо монеаҳои рушди лизиги техника ва таҷҳизоти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ муайян ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод карда шуданд. Хулоса, бе дастгирии давлатӣ бартарафкунии монеаҳои рушди татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ имконнопазир аст.

3.3. Дастгирии давлатӣ-омили такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Дар замони дигаргуниҳои бошитоби иқтисодиёти ҷаҳонӣ мубориза барои ба даст овардани захираҳои ашёи хом, афзоиши даромади содиротӣ, таъмини истеҳсолот бо технологияи инноватсионӣ, тавлиди маҳсулоти қобили рақобат ва эътибори баланди бренди миллӣ байни истеҳсолу истеъмолкунандагон ва тавлиди маҳсулоти ниҳоии кишоварзии воридотивазкунанда, масъалаҳои душвори ҳалнашудаи корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор рафта, ҳамчунин ҳадафи «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «Саноатикунонии босуръати кишвар» таҳти таваҷҷуҳи сиёсати Ҳукумату давлат ва тамаркузи пажуҳишҳои олимони ватанӣ қарор дорад. Ин ду ҳадафи стратегии Ҳукумати кишвар ба рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ алоқамандии зич дорад. Аз тарафи дигар, кишвари мо дар марҳилаи нави гузариш аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ қарор дорад.

Дар марҳилаи нави гузариш имкониятҳои ҷойгиркунии корхонаҳои бузурги коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар нисбат ба дигар соҳаҳои саноат (масалан: саноати истихроҷи сарватҳои табиӣ ва энергетика) маҳдуд мебошад. Дар ин росто ҷойгирнамоии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ омили рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон як қатор муаммо ва омилҳои таъсиррасон мавҷуданд, ки ба ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва афзуншавии самаранокии он таъсири амиқи худро мегузорад.

Аз ин лиҳоз, танҳо дастгирии давлат метавонад муаммоҳо ва омилҳои таъсиррасонро бартараф ва фазои созгорро барои рушду нумуи КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ фароҳам, сатҳи бекориро паст, тавлиди маҳсулоти ниҳоии кишоварзиро афзун, манбаи андозии даромадҳои буҷетро вусъат ва бозори дохилиро ба молҳои баландсифати истеҳсолоти худӣ таъмин намоянд. Маҳз рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ яке аз бахшҳои таккондиҳандаи рушди босуръати саноатикунонии кишвар ва ба ин васила таъмини

амнияти озуқаворӣ, рушди иқтисодиёти агросаноатӣ ва дар умум иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки новобаста аз бунёд ва ҷойгиркунии бештари корхонаҳои саноатии нав бо шумораи назарраси ҷойҳои нави ко-рӣ ҳоло ҳам мавсимии фаъолияти онҳо сабаби пешниҳоди ҳисоботҳои сиф-рӣ, ҳатто аз фаъолият бозмондани онҳо шуда истодааст (ниг. ба расми 3.4.).



Расми 3.4.- Корхонаҳои саноатии нав ташкилёфта, ҳисоботи сифрӣ пешниҳодкарда ва аз фаъолият бозмонда дар солҳои 2018-2023

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шуд

Таҳлили маълумоти омории солҳои таҳқиқшаванда нишон дод, ки дар 6 соли охир 1078 адад корхонаҳои саноатии нав ба фаъолият оғоз намуда, аммо дар ин муддат 1296 адад корхона ҳисоботи сифрӣ пешниҳод карда, ҷамъ 522 адади он фаъолияти худро қатъ намудаанд, ки 48,4%-и корхонаҳои навтаъсисро ташкил медиҳад.

Аз маълумоти расми 3.4. хулосабарорӣ менамоем, пас маълум мегардад, ки раванди таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бо дастгирии давлат қаноатмандкунанда буда, аммо муаммоҳо ва омилҳои таъсиррасон, ба монанди таваккалӣ ташкил кардани корхона, нарасидани мутахассисони баландихтисос, норасоии маблағ, меъёри баланди андоз, сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии соҳибкорон, надоштани бозори фурӯш, сифати пасти маҳсулот ва

воридоти молҳои саноатии арзон аз хориҷи кишвар боиси боздоштани фаъолият ва ё барҳамхӯрии корхонаҳои соҳа гардидааст.

Бояд қайд намоем омили дигар, ки сабаби кам шудани коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва бахусус, водии Ҳисор гардидааст ин истифодаи нопурраи иқтидорҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад (Ҷадвали 3.11.).

Ҷадвали 3.11.-Истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2021-2023

Номи корхона	Воҳиди ченак	Иқтидор	2021		2022		2023	
			Истеҳсол	Фоизи истифода,%	Истеҳсол	Фоизи истифода,%	Истеҳсол	Фоизи истифода,%
Корхонаҳои истеҳсоли ҳасиб								
ҶДММ «Покиза М», ш.Душанбе	тн	610,9	462,7	75,7	535,43	87,6	487,0	79,7
ҶДММ «АКОМА» ш.Душанбе	тн	266,4	-	-	11,7	4,4	64,5	24,2
ҶДММ «Азиза Душанбе»	тн	140	53,9	38,5	50	35,7	120,9	86,4
Корхонаҳои истеҳсоли равғани маска								
ҶСП «Комбинати шири Душанбе»	тн	55	32,7	59,4	33,2	60,4	33,4	60,7
ҶСК «Авитсена», ш.Ҳисор	тн	17,5	1,8	10,3	6	34,3	1,8	10,3
Корхонаҳои истеҳсоли панир								
ҶСП «Комбинати шири Душанбе»	тн	87,9	55,7	63,4	55,01	62,6	55,0	62,6
ҶСК «Комбинати Панир», ш.Душанбе	тн	10	0	0	0	0	0,0	0,0
ҶДММ «Тоҷ-Мол», ш.Турсунзода	тн	104,3	0,77	0,7	0,7	0,6	0,7	0,6
Корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ширӣ холис								
ҶДММ Фабрикаи шири «Саодат», ш.Душанбе	тн	2640	2414,6	91,5	2458,7	93,1	2483,5	94,1
ҶДММ «Сафо-2015», н.Шаҳринав	тн	37,4	37,4	100	32,3	86,4	5,0	13,4
ҶДММ «Элок-2015», н.Файзобод	тн	273,8	37,9	13,8	38	13,9	41,6	15,2
Корхонаҳои истеҳсоли консерваҳои гӯштию растаниҳо								
ВМ ҶДММ «АКВА» ш.Душанбе	ҳ.қ. ш.	30	1,2	4	1,4	4,7	1,6	5,3
АТАМ ҲҶТ «Корхонаи коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ» ш.Ваҳдат	ҳ.қ. ш.	1050	1026,6	97,8	317,5	30,2	3,4	0,3
Корхонаҳои истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот								
ҶДММ «Шарбатҳо», ш.Душанбе	ҳ.қ. ш.	4152	197,9	4,8	202,5	4,9	202,5	4,9
ҶДММ «Маҳсулоти табиӣ» Файзобод	ҳ.қ. ш.	15,0	2	13,3	2,5	16,7	2,8	18,7
ҶДММ «Гулоб», н.Файзобод	ҳ.қ. ш.	30	1,7	5,7	2	6,7	1,8	6

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Раёсати саноат ва инноватсияи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шуд.

Аз маълумоти ҷадвали 3.11. бармеояд, ки дар солҳои таҳқиқшаванда корхонаҳои истеҳсолии ҳасиб - ҶДММ «Покиза М» аз 75,7% то 87,6, ҶДММ «АКОМА» аз 4,4% то 24,2% ва ҶДММ «Азиза Душанбе» дар шаҳри Душанбе аз 38,5% то 86,4%-и иқтидори истеҳсолии худро истифода кардаанд. Бояд иброз дошт, ки ҶДММ «АКОМА» ягона корхонае мебошад, ки дар Осиёи Марказӣ ҳамто надошта, бо технологияи инноватсионӣ таҷҳизонида шуда, дорои сертификати ISO 22000-2019 мебошад. Бинобар сабаби навтаъсис буданаш иқтидори истифодабарии он дар марҳилаи нави рушд қарор дорад.

Коргоҳҳои истеҳсоли равғани маска бошад-ҶСП «Комбинати ширии Душанбе» зиёда аз 59% то наздик ба 61% ва ҶСК «Авитсена»-и ш.Ҳисор хеле кам 10,3-34,3% иқтидори истеҳсолии худро истифода кардаанд.

Ҳамчунин, маълумоти оморӣ гувоҳи онанд, ки дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор аз ҳама сатҳи пасти истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои консерваҳои меваю сабзавот мушоҳида мешавад. Ин корхонаҳо давоми солҳои 2021-2023 ҳамагӣ 4,8-18,7%-и тавоноии худро истифода кардаанд, ки назар ба дигар корхонаҳо паст мебошад.

Дар байни корхонаҳои таҳқиқшаванда танҳо ҶДММ Фабрикаи ширии «Саодат»дар шаҳри Душанбе тавоноии худро мутаносибан аз 91,5% то 94,1% истифода намудааст, ки дар он афзуншавии истифодаи иқтидори истеҳсолӣ мушоҳида мешавад.

Сабаби асосии афзуншавӣ дар истифодаи иқтидор аз як тараф доштани бозори фурӯши худӣ (мағозаҳои фирмавӣ) бе миёнарав бошад, аз тарафи дигар андозаи он (корхонаи бузург) ба ҳисоб меравад. Зеро корхонаҳои бузург имкониятҳои нисбатан васеи молиявӣ доранд, ки ба таъсири омилҳои берунӣ тоб оварда метавонанд.

Аз маълумоти ҷадвали 3.11. ба назар мерасад, ки бештари корхонаҳое, ки иқтидори худро истифода карда натавонистаанд, корхонаҳои КХМ мебошанд. Пас, маълум мегардад, ки КХМ бинобар

сабаби маҳдуд будани имкониятҳо наметавонанд иқтидори худро пурра истифода баранд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои расми 3.4. ва ҷадвали 3.11. аз он далолат мекунанд, ки тамоюли аз фаъолият бозмондан ва барҳамдиҳии корхонаҳои соҳа ва ҳамчунин сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ нишон дод, ки бе дастгирии давлатӣ пешрафти босуръати ин бахши муҳимми иқтисодиёт ғайриимкон аст. Ба андешаи мо, ин тамоюл тақозо менамояд, ки давлат сиёсати ҳавасмандгардонии ояндадор, аз ҷумла: роҳҳои ҳавасмандгардонии андозӣ-гумрукӣ, қарзӣ-молиявӣ, инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ, омӯзишӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ-таҷрибавӣ ва машваратӣ-маркетингӣ тағйир диҳад. Аз ҳамин ҷиҳат, такмили механизмҳои асосии дастгирии давлатии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муҳим мебошад.

Маврид ба зикри хос аст, ки сифати фаъолияти КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ низ масъалаи ҳалталаб боқӣ монда истодааст. Зеро ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии ҷиҳатҳои мусбат ва манфии натиҷаҳо ва самаранокии корхонаҳои коркард кофӣ буда наметавонад. Таҳлил ва баҳодиҳии сифатӣ барои дарёфт ва ҷойгиркунии шаклҳои СХМ, инчунин рушди василаҳои дастгирии давлатии онҳо муҳим мебошад. Муҳиммияти омили сифатӣ дар он возеҳ мешавад, ки сиёсати татбиқшавандаи дастгирии давлатӣ бояд бо дарназардошти пешгӯйикунӣ ва ё ояндабинӣ (дурнамои рушду тараққиёт) роҳандозӣ карда шавад. Бинобар ин, мо бо мақсади муайянкунии самтҳои дастгирии давлатии ояндадор бо истифода аз методҳои иқтисодию математикӣ дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзиро дар водии Ҳисор пешгӯйӣ ва ҳисоби афзоиши бузургиҳоро ба воситаи усули экстрополатсия барои давраи то соли 2030 муайян намудем. Баҳри пешгӯйии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор мо аз усули лағжиши миёна истифода намудем. Моҳияти усули мазкур дар он «аст, ки суръати афзоиш дар 6 давраи наздик ҷамъ гардида, ба адади 6

тақсим карда мешавад. Ҳамин тавр, баробарии базисии суръати афзоиш ҳосил мешавад» [183].

«Дар асоси баробарии нишондиҳандаҳо тағйирёбии миёнасолона бо формулаи зерин муайян карда мешавад:» [183].

$$Бо - Б1\Delta = n - 1, \quad (1),$$

Дар ин ҷо:

Бо – бузургии охири баробаркунии қатор;

Б1 – бузургии аввал;

n – шумора баробаркунии бузургиҳо

«Дурнамои суръати афзуншавӣ дар марҳилаи баъдина бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:» [183].

$$Бх = Бо + 2\Delta \ldots \quad (2),$$

Банақшагирии ҳаҷми нишондиҳандаҳо бо тартиби зер муайян карда мешавад:

$$Бнақ = \frac{Бҳсҳ\ (100 + Боа)}{100} \quad (3),$$

Дар ин ҷо:

Бҳсҳ - бузургии ҳақиқии соли ҳисоботӣ;

Бнақ - бузургии нақшавӣ

Ҳамчунин, ҷоиз аст, ки ҳангоми нишондиҳандаҳои ояндабинӣ бузургии миёнаро низ истифода барем. Акнун нишондиҳандаҳои дурнамо бо формулаи зер шуморӣ карда мешавад

$$Бнақ = Бҳсҳ + \Delta, \quad (4)$$

Дар ин ҷо:

Δ - нишондиҳандаи рушди миёнасолона

$$\Delta = \frac{\Delta 1 + \Delta 2 + \cdots . + \Delta Б}{n-1} \qquad \Delta Б = \frac{Бо - Б1}{n-1}$$

Мувофиқи пешгӯйикунии мо бе назардошти омилҳои таъсиррасони табиӣ, яъне ҳисоби афзуншавии экстенсивӣ ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар соли 2025 ба 33,3%, шир 8,1%, сабзавот, 29,7%, полизӣ 20,5%, меваю буттамева 9,2% ва ангур 40,8% зиёд хоҳад шуд. То давраи соли 2030

бошад нисбати соли 2023 дар ҳаҷми 28,6%-и шир, то 2,4 баробар истеҳсоли ангур меафзояд. Гарчанде сол то сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақа майли зиёдшавиро дошта бошад ҳам, аммо аз ҳисоби афзоиши талабот мумкин аст ҳаҷми коркард тағйир ёбад.

Ҷадвали 3.12.-Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор барои давраи то соли 2030 ***(ҳаз.т.)***

Номгӯйи маҳсулот	**Солҳо**						**Дурнамо**			**Сатҳи дурнамо нисбат ба соли 2023, %**	
	2018	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2025**	**2028**	**2030**	**2025**	**2030**
Гӯшт	34,6	36,2	38,6	43,2	46,5	51,1	68,1	93,6	110,6	133,3	216,4
Шир	150,6	153,0	154,0	155,9	158,4	165,4	178,9	199,1	212,3	108,1	128,6
Сабзавот	360,5	384,9	413,2	441,0	423,7	545,9	708,3	952,1	1114,6	129,7	204,1
Полизӣ	15,4	14,7	16,0	17,6	17,2	23,8	28,7	36,1	41,0	120,5	172,3
Мева ва буттамева	64,9	65,3	61,5	61,8	72,3	82,6	90,2	101,6	109,2	109,2	132,2
Ангур	76,0	79,4	81,1	104,3	116,0	46,5	65,5	93,8	112,8	140,8	242,5

Сарчашма: *Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2024,-С. 162-180 ва С. 282-286 ҳисоб карда шуд*

Ҷиҳати пешгӯйикунии истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор бо истифода аз формулаҳои дар боло овардашуда бо усули миёнаи лағжиш тартиби ҳисоб ба тариқи зайл сурат мегирад. Мисол, барои пешгӯйикунии истеҳсоли гӯшт:

ΔБ2 = 2-1 = 36,2 - 34,6 = 1,6 ΔБ3 = 3-1 = 38,6 - 34,6 = 4,0

ΔБ4 = 4-1 = 43,2 - 34,6 = 8,6 ΔБ5 = 5-1 = 46,5 - 34,6 = 11,9

ΔБ6 = 6-1 = 51,1 - 34,6 = 16,5

$$\Delta = \frac{1,6 + 4,0 + 8,6 + 11,9 + 16,5}{\Delta = n - 1} = \frac{42,6}{\Delta = 6 - 1} = \frac{42,6}{5} = 8,5$$

Яъне, барои соли навбатӣ ҳаҷми истеҳсоли гӯшт (51,1+8,5) ба 59,6 ҳазор тонна омада мерасад. Барои солҳои баъдӣ низ пешгӯйӣ намудан то давраи соли 2020 бо ҳамин тартиб сурат мегирад.

Ҷадвали 3.13.-Тартиби ҳисоб намудани дурнамои истеҳсоли гӯшт дар водии Ҳисор барои давраи то соли 2030

Солҳо	Бузургиҳои шартӣ	Нишондоди ҳосилнокӣ	Суръати афзоиши истеҳсолот, %	
			занҷирӣ	базисӣ
Якум	$Б_1$=0	n_1= 51,1	-	-
Дуюм	$Б_2$=1,6	n_2= 51,1+8,5=59,6	116,6	116,6
Сеюм	$Б_3$=4,0	n_3= 59,8+8,5=68,1	114,3	133,3
Чорум	$Б_4$=8,6	n_4= 68,1+8,5=76,6	112,5	149,9
Панҷум	$Б_5$=11,9	n_5= 76,6+8,5=85,1	111,1	166,5
Шашум	$Б_6$=16,5	n_6= 85,1+8,5=93,6	110,0	183,2

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоои Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024,-С. 162-180 ва С. 282-286 ҳисоб карда шуд

Тавре аз нишондодҳои ҷадвали 313. бармеояд, мувофиқи дурнамо истеҳсоли гӯшт ҳамасола, ба ҳисоби миёна 8,5 ҳазор тонна афзун шуда, то соли 2025 ба 68,1 ҳазор тонна ва то соли 2028 ба 93,6 ҳазор тонна расонида шуда, солҳои минбаъда бо ҳамин тартиб суръати афзоиш идома меёбад.

Хулоса, таҳлили дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор қонеъкунанда буда, сиёсати дастгирии давлатӣ дар самти ҷойгирнамоии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ бо дарназардошти дурнамо роҳандозӣ карда мешавад.

Дар марҳилаи аввал дастгирии давлатӣ ҷиҳати истифодаи пурраи иқтидори истеҳсолии мавҷудаи корхонаҳои соҳа равона карда шуда, сипас оид ба ҷойгирнамоии КХМ-и соҳа бо технологияи инноватсионӣ самтгирӣ карда шавад. Чунки таҳқиқот нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти иқтидорҳои мавҷуда ва дурнамои истеҳсоли ашёи хом ҷойгир намудани КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба рушди бо суръати соҳа мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, сиёсати дастгирии давлатиро зарур аст, ки барои бартарафсозии муаммоҳо ва омилҳои таъсиррасони соҳа чораҳо андешанд.

Таҳқиқот нишон доданд, ки муаммоҳо ва омилҳои зерини таъсиррасон сабаби аз фаъолият бозмонда, барҳамдиҳӣ, фаъолият накардан бо иқтидори пурра ва дар умум рушд наёфтани КХМ–и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ гардидаанд:

- номуайянии ҳуқуқии миқёси корхонаҳо, нокифоягии манбаъҳои оморӣ-иттилоотӣ аз руйи миқёси корхона, соҳа ва минтақа (бо мақсади муайянкунии дастгирии давлатии субъектҳои хоҷагидорӣ);
- номукаммалии ҳавасмандиҳои андозӣ-гумрукӣ ва тавоноии дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ-қарзӣ, лизингӣ, сармоягузорӣ;
- имкониятҳои маҳдуди дастрасӣ ба хатҳои технологии инноватсионӣ ва иттилоот надоштан дар бораи хатҳои технологии инноватсионии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо сабаби набудани маҳзани ягона;
- номуайянии пешгӯйии нарх, сатҳи пасти тахассуснокии мутахассисони пешгӯйии тақозои воқеӣ ва мавҷуд набудани бозори фурӯши маҳсулоти коркардшуда;
- нарасидани муттахасисони баландихтисоси соҳа;
- камбудӣ маблағҳои худӣ;
- сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат дар соҳа;
- сатҳи пасти ҳамгироии илм бо истеҳсолот ва корхонаҳои коркард бо олимони соҳа;
- раванди сусти электронӣ ва рақамикунонии соҳа.

Дар ҳамин масир, пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати ҳалли муаммо ва омилҳои манфии таъсиррасон дастгирии давлатӣ ба самтҳои зерин бояд равона карда шавад:

Якум, пеш аз ҳама бояд қайд намоем, ки соҳаи агросаноатӣ як бахши муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки дар он корхонаҳои аз ҷиҳати ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва андозаашон гуногун фаъолият менамоянд. Давлат бо мақсади дастгирии ин бахши иқтисодиёт бояд асосҳои ҳуқуқии тамоми субъектҳоро таъмин ва онҳоро вобаста ба андозаашон аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт ҷудо намуда пешбурди маълумоти оморӣ-иттилоотиро низ аз рӯйи миқёс, соҳа ва минтақа амалӣ намояд. Ин имконият медиҳад, ки корхонаҳои аз рӯйи андоза, соҳа ва минтақа суст инкишоф ёфта, муайян ва дастгирии давлатӣ маҳз ба ҳамин самт равона карда шавад. Чунки давлат наметавонад дар як вақт ҳамаи субъектҳои фаъолияти соҳибкориро дар якҷоягӣ дастгирӣ намояд. Ҳамчунин, ин

механизм моҳият ва сохти низоми танзим ва дастгирии давлатиро вобаста ба воқеияти хоҷагидорӣ дақиқ менамояд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, сиёсати дастгирии давлатӣ бояд ба самти мусоидат ба тараққиёти зерсохторҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шавад. Дар ин робита зарур аст, ки нақши давлат ва равишҳои дастгирии давлатии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ муайян карда шуда, иқдом барои тағйири ҷанбаҳои фаъолияти КХМ бо ҳамшарикии давлат амалӣ гардад. Ҳамчунин, ин механизм имконият медиҳад, ки дастгирии давлатӣ ба минтақаҳои аз ҷиҳати соҳибкории истеҳсолӣ қафомонда ва дорои сатҳи нокифояи маърифати истеҳсолӣ-саноатӣ равона карда шавад.

Дуюм, низоми амалкунандаи ҳавасмандиҳои молиявӣ барои дастгирии КХМ то сатҳи зарурӣ рушду такмил наёфтааст, ки аз ҷумлаи онҳо ҳавасмандиҳои андозӣ мебошад. Гарчанде мувофиқи сархати 2, банди 1 ва 2, моддаи 15-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкории хурд-фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқие, ки даромади умумии онҳо дар 12 моҳи пайдарпайи гузаштаи тақвимӣ то 1 000 000 (як миллион) ва фаъолияти соҳибкории миёна, зиёда аз 1 000 000 (як миллион) то 25 000 000 (бисту панҷ млн сомонӣ)-ро ташкил медиҳад, дохил карда шуда бошад ҳам, аммо мувофиқи моддаи 378-и кодекси болозикр имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкории хурд бисёр маҳдуд мебошад. Ҳамчунин, мувофиқи низоми содакардашудаи андозбандӣ меъёри 6 фоизаи андозбандӣ танҳо барои доираи маҳдуди соҳибкорони хурд тадбиқ мегардад. Бештари онҳо, аз ҷумла КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ андоз аз даромадро бо меъёри 13% пардохт менамоянд, ки нисбатан баланд мебошад.

Муаммои дигар дар ин самт муайян намудани манбаи андоз вобаста ба даромади корхона мебошад, ки ҳангоми гирифтани даромад андози зиёд пардохт менамояд, ин ҳавасмандии молиявиро барои гирифтани даромади бештар аз байн мебарад. Инчунин, соҳибкор барои пардохти

андози камтар кӯшиш менамояд, ки даромадҳои худро пинҳон намояд, ин ҳолат ҳангоми санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз боиси қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ мегардад.

Яке аз мушкилоти дигар, аз лаҳзаи оғоз намудани фаъолият ситонидани андоз аз даромад мебошад, ки барои соҳибкори навтаъсис як навъ вазнинӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки:

- ☑ субъектҳои СХМ-и навтаъсис вобаста ба соҳаҳои фаъолият ба муҳлати 3-5 сол аз пардохти андоз аз даромад озод карда шаванд;
- ☑ манбаи андоз барои КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи истифодаи иқтидор бо усули чаппа «истифодаи бештари иқтидор-фоизи пасти андоз» (масалан, ҳангоми истифодаи 50%-и иқтидор андоз аз даромад 10%, 70%-и иқтидор 7% ва 100%-и иқтидор 4%) роҳандозӣ карда шавад;
- ☑ ҳавасмандиҳои андозӣ барои гузариш аз як миқёси фаъолият ба миқёси дигар (масалан, аз корхонаи хурд ба миёна ва аз миёна ба бузург) бояд роҳандозӣ карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки соҳибкор барои васеъ намудани доираи истеҳсолоти худ кӯшиш намояд.

Бояд қайд намуд, ки ба рушди КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасмандиҳои зерини гумрукӣ низ муҳим мебошанд:

- аз пардохтҳои гумрукӣ озод намудани воридоти хатҳои технологии инноватсионии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- паст кардани тарофаҳои гумрукӣ барои воридоти ашёи хоми соҳа;
- танзими молҳои воридотие, ки дар дохили кишвар истеҳсол мешаванд (ба меъёри маҳдуд иҷозат додан ё манъ кардани воридот ҳангоме, ки истеҳсолоти худӣ талаботи аҳолиро қонеъ карда метавонад).

Ҳамчунин, ҷиҳати рушди корхонаҳои соҳаи агросаноатӣ шартҳои додани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба КХМ бояд тағйир дода шавад. Фоизи баланди қарз дар айни замон имконият намедиҳад, ки КХМ бахусус корхонаҳои навтаъсис аз қарзи бонкӣ истифода баранд.

Бинобар ин фоизи максималии қарз ба корхонаҳои соҳа набояд аз 10%-и солона зиёд бошад.

Бояд қайд кард, ки бе ҷалби сармояи хориҷӣ ва корбурди хатҳои технологии нав рушди босуръати КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ новобаста аз мавҷудиёти назарраси қувваи корӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ имконнопазир аст. Сармоягузориҳои хориҷиро ҷиҳати лоиҳаҳои мушаххаси коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, ҷойгиркунии корхонаҳои муштарак дар минтақаҳо ва ивазнамоии хатҳои технологии маъмулӣ ба инноватсионӣ ҷалб намудан зарур аст. Дар ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дастгириҳои давлатиро зарур аст ба самтҳои зерин равона карда шавад: ҳавасмандиҳои пулӣ ба мутахассисони донандаи забонҳои хориҷӣ ва дорои малакаҳои махсуси таҳияи лоиҳаҳо ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ ; устувории шарикии натиҷадиҳандаи дуҷонибаю бисёрҷанба бо кишварҳои ҳамҷавор ва хориҷи дур; таъсиси раёсати маркетингӣ ва таблиғотӣ дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаҳои он дар МИҲД-и вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дастгирии молиявии онҳо бо мақсади муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ; аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои болозикр муаррифии навъҳои беҳтарини маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзию саноатӣ тавассути интернет-сайтҳо бо забонҳои муошрати байналмилалӣ; шаффофият дар идоракунии молиявӣ; таҳия ва қабули барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои минтақавӣ ва ғайра.

Сеюм, баҳри таъмини КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо хатҳои технологии инноватсионӣ ва бартарафсозии мушкилоти доштани иттилоот оид ба техника ва таҷҳизоти муосири коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод менамоем, ки таваҷҷуҳи давлат бо мақсади дастгирии соҳа ба самтҳои зерин равона карда шавад: а) дар сохтори Вазорати саноат ва технологияҳои нав таъсиси корхонаи зерсохтор-«Корхонаи воҳиди давлатии Агросаноатлизинг» баҳри таъмини корхонаҳои соҳа ба техника ва таҷҳизоти муосири

инноватсионӣ; б) дар сметаи хароҷоти буҷети давлати ҷорӣ намудани хароҷот ба фонди оинномавии корхонаи болозикр ва ҳамасола ҷудо намудани маблағ барои фаъолияти он то давраи худтаъминкунӣ; в) додани имтиёзҳои андозӣ-гумрукӣ ба корхонаҳои воҳиди давлатӣ ҳангоми воридоти техника аз хориҷи кишвар.

Корхонаи болозикрро зарур аст: 1) дар асоси созишнома харидории хатҳои технологии инноватсионӣ аз истеҳсолкунандагони хориҷӣ ва ба корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дар асоси шартномаҳои лизингӣ ба муҳлати нисбатан дароз барои истифодабарӣ додан; 2) бо ҷалби кормандони соҳибтахассус таъсиси сохтори хизматрасонии техникӣ ва бозомӯзии кормандони корхонаҳо барои истифодаи техника ва таҷҳизоти соҳа; 3) дарёфти лоиҳаҳои грантӣ барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ; 4) воридоти дастгоҳҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ

Чаҳорум, яке аз самтҳои муҳимми танзим ва дастгирии давлатии иқтисодиёт ин сиёсати нархгузорӣ мебошад. Таҷрибаи амалкунандаи танзим ва дастгирии давлатии нархгузорӣ нишон дод, ки дар ин самт камбудиҳои ҷиддие ҷой доранд. Сиёсати нархгузории давлатӣ бояд барои якҷояшавии нархҳои озоди бозорӣ ва нархҳои танзимкунандаи давлат шароит фароҳам оварад. Бояд намудҳои зерини нарх вуҷуд дошта бошанд:

- ***<u>нархҳои кафолатӣ</u>*** дар худ нархҳои ҳадди ақалеро таҷассум менамояд ва дар ҳолате аз тарафи давлат кафолат дода мешавад, ки агар дар бозор ягон намуди маҳсулот хеле зиёд бошад, дар натиҷаи ин нархи бозорӣ дар ниҳояти кор аз ҳадди худтаъминкунии истеҳсоли ин маҳсулот ба пастравӣ шуруъ мекунад. Зимнан, одатан якчанд шартҳои муҳим пешбинӣ мегарданд:

– ҳаҷми маҳсулоти дар қарордод инъикосёфта муайян карда мешавад, ки ба он нархҳои кафолатӣ қобили қабул мегардад;

– ҳаҷми воситаҳои пулие маҳдуд карда мешавад, ки молистеҳсолкунандаи соҳаи агросаноатӣ метавонад дарёфт намояд;

– баъзан нархи кафолатиро метавон дар хоҷагие истифода кард, ки сатҳи истеҳсолоти самараноки нисбатан баланд дорад ва ғайраҳо;

❖ ***<u>нархи мақсаднок</u>*** худмаблағгузории корхонаҳои соҳаи агросаноатиро бо сатҳи миёна ва ками хароҷот кафолат медиҳад. Маҳсулот бо нархи бозорӣ фурӯхта мешавад, ки мумкин аст бо нархи мақсаднок мувофиқ наояд. Аммо, агар нархи бозорӣ аз нархи мақсаднок камтар бошад, он гоҳ истеҳсолкунанда фарқияти байни онҳоро мегирад. Ин фарқият пардохти ҷубронӣ мебошад ва он дар асоси ҳисоби миёнаи нархи чакана ҳисобӣ карда мешавад. Моҳиятан ин намуди нарх бо нархи ҳадди ақале рост меояд, ки масалан фермерҳои ИМА барои маҳсулоти худ дарёфт менамоянд. Бинобар ин, дар баъзе мамлакатҳо нархи мақсаднокро нархи кафолатӣ меноманд.

❖ ***<u>нархҳои гаравӣ</u>*** дар худ чунин намуди нархро таҷассум менамоянд, ки тибқи онҳо давлат дар солҳои ҳосили нисбатан баланд маҳсулоти зиёдатии истеҳсолшударо мехарад. Чунин чорабиниҳо дар шакли амалиёти гаравӣ гузаронида мешаванд. Нархи гаравӣ дар сатҳи муайян муқаррар карда мешавад ва бояд даромади молистеҳсолкунандаро ба миқдори ҳадди ақал таъмин намояд.

Ба маънои дигар нархҳои ниҳоӣ нархи ҳадди ақали воридот мебошанд. Ин ба он алоқаманд аст, ки дар аксар ҳолатҳо маҳсулоти ҳаммонанди молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз рӯйи сифат, хароҷот ва нарх рақобатпазир нестанд. Аммо, дар шароити ҳамроҳшавӣ ба СУС чунин намуди нархҳо метавонанд танҳо аҳаммияти иттилоотӣ дошта бошанд.

❖ ***<u>нархҳои устувор</u>*** методи экстраординарии таъсири давлатӣ ба вазъияти иқтисодӣ мебошад. Бисёр вақт он барои молҳои аҳаммияти иҷтимоидошта, пеш аз ҳама нон истифода мешавад. Дар ҳолате ки агар нархи устувор аз баробарвазн баланд бошад, дар бозор метавонад барзиёдии мол пайдо шавад, агар пасттар бошад, камчинии мол ба назар мерасад.

Амалинамоии нархҳои болозикр, аз як тараф метавонад рақобатпазирии молҳои истеҳсолоти ватаниро нисбат ба молҳои воридоти таъмин намуда, аз тарафи дигар як навъ дастгирии давлатӣ дар самти рақобатпазирии истеҳсолоти худӣ эътироф гардад.

Ҳамчунин, дастгирии давлатӣ ҷиҳати аз ҷониби корхонаҳои коркардкунанда таъсиси мағозаҳои фурӯши фирмавӣ бояд ба самтҳои зерин равона карда шавад: аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ҷудо намудани қитъаи замин барои бунёди мағозаҳои фирмавӣ; дар бозорҳои маҳаллӣ ва бозорҳои калон ҷудо намудани ҷой барои ташкили мағозаҳои фурӯши фирмавӣ.

Хулосаи зербоби 3.3.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили дастгирии давлатӣ ҳамчун омили такмили ҷойгиркунии КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Гарчанде давоми солҳои таҳқиқшаванда дар миқёси ҷумҳурӣ ба фаъолият шуруъ намудани 1078 адад корхонаҳои навтаъсис аз сатҳи баланди дастгирии давлатии соҳа гувоҳӣ диҳанд, аммо дар ин муддат аз ҷониби 1296 адад корхона пешниҳоди ҳисоботи сифрӣ ва барҳамхӯрии 522 корхонаҳои соҳа аз сатҳи пасти ҳавасмандиҳои молиявӣ шаҳодат медиҳанд;

2. Таҳлили истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Ҳисор нишон дод, ки дар солҳои 2021-2023 корхонаҳои истеҳсоли ҳасиб аз 4,4% то 87,6%, истеҳсоли равғани маска аз 10,3% то 61%, истеҳсоли панир аз 0,6% то 63,4 ва корхонаҳои истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот аз 4,8% то 18,7%-и тавоноии худро истифода кардаанд. Лекин, дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар водии Ҳисор барои давраи то соли 2030 нишон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар соли 2025 ба 33,3%, шир 8,1%, сабзавот, 29,7%, полизӣ 20,5%, меваю буттамева 9,2% ва ангур 40,8% зиёд хоҳад шуд. То давраи соли 2030 бошад нисбат соли 2023 дар ҳаҷми 28,6%-и шир то 2,4 баробар истеҳсоли ангур афзоиш хоҳад ёфт. Аз

ин лиҳоз, сатҳи барҳамхурӣ ва истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дурнамои коркарди маҳсулоти кишоварзиро бо назардошти воридоти маҳсулоти асосии кишоварзӣ аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин карда наметавонад;

3. Ҳоло дар водии Ҳисор имконияти зиёде оид ба ҷойгиркунии КХМ-и нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла оид ба коркарди гӯшт, шир, сабзавот, полизӣ, мева ва буттамева, ангур, зағир, пахта ва ғайра мавҷуд аст. Дар ин замина имконият пайдо мегардад, ки талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти ниҳоии арзон ва баландсифати кишоварзӣ таъмин карда шавад ва барои бунёди ҷойҳои нави корӣ, қадамҳои устуворро дар роҳи саноатикунонии босуръати кишвар, амалӣ гардидани стратегияи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мустаҳкам ва беназир хоҳад буд;

4. Хулоса, давлатро зарур аст сиёсати худро ҷиҳати роҳҳои ҳавасмандгардонии ояндадор, аз ҷумла ҳавасмандгардонии андозӣ-гумрукӣ, қарзӣ-молиявӣ, инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ, омӯзишӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ-таҷрибавӣ ва машваратӣ-маркетингӣ тағйир диҳад.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар асоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, омӯзиши асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба асосҳои назариявию амалии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ чунин хулоса ва пешниҳодҳо бароварда шуданд:

1. Дар раванди таҳқиқоти илмии мафҳум ва моҳияти иқтисодии корхонаҳои хурду миёна муайян карда шуд, ки олимони ватаниву хориҷӣ оид ба нақши назаррас доштани корхонаҳои хурду миёна дар рушди иқтисодиёт ақидаҳои зиёд пешниҳод намудаанд, аммо то ҳоло мафҳуми ягонаи корхонаҳои хурду миёна ба таври дақиқ пешниҳод карда нашудааст. Бинобар ин, мо мафҳуми корхонаҳои хурду миёнаро вобаста ба сатҳи рушди иқтисодиёт пешниҳод намудем. КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ - ин як навъ фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи бо критерияҳои маҷмуии қонунан ҷудокардашуда, ки ашёи хоми соҳаи кишоварзиро ба маҳсули барои истифода ва истеъмол тайёр, аз он ҷумла коркарди ибтидоӣ ва ниҳоӣ менамоянд, ки ҳадафи асосии онҳо муносибгардонии маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, мо дар таҳқиқоти худ КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзиро ҳамчун як ҷузъи соҳибкории хурду миёна баррасӣ намуда, ба хулоса омадем, ки бо нишондиҳандаҳои маҷмуии ҷудо намудани корхонаҳои хурду миёна аз корхонаҳои калон имконият медиҳад, ки танзим ва дастгирии давлатии соҳаи мазкур мукаммал гардида, дар муайянкунии андозаи корхонаҳои хурду миёна ба инобат гирифтани сатҳи рушди иқтисодиёт ба соҳаҳои хоҷагии халқ муҳим мебошад [6-М];

2. Дар таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуд, ки омили муносибгардонии ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ҳаҷми истеҳсоли ашёи хом, бозори истеъмолӣ, ифрасохтор, захираҳои меҳнатии соҳибтахассус, энергетикӣ, логистикӣ, иқтидори илмӣ-техникӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, экологӣ ва бахусус, миқёси корхона маҳсуб ёфта, тавсия карда шуд, ки дар қонунгузории

соҳаи соҳибкории хурду миёна принсипҳои «идоракунии мутамарказ», «мувозинатии ҷойгиркунӣ», «масъулияти мақомоти давлатӣ», «тафриқаи корхона аз рӯйи ҳаҷм» муайян ва дар амал татбиқ карда шавад. Ҳамчунин, исбот карда шуд, ки дар бештари ҳолат барои муайян намудани сарҳади андозаи корхона истифода як ва ё ду нишондиҳанда наметавонад дақиқан андозаи корхонаҳоро муайян намояд.

Бинобар ин пешниҳод карда шуд, ки барои ҷудо намудани андозаи корхонаҳо «критерияҳои маҷмуӣ» истифода ва онро аз рӯйи объекти идоракунӣ ва вазифаҳои субъекти идоракунанда ҷудо намуда, шумораи кормандон, дороиҳо, сифати дороиҳо, иқтидор ва истифодаи он ва даромади солонаи корхона ҳамчун нишондиҳандаҳои муайянкунандаи андозаи соҳибкорӣ қабул карда шавад [7-М, 14-М].

Дар ин самт, ҷиҳати такмили механизмҳои ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёна дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи таҷрибаи низоми ташкил ва дастгирии давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Хитой, Ҷопон, Узбекистон ва ғайра дар асоси: стратегияи хосияти инноватсионидошта, низоми самараноки дастгирии молиявӣ-қарзӣ, ҳавасмандгардониҳои андозӣ-гумрукӣ, инфрасохтори рушдкарда, кори муназзами ниҳодҳои бозорӣ, ҷалби захираҳои молиявӣ ва дигар захираҳои мамлакатҳои тараққикарда мавҷуд аст [11-М];

3. Таҳлили ҳолати кунунии ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки новобаста аз 5,5% коҳиш ёфтани масоҳати киштизироатҳои кишоварзӣ ҷамъоварии ҳосили шолӣ 3,5 баробар, сабзавот 44,3%, полизӣ 88%, меваю буттамевагиҳо ва ангур 24,3% афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бошад аз 7,5% зиёдшавӣ дар истеҳсоли пашм то 71,4% афзуншавии истеҳсли пилла ба назар мерасад. Ҳамчунин, таҳлилҳо собит намуданд, ки новобаста аз он ки аксари нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳои бахши саноати коркард тамоюли рушд дошта бошанд ҳам, аммо номутаносибии ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсоли хӯрокворӣ сабаби кам коркард шудани маҳсулоти кишоварзӣ

гардидааст. Дар ин самт асоснок карда шуд, ки сатҳи пасти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ риоя нашудани принсипи «ҷойгиркунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар наздикии ашёи хом» ва мавсимии истеҳсолот сабаби номунтазамии таъминоти корхонаҳои соҳа бо ашёи хом гардида, ҳамчунин куҳнашавии технологияи коркард боис шудааст, ки иқтидори корхонаҳои коркард дар водӣ ба пуррагӣ истифода намешавад.

Пешниҳод карда шуд, ки ҷиҳати коҳиши хароҷоти логистикӣ-нақлиётӣ, истифодаи пурраи иқтидор, пешгирии талафоти маҳсулоти зудвайроншавандаи кишоварзӣ, корхонаҳои хурду миёнаи коркардкунанда дар наздикии ашёи хом ҷойгир кардашуда, ҷиҳати мунтазамии таъминоти онҳо бо ашёи хом, истеҳсоли навъҳои маҳсулоти кишоварзии коркардбоб зиёд карда шавад. Инчунин асоснок карда шуд, ки барои рушди инноватсионии истеҳсолот дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ маблағгузорӣ ва сармоягузории соҳа зиёд карда шавад [3-М];

4. Дар ҷараёни таҳқиқот муаммоҳое ошкор карда шуданд, ки ба раванди такмили ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ монеа мешванд. Муаммоҳои мавҷудаи соҳаро мо вобаста аз манбаи пайдоишашон ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, сабаби пайдоиш ва роҳҳои ҳалли онро мухтасаран пешниҳод намудем, ки дар ҳолати татбиқи онҳо дар амалия то як андоза ҷиҳати рушди корхонаҳои хурду миёна мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир ташкили муносибатҳои ҳамгироӣ байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар заминаи ин корхонаҳо ташкили савдои фирмавӣ ва бо ин васила то ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти ниҳоӣ самаранокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолоти агросаноатиро баланд бардошта, рушди устувори соҳаро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади самарабахш ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамгироӣ зарур аст, ки дар марказҳои ҷамоату ноҳияҳо ва ё шаҳрҳо маҷмуаҳои саноатӣ таъсис дода, бо

мақсади рушди устувори самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ ва инчунин ҷустуҷӯйи роҳҳои фурӯш ва пешравиҳои он комплекси қарорҳои стратегӣ ва тактикӣ таҳия ва қабул карда шаванд [13-М];

5. Дар раванди таҳқиқот муайян карда шуд, ки ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ як воситаи асосии баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ, нигоҳдории суръати баланди рушд ва сатҳи даромаднокии ҳам истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам корхонаҳои хурду миёнаи коркардкунанда маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда шуд, ки бо мақсади амалисозии гузариши КХМ ба фаъолияти устувори навъи инноватсионӣ-технологӣ модели «Агросаноатлизинг» амалӣ карда шавад. Бо пешниҳоди хатҳои технологии инноватсионии тавсиявӣ исбот карда шуд, ки дар ҳолати КХ-и истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ ба тариқи лизинг ба даст овардани хатти технологии ғайримаъмулии тавсиявӣ метавонад дар муддати 10 сол пурра соҳиби он гардад.

Ҳисоб карда шуд, ки ба тариқи лизинг ба даст овардани хатти технологии инноватсионӣ ба фоида ва сатҳи даромаднокии корхона таъсири зиёд намерасонад. Ҳамчунин, асоснок карда шуд, ки дар сатҳи давлатӣ бояд коркарди сиёсати ҳавасмандгардонии рушди инноватсионии соҳа, инчунин гузаронидани форсайт-таҳқиқот мутамараказ гардонида шаванд. Дар минтақаҳо бошад, таъсиси маҷмуаҳои саноатии минтақавӣ зарур мебошад. Дар сатҳи соҳа, бояд кооператсияи илмӣ-техникӣ ва трансфери технология рушди махсусро соҳиб бошанд. Дар сатҳи ташкилот бояд низоми инноватсионии менеҷмент ва маркетинг, бо мақсади иҷрои самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ амал кунанд [1-М].

6. Дар раванди таҳқиқот муаммоҳо ва омилҳои аз фаъолият бозмондан, барҳамдиҳӣ, фаъолият накардан бо иқтидори пурра ва дар умум, рушд наёфтани КХМ–и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муайян карда шуда, пешниҳод карда шуд, ки ҷиҳати ҳалли муаммо ва омилҳои

манфии таъсиррасон сиёсати дастгирии давлатӣ, аз ҷумла, низоми ҳавасмандии молиявӣ, имтиёзҳои андозӣ- гумрукӣ, қарзӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ, сиёсати нархгузорӣ (нархҳои кафолатӣ, нархи мақсаднок, нархҳои гаравӣ ва нархҳои устувор) ва дастгирӣ ҷиҳати ташкили мағозаҳои фурӯши фирмавӣ бояд ба самти мусоидат ба тараққиёти зерсохторҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла КХМ-и коркарди маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шавад [5-М, 9-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Пешниҳод карда мешавад, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои соҳибкорӣ мафҳумҳои алоҳидаи «Корхонаи хурд», «Корхонаи миёна» ва «Корхонаи калон», ки мақоми мустақилонаи соҳибкорӣ дошта, бо мақсади ба даст овардани фоидаи дилхоҳ фаъолият менамоянд ҷорӣ карда шуда, андозаи онҳо вобаста ба сатҳи рушди рушди иқтисодиёт бо критерияҳои маҷмуии қонунан барои ҳар як соҳаи хоҷагии халқ дар алоҳидагӣ муайян ва критерияҳои маҷмуӣ ба сатҳи тараққиёти иқтисодиёт алоқаманд карда шаванд [6-М];

2. Тавсия менамоем, ки принсипҳои дар қонунгузории бахши соҳибкорӣ, ки хусусиятҳои умумии суъектҳои хоҷагидориро таҷассум намуда, бештар хоси тамоми навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд ба принсипҳои хоси фаъолияти КХМ, аз ҷумла: «Фурсати дуюм», «Аввал дар бораи хурд фикр кун», «Идоракунии мутамарказ», «Мувозинатии ҷойгиркунӣ», «Масъулияти мақомоти давлатӣ» ва «Тафриқаи корхонаҳо» иваз ва дар амал татбиқ карда шавад. Инчунин, дар муайянкунии андозаи корхонаҳо критерияҳои маҷмуи вобаста аз рӯйи нишондиҳандаҳои объекти идоракунӣ: миқдорӣ (арзишӣ ва ғайриарзишӣ), сифатӣ (сохтори ташкилӣ-ҳуқуқӣ, дараҷаи вобастагӣ, сохтор ва тавсифи истеҳсолот, сифати дороиҳо); аз рӯйи вазифаҳои субъекти идоракунӣ: идоракунии иқтисодӣ, молиявӣ-андозӣ, вазифаҳои сиёсати давлатӣ ва вазифаҳои оморӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат тавсия карда мешавад [7-М, 14-М];

